ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МТД «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ»

**ВБД 371:378+681.3+004**
**ТКБ 74.200 : 74.58+73**
**Ҷ-50**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ҶИЁНЗОДА ЗУЛФИЯ**

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ МУБРАМСОЗИИ ШАХСИЯТИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН БАРАНДАГОНИ ФАРҲАНГИ ИННОВАТСИОНӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили**
**фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
педагогӣ Гулмадов Ф.

**КӮЛОБ – 2026**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА..........................................................................3 – 15**

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ МУБРАМСОЗИИ ШАХСИЯТИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН БАРАНДАГОНИ ФАРҲАНГИ ИННОВАТСИОНӢ......................16 – 52**

1.1. Таҳлили назариявии анъана ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва маориф......................................................................................16 – 32

1.2. Технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун падидаи фарҳанг ва маориф......................................................................................32 – 48

Хулосаи боби якум.................................................................48– 52

**БОБИ II. МУАЙЯН НАМУДАНИ ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ МУБРАМСОЗИИ ШАХСИЯТИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН БАРАНДАГОНИ ФАРҲАНГИ ИННОВАТСИОНӢ.....................53 – 100**

2.1. Дастгоҳи илмии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ..........................................53 – 68

2.2. Ғояи асосии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ..........................................68 – 85

2.3. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ......................................................................................85–100

Хулосаи боби дуюм...........................................................100 – 102

**БОБИ III. ТАТБИҚИ ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ МУБРАМСОЗИИ ШАХСИЯТИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН БАРАНДАГОНИ ФАРҲАНГИ ИННОВАТСИОНӢ..................103 – 148**

3.1. Марҳилаи муқарраркунандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ...103–121

3.2. Марҳилаи ташаккулдиҳандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ..121 –134

3.3.Марҳилаи ҷамъбастии кори таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот..134 –149

Хулосаи боби сеюм..............................................................149 – 151

**ХУЛОСА.....................................................................................152 – 155**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ..........................................................156 – 176**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Таълим ва тарбияи насли наврас масъалаи муҳимест, ки ба рушди ҷомеа, иқтисод, сиёсат ва фарҳанг таъсир мерасонад. Ҷавонони эҷодкор тақдири ояндаро муайян мекунанд. Дигаргуниҳои иҷтимоию фарҳангӣ муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро водор месозанд, ки роҳҳои инноватсиониро дар соҳаи маориф ҷустуҷӯ намоянд ва ба рушди шахсият, муваффақият дар касб ва беҳтар шудани сифати зиндагии ҷавонон таваҷҷуҳ зоҳир кунанд.

Инноватсияҳо дар маориф ба азхудкунии намунаи башардӯстона нигаронида шуда, барои дастёбӣ ба сифати нави таълим, рақобатпазирӣ, рушди устувори инсон ва ҷомеа, тарбияи таҳаммулпазирӣ ва масъулият мусоидат мекунанд. Дар ин зимн, низоми таҳсилоти олии касбӣ шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ муҳим мешуморад. Таҷрибаи бошууронаи шахсият ба муайян кардани хусусиятҳои мубрамшавии муносибатҳои байнишахсии донишҷӯён ва рушди қобилиятҳои шахсии онҳо мусоидат мекунад. Дарк намудани нақши донишҷӯён, диққатро ба таъмини кумак, дастгирӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар бунёди муносибатҳои мутақобилаи «устод-шогирд» равона сохта, зарурати таҳияи мафҳуми идоракунии фаъолияти таълимии роҳбарии гурӯҳи донишҷӯёнро ба миён оварда, татбиқи арзишҳои ахлоқиро таъмин менамояд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба рушди фарҳанги инноватсионии донишҷӯён ва муносибати онҳо бо ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Таълим бояд ба таври фаъол усулҳои инноватсиониро истифода барад ва донишҷӯёнро ба иштироки фаъолона дар раванди омӯзиш ва таҳияи лоиҳаҳои мустақил ҳавасманд созанд.

Бо назардошти аҳамияти масъалаи мазкур, дар робита ба ин, таҳия ва татбиқи барномаҳои махсусе, ки ба рушди фарҳанги инноватсионӣ ва қобилиятҳои байнишахсии донишҷӯён нигаронида шудаанд, муҳим аст.

Чунин барномаҳо метавонанд дар шакли курсҳои иловагӣ, семинарҳо, тренингҳо ва лоиҳаҳои гурӯҳӣ амалӣ карда шаванд. Дар ин раванд, омӯзгорон бояд ҳамчун роҳнамоён ва ҳавасмандкунандагони донишҷӯён амал намуда, ба онҳо дар ёфтани роҳи худ дар ҳаёт, таҳияи стратегияи муваффақият дар касб ва мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи ҷомеа кумак расонанд. Аз ин лиҳоз, таҳияи амсилаи идоракунии фаъолияти таълимӣ, ки арзишҳои ахлоқиро дар бар мегирад, барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифаи муҳим ба шумор меравад. Ин амсила бояд ба принсипҳои адолат, шаффофият, эҳтиром ба фикру ақидаҳои гуногун ва мусоидат ба рушди шахсии донишҷӯён асос ёбад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Бояд зикр намуд, ки олимон-педагогҳои ватанӣ паҳлуҳои мухталифи тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ва шуурнокии миллиии хонандагону донишҷӯёнро омухта, тавсияҳои судмандро пешниҳод намудаанд. Аз ҷумла, олимон М. Лутфуллозода [142] ва А. Нуров [163] дар таҳқиқотҳои худ доир ба масъалаҳои педагогикаи миллӣ, Ф. Шарифзода [210] тарбияи сифатҳои ахлоқии хонандагон дар раванди дарс, И.Х. Каримова [108] масъалаҳои инсонгароии таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯёнро дар раванди таълим таҳқиқ намуда, оид ба тарбияи инсони комил тавсияҳои судмандро пешниҳод намудаанд. Олимон И. Арабов [9], Х. Раҳимзода [183] масъалаи ба ҳаёти мустақилона омода намудани хонандагони синфҳои болоиро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Муҳаққиқ Б. Маҷидова [146] таҳқиқоти худро ба масъалаи омӯзиши анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар тарбияи кӯдакон бахшидааст. Муҳаққиқ Қ.Б. Қодиров [123] оид ба таърихи тарбия аз аҳди бостон то замони Сомониён таҳқиқоти арзишманд анҷом додааст. Олимон Б. Раҳимов [180], Ф. Гулмадов [66] таҳқиқотҳои худро ба масъалаҳои назариявии ташаккули эътиқоди маънавӣ-ахлоқии мактаббачагони хурдсол ва тарбияи маданияти рафтору одоби хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшидаанд. Д.Н. Латипов [136] оид ба тарбияи арзишҳои фарҳанги миллии умумиинсонӣ таҳқиқот

анҷом додааст. Олими дигари тоҷик Н.Н. Шоев [211] оид ба технологияҳои инноватсионии таълиму тарбия дар заминаи омодасозии мутахассисони нав дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқот анҷом додааст. Илова бар ин, аз ҷониби муқаққиқони ватанӣ Г.Н. Наврӯзова [161] ва М. Қурбонов [135] оид ба масъалаҳои худшиносӣ ва шуурнокии миллии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангии таҳсилоти донишгоҳӣ диссертатсияҳои номзадӣ анҷом дода шудааст. Бояд зикр намуд, ки таҳқиқотҳои олимони зикргардида барои таҳқиқоти мо аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ доранд.

Бояд зикр намуд, ки аз ҷониби олимони рус масъалаҳои умуминазариявии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ таҳқиқотҳо анҷом дода шудааст, аз ҷумла, масъалаи ноил шудан ба мутобиқати сифати таҳсилот ба рушди инноватсионӣ дар заминаи рафъи бӯҳрони назариявӣ-методологии педагогика, татбиқи намунаи инсонпарварона, шахсият – меҳвар (Е.В. Бондаревская [39], В.П. Беспалко [28], В.И. Загвязинский [87], Э.Ф. Зеер [97], В.В. Сериков [191], В.А. Сластенин [193]), консепсияи идоракунии моҳиронаи гурӯҳ (Э.Ф. Зеер [96], И.В. Жижина [85], М.Н. Дудина [79], Р.В. Овчарова [165], О.Н. Шахматова [211]); истифодаи технологияҳои инноватсионии дидактикӣ дар амалияии таҳсилотӣ (В.И. Долгова [76], А.П. Панфилова [167], Г.К. Селевко [190] ва дигарон) ва ғайра.

Ба масъалаи татбиқи принсипи асосии педагогикаи фарҳангмувофиқӣ дар шароити муосир таҳқиқоти В.Л. Бенин [22], Г.И. Гайсина [51], Л.С. Подимова [171], бахшида шудаанд. Фарҳанг ва фаъолият дар асрсҳои Т.С. Бочкарева [42], Э.В. Галажински [52], В.Е. Клочко [120], [171], А.В. Хуторской [207] мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Масъалаҳои мушаххас кардани хусусиятҳои шахс оид ба ошкоро будан, омодагӣ ба гуногунандешии афкору ақидаҳо, қобилияти шарикӣ, масъулият, муоширатнокӣ, салоҳиятнокӣ дар таҳқиқотҳои А. Герасимова [53] ва Л.С. Подимова [171] ҳаллу фасл шудааст.

Дар адабиёти хориҷӣ асосҳои методологии назарияи дарки шахсият

таҳия карда шудааст, ки мувофиқи он рушди қобилиятҳои шахс бо роҳи мубрамсозӣ ва худмубрамсозӣ (А. Маслоу [150]), рушди синну солии айният, бо шумули бӯҳронҳо (Э. Эриксон [213]) таҳқиқ шудааст. Дар робита ба ин, дар масъалаи шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ зарурияти ҳалли як қатор **ихтилофот** ба миён меояд, ки зеринҳо мебошад:

– дар ҷанбаи иҷтимоию педагогӣ: байни талаботи муосири ҷомеа ба сифати таҳсилоти хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки бояд рақобатпазир буда, ба намудҳои инноватсионии фаъолият омода бошанд ва ба қадри кофӣ коркард нашудани асосҳои консептуалӣ ва таъминоти захиравии раванди таҳсилотӣ, ки ба мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ нигаронида шудааст;

– дар ҷанбаи илмӣ-педагогӣ: байни талабот ва имкониятҳои афзояндаи педагогикаи муосир, андрогогика ва дидактикаи таҳсилоти олии касбӣ дар татбиқи принсипи фарҳангмувофиқӣ, рушди шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ва асоснокии нокифоя дар назария ва амалияи идоракунии педагогии гурӯҳи донишҷӯён барои азхудкунии бомуваффақияти салоҳиятҳо, татбиқи эҷодии онҳо дар оянда;

– дар ҷанбаи илмӣ-методӣ: байни зарурати таҳқиқи нерӯи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои рушди хислатҳои шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, ки ба дарёфти мустақилона ва истифодаи эҷодкоронаи донишҳо ва салоҳиятҳо ҳавасманданд ва коркарди нокифояи таъминоти методӣ ва технологии раванди таълимӣ дар мақсадгузорӣ, мундариҷа ва дидактикаи фанҳои таълимӣ.

Ихтилофоти дар боло зикршуда имкон доданд, ки **проблемаи таҳқиқот** ҳамчун ноил гардидан ба мутобиқати сифати таҳсилоти олии касбӣ ба рушди шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ муайян карда шавад. Дар асоси ихтилофоти ошкоршуда ва

проблемаи таҳқиқот мавзӯи тадқиқот ҳамчун **«Мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ»** муайян карда шуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи накшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи мавзуи «Роҳу воситаҳои самаранок ба роҳ мондани таълими фанҳои сикли педагогӣ дар тайёр намудани омӯзгорони оянда ва тарбияи хонандагон бо истифода аз педагогикаи ниёгон» ба роҳ монда шудааст.

Зимни таҳқиқи масъалаи мазкур мо ба ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ-меъёрии соҳаи маориф: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 такя намудем.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** шароитҳои педагогии асосноккунии назарияи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ва татбиқи амалии он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Асоснок намудани ҷанбаҳои илмии анъана ва навовариҳо оид ба фарҳанги  инноватсияҳо дар муассисаи таҳсилоти олии касбии муосир.

2. Тавсифи шароитҳои педагогии технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун падидаи хусусиятҳои хоси анъана ва инноватсияҳо дар шароити кунунӣ.

3. Ошкор сохтани ҷанбаҳои назариявӣ-илмии шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ.

4. Омода намудани барномаи идоракунии педагогии фаъолияти донишҷӯён ҳамчун роҳҳои мубрамсозии фарҳанги инноватсионӣ.

5. Муайян намудани моҳияти шароитҳои педагогии раванди ташаккули рафтори боварибахши донишҷӯён ҳамчун масъалаи умумипедагогӣ ва шарти муваффақиятнокии идоракунии фаъолияти гурӯҳи донишҷӯён дар раванди таҳсилотӣ.

6. Тарҳрезии шароитҳои педагогии ташаккули шахсияти донишҷӯён ҳамчун намояндагони фарҳанги нав дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ.

**Объекти таҳқиқот** – шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги инноватсионии донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** – мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар фаъолияти педагогӣ.

**Фарзияи тадқиқот**. Мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ самаранок хоҳад буд, **агар**:

– нуктаҳои муҳими назариявӣ оид ба шароитҳои педагогии ташаккули шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ошкор, муайян ва асоснок карда шуда, барномаи идоракунии педагогии гурӯҳи донишҷӯён коркард карда шавад;

– имконият ва нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки ба рушди шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ нигаронида шудааст, таҳқиқ карда шавад, мақсадҳо, мундариҷа ва технологияҳои фанҳои таълимӣ барои татбиқи принсипи фарҳангмувофиқӣ бо мақсади худмубрамсозии шахсияти донишҷӯён нигаронида шавад;

– барои технологикунонии консепсияи педагогии фаъолияти донишҷӯён амсилаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён таҳия карда шавад ва дар асоси он шароити зарурии педагогӣ дар амал санҷида шуда, меъёрҳои татбиқи бомуваффақияти барномаи идоракунии педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шавад;

– хислатҳои шахсият ҳамчун ҳомили фарҳанги инноватсионӣ

(ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба навоварӣ, эҷодкорӣ, бовариноки, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулиятнокӣ) ошкор карда шаванд;

– салоҳияти касбии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба амалӣ намудани принсипи фарҳангмувофиқии тарбия дар таълими шахсият – меҳвар равона карда шавад, ки мақсаду мазмун ва технологияи истифода ва татбиқи бошууронаи инноватсияҳо ба азхудкунии бомуваффақияти донишу салоҳиятҳо ҷиҳати истифодаи эҷодии онҳо аз ҷониби донишҷӯён дар рафтори боварибахш, инчунин таҷрибаи шахсӣ мусоидат кунад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихи таҳқиқот)**

**Марҳилаи якум, ҷустуҷӯӣ (солҳои 2019–2020)** – муқарраркунанда: таҳлили вазъи масъала дар назария ва амалияи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ. Адабиёт оид ба масъала омӯхта шуда, маводи таҷрибавӣ ҷамъоварӣ карда шуда, дастгоҳи илмии таҳқиқот ба шакл даровarda шуда, объект, предмет, фарзия, ҳадаф, вазифаҳо ва мазмуни кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дақиқ карда шуда, меъёрӣ сатҳи баҳодиҳии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ таҳия карда шуд.

**Марҳилаи дуюм (солҳои 2021–2023)** ташаккулдиҳанда. Дар ин марҳила кори таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронида шуда, амсилаи муайянкунии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дақиқ карда шуда, амсилаи сохтории меъёрӣ сатҳи баҳодиҳии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мавриди санҷиш қарор дода шудаст.

**Марҳилаи сеюм (солҳои 2024–2025) назоратӣ.** Дар ин марҳила натиҷаҳои таҳқиқот низомбандӣ, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ карда шудааст.

**Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот:**

1. Дастгоҳи илмии тадқиқот низомбандӣ карда шуд, ки мафҳуми асосии камтаҳқиқшудаи «донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги

инноватсионӣ»-ро дар бар гирифта, ҳамзамон моҳияти он дақиқ карда шуда, хислатҳои шахсият муайян карда шуданд, ки ин имкон медиҳад консепсия дар ҳама гуна муассисаи таҳсилоти олии касбӣ татбиқ карда шавад.

2. Мутасилии амсилаи педагогӣ дар таҳсилоти бетанаффус, ки шароити идоракунии педагии фаъолияти донишҷӯёнро амалӣ мекунад, асоснок карда шуд. Муҳиммияти ғояҳои педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки ба заминаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва шахсияти рушдёбанда мувофиқанд, нишон дода шуданд.

3. Муҳиммияти назариявии шароити педагогии раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи амсилаи муайянкунии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ва амсилаи сохтории мубрамсозии шахсияти донишҷӯён, ки воситаи амалӣ намудани нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, рушди фарҳангмувофиқӣ, касби ҳувияти фарҳангмувофиқӣ дар аосси истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар шароити идоракунии фаъолияти донишҷӯён маҳсуб меёбад, асоснок карда шуданд.

4. Низоми аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшудаи шароитҳои педагогии ташкилӣ-методологии таъмини мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар ҷанбаҳои мазмунӣ ва амалӣ (шаклҳои инноватсионӣ, методҳо, воситаҳои интерактивӣ) таҳия карда шуд, ки назарияи таъминоти педагогии омодасозии донишҷӯёнро ғанӣ мегардонад.

5. Падидаи рушди рафтори боварибахши донишҷӯён дар муносибати тарафайни бо мақсад, дар раванд ва натиҷаи азхудкунии салоҳиятҳо дар шароити идоракунии педагогӣ фаъолияти донишҷӯён таҳқиқ карда шуд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи маълумотро дар диссертатсия асарҳои файласуфон, психологҳо ва олимони соҳаи педагогика, ки ҷанбаҳои шуурнокии шахсиятро дар бар мегиранд, ташкил медиҳад. Ҳамзамон, ба сифати сарчашмаи маълумот санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар санадҳои меъёрӣ, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хизмат намуданд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами омӯзгорони муассиссаҳои таҳсилоти олии касбӣ; мушоҳидаи мунтазам ва давомноки ҷараёни амалӣ намудани шароитҳои педагогии такмилёбии худруштдиҳӣ, худмубрамсозии шахсияти донишҷӯён бо дарназардошти идоракунии педагогии фаъолияти гурӯҳи донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангии таҳсилотии донишгоҳӣ; гузаронидани сӯҳбатҳои фардӣ ва гурӯҳӣ бо омӯзгорон, сарпарастони гурӯҳҳои таълимӣ ва донишҷӯён; ба вуҷуд овардани лаҳзаҳои мубоҳисавӣ дар ҷараёни дарс ва корҳои беруназаудиторӣ; санҷиши масъалаҳои дар фарзия гузошташуда тариқи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ рӯи кор омаданд.

**Пойгоҳи озмоишии таҳқиқот.** Таҳқиқот дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгҳи давлатии Данғара ва Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон гузаронида шуд. Дар озмоиш 540 нафар донишҷӯёни муассисаҳои таълимии номбаршуда ширкат варзиданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**:

1. Амсилаи мушаххасгардонии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар асоси таҳлили омилҳои беруна ва дохилӣ таҳия гардида, амали муштараки омилҳоеро инъикос менамояд, ки раванди таълимиро мукаммал месозанд.

2. Дастгоҳи илмии таҳқиқот дақиқ карда шуда, таърифҳои муаллифии мафҳумҳои калидӣ дар заминаи дигаргуниҳо ва пешравиҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дода шуданд: «диалектикаи анъанаҳо ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва маориф», «фарҳанги инноватсионӣ», «принсипи

фарҳангмувофиқии тарбия», «шахсияти донишҷӯён» ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ «Тамоюли худмубрамсозӣ» «Фарҳанги инноватсионии педагогӣ», «Мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» ва ғайра ба шакл даровarда шуд.

3. Асосҳои педагогии хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ошкор ва муайян карда шуданд: ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба иннватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулият, ки ба таври мақсаднок дар амалигардонии ҷузъҳои арзишӣ-маъноӣ ва технологии таҳсилоти олии касбӣ рушд меёбанд.

4. Консепсияи идоракунии педагогии фаъолияти донишҷӯён ҳамчун барандагони инноватсия дар асоси назарияи мубрамсозии шахсият таҳия шудааст. Ғояҳои асосӣ бо омилҳое муайян шуданд, ки рушди шахсиятро муайян карда, мазмуни онҳоро асосҳои методологӣ, назариявӣ ва амалии идоракунӣ ташкил медиҳанд.

5. Меъёри арзёбии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, ки барои муайян кардани дараҷаи омодагии онҳо ба қабул ва эҷоди навовариҳо пешбинӣ шуда, аз се сатҳ паст, миёна ва баланд иборат аст, коркард карда шудааст. Ин меъёрҳо имкон медиҳанд, ки дараҷаи рушди салоҳияти инноватсионии донишҷӯён ба таври объективӣ баҳогузорӣ гардад ва барои такмили раванди таълим ва омодасозии онҳо ба фаъолияти инноватсионӣ тавсияҳои мушаххас пешниҳод карда шаванд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ташаккул додани хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, ки ба рақобат дар ҳаёт ва касб мусоидат мекунанд, муҳим маҳсуб дониста мешад: ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ ва таҳаммулпазирӣ.

2. Барномаи идоракунии педагогии донишҷӯён ҳамгироии хусусиятҳои инфиродӣ-психологии омӯзгорро дар соҳаҳои эҳсосотӣ,

зеҳнӣ ва амалӣ пешбинӣ намуда, ҳамкории фаъол бо донишҷӯён ва истифодаи технологияҳои муколамавиро дар бар мегирад.

3. Фазои таҳсилотӣ ва фарҳанги муштараки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо иҷрои принсипи фарҳангмувофиқӣ дорои нерӯи арзишӣ-маъноӣ, иттилоотӣ-мазмунӣ, фарҳангшиносӣ, педагогӣ ва иртиботиро доро мебошанд, ки амалисозии он ба тарҳрезии амсиласозии мақсадҳои ҳаётӣ ва касбии донишҷӯён самт медиҳад.

4. Истифодаи амсилаи сохторӣ, ки дорои қисматҳои мақсаднок, меъёрӣ, методологӣ, мазмунӣ, технологӣ ва назоратӣ мебошад, барои мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ самаранок аст. Татбиқи ин қисматҳо ба тағйирёбии мусбати ҳавасмандӣ ба таҳсил, қобилият ва хоҳиши иштирок дар инноватсияҳо, ва касби таҷриба дар фаъолияти эҷодӣ таъсир мерасонад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**.

1. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кори омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ ва роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳияи барномаҳои асосии касбии таҳсилотӣ ва барномаҳои корӣ дар соҳаи маориф мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

2. Истифодаи амсилаҳои пешниҳодшуда зимни мутобиқ кардани онҳо ба шароити ҳар гуна муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои мубрамсозии бомуваффақияти хислатҳои шахсии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ самаранок мебошад.

3. Тавсияҳои зерин таҳия карда шуданд: оид ба идоракунии нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти оли касбӣ ҷиҳати мубрамсозии бомуваффақияти хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ; оид ба низоми такмили ихтисоси ҳайати профессорӣ-омӯзгорӣ; оид ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии педагогӣ дар раванди таҳсилотӣ; оид ба тартиб додани маҷмӯи воситаҳои ҳавасмандгардонӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯён.

4. Тавсияҳооид ба таҳқиқ ва такмили фарҳанги муштараки муассисаи

таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шуданд, ки аз ҷониби ҳамаи субъектҳои раванди таҳсилотӣ азхуд карда мешаванд.

**Дараҷаи эътимодноки натиҷаҳои таҳқиқот** бо мавқеъҳои ибтидоии умумиметодологӣ, далелнокии хулосаҳои назариявӣ, таҳияи методикаи таҳқиқот, истифодаи методҳое, ки ба моҳияти падидаи мавриди омӯзиш мувофиқат мекунанд, хусусияти тӯлонӣ будани омӯзиши амалияи таҳсилотӣ дар заминаи масъалаи илмии мавриди омӯзиш ва ташкили кори озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; мантиқ ва сохторсозии бобҳои назариявӣ ва амалии кори таҳқиқотӣ таъмин шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз асосноккунии шароити педагогӣ ва ғояҳои асосии масъалаи мавриди омӯзиш; тафсири мафҳумҳои «фарҳанги инноватсионии донишҷӯён», «идоракунии педагогии фаъолияти донишҷӯён» ва амсилаи сохтории баландшавии мунтазами салоҳиятнокии психологӣ-педагогии омӯзгорон, ошкоркунии нерӯи педагогии муҳити бисёрфарҳангии таҳсилотии педагогӣ дар мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ; таҳия ва тасдиқи амсилаи сохторию амалисозии идоракунии педагогии фаъолияти донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ иборат мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот:** ғояҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ,

байнидонишгоҳӣ, минтақавӣ пешниҳод гардида, мавриди тасвиб қарор гирифта, дар кафедраҳои педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, мусбат арзёбӣ карда шуданд.

**Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯи мазуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 10 мақолаи илмӣ интишор гардидааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда нашр шудаанд.

**Сохтори диссертатсия** ба мантиқи таҳқиқот мутобиқ буда, аз муқаддима, се боб, хулосаи умумӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, матни асосии он 176 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад. Баёни мавод бо ҷадвалҳо, диаграммаҳо, расмҳо мусаввар карда шудааст.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ МУБРАМСОЗИИ ШАХСИЯТИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН БАРАНДАГОНИ ФАРҲАНГИ ИННОВАТСИОНӢ

## 1.1. Таҳлили назариявии анъана ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва маориф

Дар таҳқиқот фарҳанг ҳамчун зуҳуроти фавқуттабиӣ, ки бо фаъолияти инсон дар эҳёи таҷриба ва эҷоди навоварӣ алоқаманд аст, баррасӣ мешавад. Мо мафҳуми фарҳангро аз дидгоҳи арзишҳои онтологӣ (бахши фалсафа, ки мавҷудияти ҳастӣ, принсипҳои асосӣ, сохтор ва намунаҳои онро меомӯзад), гносеологӣ (бахши фалсафа, ки имкониятҳо ва ҳудуди дониш, инчунин табиат ва шаклҳои донишро меомӯзад) ва аксиологӣ (назарияи арзишҳо) таҳлил кардем, ки ин арзишҳо инсонро ҳамчун барандаи фарҳанг муаррифӣ мекунанд. Бо вуҷуди таърифҳои гуногуни фарҳанг, мо саъй кардем, ки тамоюлҳои рушди фарҳангро таҳлил намуда, маъноҳои онтологӣ, гносеологӣ ва аксиологии рушди ҷомеа, фарҳанг ва инсонро таҳлил намоем.

Дар ҷараёни таҳқиқот, мо ба муносибати фарҳанг бо дигар зуҳуроти иҷтимоӣ, аз қабили сиёсат, иқтисод диққати ҷиддӣ додем. Муайян гардид, ки фарҳанг ҳамчун зерсистемаи мураккаби ҷомеа, дар ҳамкорӣ бо ин ҷузъҳо, дар ташаккули арзишҳо ва меъёрҳои рафтори инсон нақши калидӣ мебозад. Ин муносибатҳо тавассути таҳлили сарчашмаҳо ва адабиётҳои гуногун баррасӣ шуданд.

Ҳамзамон, таҳлили мо нишон дод, ки фарҳанг дар худ механизмҳои муҳофизати арзишҳо ва меъёрҳои асосиро дорад. Ин механизмҳо тавассути институтҳои иҷтимоӣ, аз қабили оила, мактаб амалӣ мешаванд. Онҳо насли навро бо арзишҳои фарҳангӣ ошно сохта, ба ин васила, ба идомаи он мусоидат мекунанд. Ин нуктаро олимони соҳаи педагога ва психология, аз қабили Л.С. Виготский ва Ж. Пиаже низ таъкид кардаанд, ки ба нақши муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар рушди шахсият диққати махсус додаанд.

Дар таҳқиқот инчунин масъалаи тағйирёбии фарҳанг дар шароити ҷаҳонишавӣ баррасӣ гардид. Муайян шуд, ки ҷаҳонишавӣ, бо вуҷуди таъсири мусбат ба рушди иқтисодӣ ва мубодилаи фарҳангҳо, метавонад боиси хатарҳои марбут ба якхелашавии фарҳангӣ гардад. Барои пешгирии ин хатарҳо, зарурати ҳифзи мероси фарҳангӣ ва гуногунии фарҳангӣ таъкид гардид. Дар ин росто, корҳои ЮНЕСКО оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ ва дастгирии гуногунии фарҳангӣ (UNESCO, 2009) ҳамчун намунаи муҳим зикр карда шуданд.

Дар натиҷа, таҳқиқот ба хулосае овард, ки фарҳанг на танҳо як зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ аст, балки омили муҳими рушди ҷомеа, фарҳанг ва инсон мебошад. Ҳифз ва рушди фарҳанг, дар шароити ҷаҳонишавӣ, вазифаи муҳими ҳар як ҷомеа мебошад, зеро он ба таъмини идомаи таърихӣ ва худшиносии миллӣ мусоидат мекунад. Барои расидан ба ин ҳадаф, зарур аст, ки стратегияҳои мушаххаси сиёсати фарҳангӣ таҳия карда шаванд, ки дар асоси арзишҳои онтологӣ, гносеологӣ ва аксиологӣ бунёд ёфтаанд.

Ҳамин тавр, дар доираи баҳси зикршуда саволе дар бораи инсон ба миён меояд, ки дар раванди шиносоӣ бо фарҳанг аз тариқи таҳсилот тағйир ёфта, ҳадафҳояш бо ҳадафҳои ҳаёти ҷомеа зич алоқаманданд. Инро С.И. Гессен таҳқиқ намуда, фаҳмиши низоми маорифро бо фаҳмиши тартиботи зиндагӣ аз тариқи фарҳанг пайваст карда, якчанд қишрҳои фарҳангро фарқ мегузорад. Вай навишта буд: «Ҳамин тариқ, дар таркиби зиндагии як одами муосир мо гӯё се қабатро фарқгузорӣ кардем: таҳсилотгирифта, шаҳрвандӣ ва тамаддун. «Калимаи фарҳанг» бо маҷмӯи ҳар се қабат ифода ёфтааст. Ва минбаъд вай нақшае пешниҳод карда, чунин мешуморид, ки он «беҳтар аз ҳама фарқиятҳои тавлидшударо ифода мекунад» [55, с. 27].

Барои методологияи педагогика тезиси зерини Гессен аҳамияти хоса дорад: «Дар байни маориф ва фарҳанг, ҳамин тавр, мувофиқати дақиқ вуҷуд дорад. Таҳсилот ҷуз чизе нест, магар ин ки фарҳанги фард. Ва агар фарҳанг дар робита бо мардум маҷмӯи мақсадҳо – супоришҳои

тамомнашаванда бошад, пас дар робита ба фард низ таҳсилот супоришҳои тамомнашаванда мебошад, бинобар ин, анҷомёфта шуда наметавонад. «Танҳо шахси бетаҳсилот метавонад даъво кунад, ки ӯ масъалаи таҳсилотро барои худ пурра ҳал кардааст» [55, с. 35].

Ин чунин маъно дорад, ки мақсаду вазифаи таҳсилот ташаккули як фард ба шахси фарҳангӣ тавассути ошнои пайдо кардан бо арзишҳои фарҳангии илм, санъат, ахлоқ, қонун ва иқтисодиёт ифода меёбад. Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон маориф ниҳоди муҳимми давлатӣ буда, эҳтиёҷоти инфиродӣ ва ҳуқуқҳои инсонро қонеъ мегардонад.

В.Л. Бенин қайд менамояд, ки «Фарҳанг сатҳи таърихан муайяншудаи рушди ҷомеа, қувваҳои эҷодӣ ва қобилияти инсон аст, ки дар шаклҳои ташкили ҳаёт ва арзишҳои моддӣ ва маънавӣ ифода меёбад. Фарҳанг рисолати таҷдид ва дигаргунсозии инсонро дорад. Дар ибтидо анъана бартар буд, аммо баъдан таъсири мутақобилаи анъана ва навоварӣ афзуд. Омӯзиши технологияҳои педагогӣ ва таснифоти онҳо аҳамияти ин мафҳумро барои омӯзгорони муассисаҳои олӣ нишон дод» [22, с. 46].

Таҳлили методологӣ ва назариявӣ диалектикаи анъана ва навовариро дар фарҳанг ва маориф ошкор сохта, технологияҳои инноватсиониро ҳамчун ҷузъи фарҳанг ва маориф муаррифӣ кард. Дар натиҷа, масъалаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ муайян гардид.

Таҳлили гузаронидашудаи методологӣ ва назариявии мавзӯи аз ҷониби мо интихобгардида, муайян кардани диалектикаи анъана ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва маориф, арзёбии технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун падидаи фарҳанг ва маориф ба мо имконият дод, ки дар тавсифи дастгоҳи илмии масъалаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсия пурратар истода гузарем. Ба мафҳумҳои калидӣ мо: «диалектикаи анъана ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва маориф», «фарҳанги инноватсионӣ», «шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ», «тамоюли худмубрамсозии

шахсияти донишҷӯён», «фарҳанги инноватсионии педагогӣ», «нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» ва ғайраро нисбат додем.

Дар ошкор намудани робитаи зичи фарҳанг ва тамаддун, мо ба мафҳуми «тамаддун» муфассалтар мегузарем. Ин мафҳум дар охири асри XVIII дар Аврупои Ғарбӣ пайдо шуда, ба усули худмуайянкунии инсоният дар муносибат бо табиат, ҷомеа ва фарҳанг табдил ёфтааст.

Айни замон олимон 8 маънии консептуалии истилоҳи тамаддунро муайян намудаанд:

1. Зинаи рушди ҷамъиятӣ. (Л. Морган, К. Маркс, Ф. Энгелс).

2. Навъи махсуси тартиботи иҷтимоӣ, ки бо баъзе афзалиятҳо фарқ мекунад. Масалан, бо «бофароғатии»-и ҳаёт (Ф. Волтер, А. Ферпоссон, А. Тюрго, Л. Уайт, В. Огборн, Э. Тофлер).

3. Шакли махсуси азхудкунии қувваҳои табиат, ки ё ҳукмронӣ аз болои табиат ва ё ҳамзистӣ бо онро таъмин мекунад (О. Конт, Г. Спенсер, Г. Бокл, Г. Риккерт, Н.Я. Бромлей, Б. С. Ерасов, В.С. Огепин, В.С. Стенин).

4. Муродифи фарҳанг (А. Тойнби, Л. Уайт, Э. Тейлор, М.С. Каган).

5. Умумияти калонмиқёси таърихӣ, ки дастовардҳои моддӣ ва маънавиро ҳамгиро сохта, дар самти пешрафт рушд мекунад (И.А. Сорокин, К. Ясперс, М. Блок, Г. Бокл, К. Маркс, Ф. Энгелс, Э. Тейлор, Тофлер, Л.И. Мечников).

6. Маҷмӯи арзишҳо (Ф. Волтер, А. Ферпосон, И. Ҳердер, Ф. Бродел, И.А. Сорокин, Н. Н. Моисеев.

7. Марҳилаи ниҳоии заволёбандаи ҳар гуна фарҳанги маҳаллӣ (О. Шпенглер, Н.А. Бердяев, Н. Я. Данилевский);

8. Лоиҳаи технологӣ, ки ба худи таърих хос буда, ба тобеъ кардани табиат нигаронида шудааст, аммо ба тобеъгардонии худи инсон, ба фарҳанг мубаддал мегардад (Ҷ. Маркус, Ж. Руссо, Ф. Фукуяма).

Дар Луғатномаи фалсафӣ омадааст, ки «тафовути тамаддун ва фарҳангро аз дидгоҳи таърихӣ ё онтологӣ фаҳмидан мумкин аст» [38, с. 107]. Таърихан, фарҳанг шакли умумии фаъолияти инсонӣ буда, ҷавҳари

ҳаёти инсон аст. Тамаддун пас аз ҷамъияти ибтидоӣ меояд ва дар ибтидо ва интиҳояш муайян аст. Имкониятҳо таҷрибаи гузаштаро таҷдид мекунанд ва мерос мегузоранд, ки фарҳангро ба вуҷуд меоранд. Имкониятҳои дигарро насли фаъол эҷод мекунад, ки ба оянда нигаронида шудаанд.

Бӯҳрони тамаддун ва аз меъёр зиёд баҳогузорӣ кардани арзишҳо муносибати куллиро ба оянда тақозо мекунанд. Дар сатҳи инфиродӣ, ин муносибат ҳаммаъно мешавад, ки фаҳмиши роҳҳои дигари тафаккурро дар сатҳи умумиҷаҳонӣ пешбинӣ мекунад ва метавонад асоси рафтори умумиҷаҳонии одамон гардад, ки тақсимшавиро ба гурӯҳҳо истисно мекунад.

Фарҳанги инноватсионӣ, аз ҷумла, фарҳанги педагогӣ, ба ҳамин самт нигаронида шудааст. Дар ин масир роҳ аз фарҳанги муфидӣ ба фарҳанги шаъну шараф кушода мешавад. Психолог А.Г. Асмолов онро «роҳи тайнашуда» меномад ва «тасвири мафҳумҳои фарҳангро дар таърихи инсонӣ» дар ду қутб - муфидӣ ва шаъну шараф ҷойгир мекунад ва ба ҳар кадоми онҳо тавсифи мухтасар медиҳад. Ӯ таъкид кардааст, ки: «Фарҳанге, ки ба муфидӣ нигаронида шудааст, ҳамеша ба мувозинат, ба худҳифзкунӣ ҳаракат карда, ҳамеша дар андешаи он аст, ки зинда монад, на зиндагӣ кунад», ҳамин тавр он худро таҷдид мекунад» [10, с. 589]. «Масъалаи дигар, – менависад муҳаққиқ, – фарҳангест, ки ба шаъну шараф нигаронида шудааст. Дар чунин фарҳанг арзиши пешбар арзиши шахсияти шахс аст, новобаста аз он, ки оё аз ин шахсият ягон чиз барои иҷрои ин ё он кор гирифтан мумкин аст ё не» [10, с. 89].

Муҳаққиқ А.Г. Асмолов таъкид менамояд, ки «Масъалаи робитаи маориф ва фарҳанг ҷудонопазир ва байнифаннӣ аст. Дар таҳсилоти олии касбӣ роҳҳои рушди шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ҷустуҷӯ мешаванд. Аз ин рӯ, амсилаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён, ки принсипи фарҳангмувофиқро татбиқ мекунад, муҳим аст. Принсипи фарҳангмувофиқӣ маънои онро дорад, ки ҳар шахс дар зинаи муайяни рушди фарҳанг зиндагӣ мекунад ва тарбия мегирад.

Инчунин тарбия бояд ба қонуниятҳои психофизиологӣ ва психологии рушди инсон асос ёбад. Таҳияи минбаъдаи ин принсипҳо боиси асоснокшавӣ ва татбиқи муносибати фарҳангӣ мегардад, ки дар он шахс ҳамчун субъекти фарҳанг ва шахси асосии амалкунанда баррасӣ мешавад» [11, с. 91].

Дар самти таҳсилоти олии касбӣ, муносибати фарҳангӣ тақозо мекунад, ки донишҷӯён ҳамчун субъектҳои фаъоли фарҳангӣ, ки қодиранд арзишҳои фарҳангиро эҷод, интиқол ва тағйир диҳанд, эътироф шаванд. Ин дидгоҳ муаллимонро вазифадор месозад, ки дар раванди таълим на танҳо ба интиқоли дониш, балки ба инкишофи қобилияти донишҷӯён дар муайян кардани мавқеи шахсӣ дар муносибат бо фарҳанг, дарк ва қабули арзишҳои фарҳангии гуногун ва дар татбиқи амалии онҳо дар фаъолияти касбӣ тавaҷҷӯҳ зоҳир намоянд.

Муҳаққиқ Г.М. Романцев қайд менамояд, ки «амсилаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён дар асоси принсипи фарҳангмувофиқӣ бояд усулҳои фаъоли таълим, аз қабили омӯзиши лоиҳавӣ, муҳокимаҳои гурӯҳӣ, таҳлили ҳолатҳо ва моделиронӣ дар вазъиятҳои касбиро дар бар гирад. Ин усулҳо ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки дониш ва малакаҳои худро дар амал татбиқ намуда, таҷрибаи мустақили фаъолияти эҷодиро ба даст оранд. Илова бар ин, ба барномаҳои таълимӣ ворид намудани курсҳои интихобӣ оид ба фарҳангшиносӣ, сотсиологияи фарҳанг ва антропологияи фарҳангӣ барои тавсеаи ҷаҳонбинии фарҳангии донишҷӯён мусоидат мекунад» [183, с. 51]

Таҳияи минбаъдаи принсипҳои табиатмувофиқӣ ва фарҳангмувофиқӣ боиси таҳаввулоти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва татбиқи муносибати фарҳангӣ гардааст, ки дар он шахс субъекти фарҳанг аст. В.А. Сластёнин ва Л.С. Подимова қайд мекунанд, ки «фарҳанг тавассути инноватсия амалӣ мешавад. Ҳар як шахсият ҳамчун ҳомили фарҳанги шахсиятӣ амал мекунад ва сарвати фарҳангии шахсият дар натиҷаи таърихи пешинаи ҷомеа ташаккул меёбад» [171, с. 28].

Натиҷаҳои таҳқиқоти мо бозгӯ мекунанд, ки дар таҳсилоти олии

касбӣ истифода бурдани принсипи фарҳангмувофиқӣ на танҳо имкон медиҳад, ки шахсияти донишҷӯён рушд ёбад, балки инчунин он хислатҳоеро, ки барои донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ зарур мебошанд, мубрам месозад. Аз ҷумла, ин принсип ба рушди ҳассосияти фарҳангӣ, ки қобилияти дарк ва эҳтироми арзишҳои гуногуни фарҳангиро дар бар гирифта, имкониятҳои эҷодкорона ҳал намудани масъалаҳои гуногунро фароҳам меорад, такони ҷиддӣ медиҳад.

Ҳамчунин, кушода будан ба инноватсия, ки омодагии қабули ғояҳои нав ва ворид намудани онҳо ба фаъолиятҳои ҳамарӯзаро таъмин мекунад; эҷодкорӣ ҳамчун қобилияти тавлиди идеяҳои нав ва ғайриоддӣ; боварибахшӣ ҳамчун сифати муҳиме, ки ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки ақидаҳои худро дифоъ намоянд ва муносибати худро нисбат ба масъалаҳои мухталиф баён кунанд; таҳаммулпазир будан барои дарки афкорҳои гуногун ва эҳтироми онҳо; худмубрамсозӣ барои дарки потенсиали шахсӣ ва талош барои амалӣ намудани он; ва масъулият ҳамчун қобилияти қабули қарорҳои дуруст ва оқибати онҳоро ба дӯш гирифтан, мусоидат мекунад.

Баррасии минбаъда нисбатдиҳии мафҳумҳои «инноватсияҳо» ва «анъанаҳо»-ро талаб мекунад. Истилоҳи «инноватсия», ки дар солҳои 1930 ба гардиши илмӣ ворид шуд, ғояи паҳншавии падидаҳои фарҳангиро дар бар мегирифт (Г. Гадамер, П.С. Гуревич ва дигарон).

Дар ҷомеашиносии маориф равандҳои инноватсионӣ аз солҳои 60-уми асри гузашта бо истифода аз василаҳои фарҳангӣ омӯхта шуданд. Инноватсия ҳамчун роҳу усули наве фаҳмида мешавад, ки ба низоми таҳсилот ворид карда мешавад. Дар ҷомеашиносии маориф инноватсияҳо бар муқобили анъанаҳо гузошта мешуданд, ки ин боиси дарки номуносиби вазъият мегардад. Муҳаққиқ В.В. Аверянов менависад: «Анъанаи фарҳангӣ яке аз воситаҳои фарҳанг аст. Аммо ин як воситаи махсус, хеле мушаххасест, ки тамоми низоми фарҳангро фаро гирифта, аслан ба тамоми ҷабҳаҳои он дохил мешавад. Анъанаи фарҳангӣ, ки аз ин нуқтаи назар баррасӣ шудааст, як механизми махсуси фарҳангро

ташаккул медиҳад, ки барои ташаккули таҷрибаи махсуси зиндагӣ тавассути пешакӣ баҳогузорӣ ба «тагйирёбии фарҳангӣ» (навовариҳо) таҳия шудааст» [2, с. 49].

Дар таҳқиқоти муосир, инноватсия дар маориф ҳамчун суръатёбии мураккабе арзёбӣ мегардад, ки дар он анъана ва навгонӣ ҳамдигарро пурра мекунанд. Ин муносибат тақозо менамояд, ки ба таҳлили амиқи равандҳои таърихии рушди таҳсилот ва таъсири омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ диққат дода шавад.

Мавриди зикр аст, ки дар вазъи глобализатсия ва технологияҳои иттилоотӣ, инноватсия дар маориф на танҳо дар тағйири шаклҳои ташкилии дарс ва усулҳои таълим, балки дар таҷдиди мазмуни таълим, рушди салоҳиятҳои калидӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии муосир ифода меёбад. Ин равандҳо, дар навбати худ, ба тағйири нақши муаллим, ки аз ноқили дониш ба роҳнамо ва ҳамоҳангсози фаъолияти таълимии хонандагон табдил меёбад, мусоидат мекунанд.

Бо вуҷуди ин, ворид намудани инноватсия дар маориф бояд бо назардошти хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеа амалӣ карда шавад. Беэътиноӣ ба арзишҳои анъанавӣ ва хусусиятҳои миллии таҳсилот метавонад ба муқовимати иҷтимоӣ ва коҳиши самаранокии инноватсия оварда расонад. Дар ин замина, таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои гуногун дар соҳаи инноватсия дар маориф ва муайян намудани омилҳои муваффақият ва нокомиҳо аҳамияти калон дорад.

Мафҳуми «тагйирёбии ҳомили ахбори фарҳангӣ», ки дар асари В. Аверянов пешниҳод шудааст, «ҳамчун тазоди диалектикии анъанаҳои фарҳангӣ баррасӣ мешавад» [2, с. 13]. Ба ақидаи В. Аверянов «анъана дорои сохтори мураккабест, ки тағйирёбӣ, суботсозӣ, навсозӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Он аз меҳвари фавқуташкилӣ, соҳаи ташкилии татбиқи тамомият ва инфрасохтори тамаддунӣ иборат аст. «нъана инноватсияро қабул мекунад ва онро мутобиқ месозад» [2, с. 13 – 14]. В.В. Аверянов масъаласозии инноватсияҳои ҳамоҳангро зарур мешуморад. Ӯ қайд менамояд, ки «хусусияти ташаккули анъана дар нигоҳ доштани таҷрибаи

такроршаванда ва мустаҳкам намудани «тасвири ҷаҳон» зоҳир меёбад» [2, с. 16].

Анъана дар ҷараёни таърихӣ ҳамчун механизми муҳими интиқоли таҷрибаи ҷамъшуда аз насл ба насл амал мекунад. Ин механизм имкон медиҳад, ки арзишҳо, меъёрҳо ва намунаҳои рафтор, ки барои устувории ҷомеа заруранд, ҳифз ва такмил дода шаванд. Анъана, ба маънои васеъ, маҷмӯи қоидаҳо ва қарордодҳоест, ки рафтори иҷтимоиро танзим мекунанд ва ба ҳамин васила, фазои муайяни фарҳангиро ба вуҷуд меоранд. Чӣ таваре ки Т.И. Дубинина таъкид менамояд, «Инноватсия, дар навбати худ, ҳамчун омили динамикии рушди ҷомеа баромад мекунад. Он ба тағйирёбии анъана мусоидат намуда, имконият медиҳад, ки анъана ба шароитҳои нави зиндагӣ мутобиқ шавад. Дар ин раванд, муҳим аст, ки инноватсияҳо ба арзишҳои асосии анъана мувофиқат кунанд, то ки тамомияти фарҳангӣ ҳифз карда шавад. Анъана ва инноватсия дар муносибати доимии мутақобила қарор доранд, ки онҳо якдигарро пурра ва ғанӣ мегардонанд» [77, с. 72] .

Раванди ҳамоҳангсозии инноватсияҳо бо анъанаҳо аз муайян кардани самтҳои рушди ҷомеа ва мутобиқсозии онҳо бо меъёрҳои мавҷуда иборат аст. Ба ақидаи муҳаққиқ Г.И. Балабанов «раванди ҳамоҳангсозии инноватсияҳо талаб мекунад, ки на танҳо ба манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, балки ба омилҳои фарҳангӣ ва маънавӣ низ диққати ҷиддӣ дода шавад. Дар ин замина, муҳим аст, ки ҷомеа қодир бошад, ки инноватсияҳоро ба таври интиқодӣ арзёбӣ намуда, онҳоеро, ки ба устувории иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунанд, қабул кунад» [3, с. 42].

Ҳамин тариқ, анъана ва инноватсия ду ҷузъи муҳими як раванд рушд мебошанд, ки дар он анъана ҳамчун асоси устувор ва инноватсия ҳамчун омили тағйирёбанда баромад мекунанд. Ин муносибати мутақобила имкон медиҳад, ки ҷомеа ҳам устувории худро нигоҳ дорад ва ҳам ба тағйиротҳои ҷаҳонӣ мутобиқ шавад. Мувозинати байни анъана ва инноватсия калиди рушди устувори ҷомеа мебошад. Фарҳанги

инноватсионӣ дар асоси анъанаҳо ташаккул меёбад. Тамоми таърихи фарҳанги инсоният тавассути алоқаи миёни наслҳо, интиқоли таҷрибаи фарҳангӣ, донишҳо ва арзишҳои фарҳангӣ инкишоф меёбад. Масалан, ин бо таҳқиқи таъсири фарҳанги миллӣ ба рушди ҷомеашиносӣ, психология, педагогика ва идоракунии одамон тасдиқ мешавад.

Зимни омӯзиши масъалаи мазкур мо ду роҳи ташаккули фарҳанги инноватсионӣ – хусусияти омилҳо ва омилҳои дохиларо ошкор кардем. Як қисми муайяни фарҳанг, ки ҳамчун инноватсионӣ тавсиф шудааст, метавонад ҳам дар ҷараёни рушди худ, вақте ки омилҳои беруна ба сохтори дохилии фарҳанг таъсир намерасонанд, ҳам дар натиҷаи амали муштараки фарҳангҳо пайдо шавад. Инчунин, мо дар ҷараёни таҳқиқот ду намуди инноватсионя, анъанаҳои давомдор ва аз берун овардашударо баррасӣ кардем. Бо вуҷуди ин, тақсимоти возеҳ байни онҳо шартӣ аст. Таносуби анъанаҳо ва инноватсияҳо дар ҳар фарҳанг гуногун аст.

Дар айни замон, инноватсияҳои давомдори фарҳангӣ бо хусусиятҳои худ фарққунандаро касб мекунанд, ки боиси тағйирёбии назарраси худи фарҳанг мегардад. Ҳамин тавр дуфарҳангӣ ба вуҷуд меояд, ки аз амали муштарак ва ҳамзистии ду фарҳанги аз ҷиҳати сохту типологӣ ва ҳудудӣ гуногун: аз як тараф, хусусияти омилҳо, ва фаъолият вобаста ба синну сол – аз тарафидигар, дар доираи ташаккул ва фаъолиятинизоми ягонаи фарҳангӣ иборат аст. Бояд қайд кард, ки ин як навъи паҳншудаи фарҳанг барои бисёр кишварҳои осиёӣ дар Авруосиё мебошад, вақте ки ду фарҳанг: анъанаҳои миллӣ ва аврупоӣ дар доираи як фарҳанги миллӣ якҷоя вуҷуд дошта, ба амали муштарак ворид мешаванд.

Ҷузъи дигарӣ – «фаъолияти муштарак» – дар дуфарҳангӣ мушаххастар ва муайянкунанда мебошад. Марзҳои он, аз як тараф, дар минтақаи убур бо ҷузъҳои ҳамдигар қарор доранд.

Дар ин фаъолияти муштарак, субъектҳои фарҳангӣ дар муколамаи доимӣ ва мутақобила қарор гирифта, арзишҳо, меъёрҳо ва аносири фарҳангии худро бо ҳамдигар мубодила мекунанд. Ин мубодила, дар навбати худ, ба ташаккули фарҳанги нав, ҳамгирошуда ва муттаҳидшуда

мусоидат менамояд. Фаъолияти муштарак, аз ин рӯ, ҳамчун катализатор дар раванди дуфарҳангӣ амал карда, динамикаи онро тезонида, ба ҳамгироии амиқтари фарҳангҳо оварда мерасонад.

Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки фаъолияти муштарак на танҳо мубодилаи оддии фарҳангӣ, балки инчунин раванди созанда ва эҷодкорона аст, ки дар он субъектҳои фарҳангӣ дар эҷоди арзишҳои нав, меъёрҳои нав ва шаклҳои нави ҳувият иштирок мекунанд. Ин раванд метавонад ҳам ба тағйири фарҳанги аслӣ ва ҳам ба пайдоиши фарҳанги муштарак оварда расонад, ки дар он ҷузъҳои ҳарду фарҳанг муттаҳид шудаанд.

Масалан, дар муҳити муҳоҷират, фаъолияти муштараки муҳоҷирон бо фарҳанги қабулкунанда метавонад ба пайдоиши фарҳангҳои муштараки муҳоҷират оварда расонад, ки дар он арзишҳо ва меъёрҳои фарҳангии муҳоҷирон бо арзишҳо ва меъёрҳои фарҳангии қабулкунанда омехта шудаанд. Ин фарҳангҳои муштараки метавонанд ҳам ба ҳамгироии муҳоҷирон ба ҷомеаи қабулкунанда мусоидат кунанд ва ҳам ба ҳифзи ҳувиятии фарҳангии онҳо.

Ҳамзамон, бояд зикр кард, ки фаъолияти муштарак метавонад бо мушкилот ва монеаҳо низ рӯ ба рӯ шавад. Номутобиқатии арзишҳо ва меъёрҳои фарҳангӣ, табъиз ва нобаробарӣ метавонад ба раванди муколама ва ҳамгироии фарҳангҳо халал расонад. Аз ин рӯ, ба ҳамин монанд, қабул гардидани тадбирҳои мушаххас оид ба мусоидат ба муколамаи байнифарҳангӣ, ҳамгироӣ ва эҳтироми ҳувияти фарҳангӣ муҳим аст.

Дар ҷараёни баррасии мавзӯи мазкур, мо ба хулосае омадем, ки фаъолияти муштарак яке аз ҷузъҳои муҳими дуфарҳангӣ буда, нақши калидӣ дар ташаккули фарҳангҳои ҳамгирошуда, муттаҳидшуда ва мутараққӣ мебозад. Таҳлили амиқи ин ҷузъ имкон медиҳад, ки мушкилоти марбут ба дуфарҳангиро муайян ва роҳҳои ҳалли онҳоро дарёфт намоем, ки ин, дар навбати худ, ба густариши ҷомеаи адолатпарвар ва баробарҳуқуқ мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, омезиши ҷузъҳои замонҳои гуногуни фарҳанг, ба ақидаи мо, диалектикаи фарҳангро инъикос мекунад: аз як тараф, раванди ҳам ҳифз, ҳам рушди мероси фарҳангӣ зимни муносибати танқидӣ ба он, ба мерос гирифтани анъанаҳои муайян аз ҷониби наслҳои оянда ошкор мегардад, аз тарафи дигар, мутобиқи омилҳои тағйирёбандаи берунӣ ва дохилӣ чизи нав ба вуҷуд меояд. Ин зарурати баъзе анъанаҳо ва қабули инноватсияро нишон медиҳад.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст карда, зарурати эътирофи онро, ки инноватсияро дар фарҳанг ва маориф мо дар ҳамбастагӣ бо анъанаҳо мешуморем, қайд менамоем, аз ин ҷо дарки анъанаи фарҳангӣ на ҳамчун хусусияти дар тӯли асрҳо шахшуда, балки ҳамчун як механизми фаъоли рушдёбандаи фарҳангӣ бармеояд. Ин ба муҳити муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дахл дорад, ва он гоҳ фарҳанги инноватсионии шахсият ва гурӯҳ бояд дар заминаи тағйирёбии анъанаи фарҳангӣ, такомули он дар раванди интихоб, мутассилӣ ва дигаргунӣ, инчунин хосиятҳои ҳифз, тағйирнопазирӣ ва рушд бояд мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Консепсияҳои муосири ҳамгироии муштараки анъана ва инноватсияҳоро дар фарҳанг муайян намуда, мо масъалаҳои диалектикаи анъана ва инноватсияҳоро дар соҳаи маориф ба таври машаххас мавриди баррасӣ қарор додем. Муҳаққиқ В.И. Долгова дар бораи ду шакли рушди раванди таҳсилотӣ ҳарф мезанад, яъне «яксон (монотонӣ) ва инноватсионӣ. Аввалини онҳо таркиби фаъолон афзоиш додани тағйиротҳои мусбат, ҷамъи баробарандозаи миқдори онҳо, ва дуввум – ҷорикунии даврии навовариҳои якдафъаина ки вазъ, сатҳи низом ва раванди таҳсилотро сифатан тағйир медиҳанд» [74, с. 83]. Ҳамзамон, В.И. Долгова дар бораи мафҳуми «инноватсия» чун менависад: «Фаъолият оид ба қабул ва татбиқи қарорҳои таваккалӣ дар шароити номуайянии баланд, ки ба ноилшавии зуд ба ҳадафҳо, бурди рақобатӣ, афзоиши назарраси даромаднокӣ ё шакли дигари фоида нигаронида шудаанд». [74, с. 85].

Таҳлили масъалаи мазкурро идома дода, мо дарёфтем, ки дар

баробари истилоҳи «инноватсия» мафҳуми «навоварӣ» низ истифода мешавад. Аз ҷумла, А.И. Пригожин менависад, ки «навоварӣ ҳамчун як шакли рушди назоратшаванда ва тағйироти мақсаднок таъриф мебошад, ки ба муҳити татбиқ унсурҳои нав ва нисбатан устуворро ворид мекунад. Охириҳо метавонанд ё моддӣ, ё иҷтимоӣ бошанд, аммо ҳар яке аз онҳо танҳонавигарӣ, яъне предметинавовариро ифода мекунад. Навоварӣ бошад, раванд, яъне гузариши низом аз як ҳолат ба ҳолати дигар мебошад» [174, с. 28].

Мо дар таҳқиқоти худ кушиш кардем, ки далелҳоеро ошкор намоем, ки аз қабули инноватсияҳо дар таҳсилоти олии касбӣ, тағйирёбии муносибати арзишӣ ба онҳо дар шароити муосир, аз ҷумла таҳсилоти калонсолон, гувоҳӣ медиҳанд.

Мо бо ин мақсад дар байни 540 нафар донишҷӯёни факултетҳои мухталифи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронидем. Дар бораи натиҷаи озмоишҳо дар бобу зербандҳои мухталифи диссертатсия оид ба мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ (масъалаҳои худтатбиқкунӣ, худруштдиҳӣ, худмубрамсозӣ ва ғайра) корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронидем, ки натиҷаҳо дар бобу зербандҳои алоҳидаи диссертатсия пешниҳод карда мешавад.

Дар ин шароит, зарурати ташаккули хислатҳои шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ аҳамияти калидӣ пайдо мекунад. Ин раванд бояд ба рушди тафаккури интиқодӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳои мураккаб, малакаҳои корӣ дар гурӯҳ ва омодагӣ ба қабули тағйирот нигаронида шавад. Таъкид ба рушди шахсият бояд ҳамчун як ҷузъи муҳими раванди таълимӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот баррасӣ гардад.

Муҳимияти инноватсия дар соҳаи маориф ҳамчун омили муҳими пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъкид шудааст. Ин санад

заруратi татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим, тахияи барномаҳои таълимии муосир ва тақвияти ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо бахши хусусиро қайд мекунад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо, бояд ба таҳияи барномаҳои таълимии муосир, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ бошанд, диққати ҷиддӣ дода шавад. Ин барномаҳо бояд ба рушди малакаҳои калидии донишҷӯён, аз қабили тафаккури интиқодӣ, ҳалли масъалаҳо, коммуникатсия ва кор дар гурӯҳ нигаронида шаванд. Илова бар ин, муҳим аст, ки муассисаҳои таълимӣ бо технологияҳои муосир таъмин карда шаванд ва омӯзгорон барои истифодаи самараноки ин технологияҳо дар раванди таълим омӯзонида шаванд. Ҳамзамон, муносибатҳои мутақобилаи омӯзгор ва донишҷӯ бояд хайрхоҳона, бодиққат ва манфиатнок бошад. То чӣ андоза муҳим аст, ки дар донишгҳ ҳангоми тамоси одам бо одам нобаробарии ирода, фикр, ҳиссиёт ошкор карда шуда, ҳифз карда шуда, эҳтиёткорона нигоҳ дошта шавад. То ки як шахсияти инсонӣ бо дигарӣ бархурд накунад, балки бо хусусиятҳо, хислатҳои беназири он ба таври ҳамоҳанг мувофиқат кунад. Тибқи арзёбии мо, консепсияи ҳамкории педагогӣ ҳамчун ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯ (дар ҳама синну сол, аз ҷумла таҳсилоти калонсолон) бо ғояи пайвастагии анъанаҳо ва инноватсияҳо, ки таҳсилотро дар амал барои кушодани худ, худтатбиққунӣ дар ҳамкорӣ бо одамони дигар таҳрик дода, ташвиқ мекунад, мувофиқат мекунад.

Дар таҳқиқот мафҳуми «фарҳанги инноватсионӣ» барои таҳлили мубрамсозии шахсияти донишҷӯён истифода мешаванд. Мақсади раванди педагогӣ муҳайё сохтани шароит барои гузариш аз бесарумонӣ ба ботартибӣ дар асоси худташкилкунӣ мебошад. Худташкилкунӣ аз шахсияти таълимгиранда ва таълимдиҳанда вобаста аст. Фарҳанги инноватсионӣ моҳият ва технологияҳои истифодаи инноватсияҳоро дар соҳаи маориф мекушояд.

Дар ин замина, баррасии муносибати байни бенизомӣ ва ботартибӣ дар вазъияти таълими муосир имкон медиҳад, ки самтҳои нави рушди

шахсияти донишҷӯён муайян карда шаванд. Бесарумонӣ бояд ҳамчун марҳилаи хулосабарорӣ дар раванди ташаккули шахсияти мустақил, ки қодир ба ҳалли масъалаҳои мураккаб ва қабули қарорҳои инноватсионӣ мебошад, қабул карда шавад. Ботартибӣ дар ин ҳолат натиҷаи муваффақонаи азхудкунии донишҳо ва малакаҳо, инчунин қобилияти истифодаи онҳо дар амалия мебошад.

Муҳимияти худташкилкунӣ дар раванди таълим аз ҷониби олимони гуногун таъкид шудааст. Масалан, муҳаққиқ В.И. Андреев таъкид менамояд, ки «худташкилкунӣ омили муҳими муваффақияти таълим ва рушди шахсияти эҷодкор аст. Худташкилкунӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯён дар раванди таълим фаъолтар бошанд, масъулияти бештарро барои натиҷаҳои худ ба дӯш гиранд ва қобилияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳоро инкишоф диҳанд» [7, с. 51].

Фарҳанги инноватсионӣ дар соҳаи маориф на танҳо ба истифодаи технологияҳои нав, балки ба тағйири намунаи таълим равона шудааст. Ин намуна бояд ба рушди тафаккури интиқодӣ, қобилияти таҳлил ва синтези иттилоот, инчунин эҷодкорӣ ва инноватсияҳо мусоидат кунад. Истифодаи усулҳои таълими фаъол, аз қабили лоиҳаҳо, муҳокимаҳои гурӯҳӣ, омӯзиши ҳолатӣ ва ғайра имкон медиҳад, ки донишҷӯён дар раванди таълим фаъолона иштирок кунанд ва донишҳои худро дар амалия татбиқ намоянд.

Ҳамин тариқ, муносибати байни бенизомӣ ва ботартибӣ дар раванди таълим, дар якҷоягӣ бо худташкилкунӣ ва фарҳанги инноватсионӣ, имкон медиҳад, ки муҳити таълимии самаранок ва мусоид барои рушди шахсияти донишҷӯён фароҳам оварда шавад. Ин муҳит бояд ба донишҷӯён имкон диҳад, ки қобилиятҳои худро пурратар ошкор намоянд, масъалаҳои мураккабро ҳал кунанд ва дар соҳаи интихобкардаашон муваффақ шаванд.

Таърифи зикршуда ба дарки иртибот ва вобастагии фарҳанги ҷомеа ва шахсият равона шудааст. Мақсад ошкор сохтани моҳияту мазмуни фарҳанги инноватсионии донишҷӯён ва омӯзгорон дар вазъияти

тағйирёбанда мебошад. Мавқеи мазкур асоси намунаи нави таҳсилот буда, рушди минбаъдаи фарҳанги инноватсиониро ташвиқ менамояд. Дар ин бора мо ба ақидаи олимон В.Л. Аношкина ва С.В. Резванов розӣ ҳастем, ки менависанд «дар ин ҷода, фарҳанги инноватсионӣ ҳамчун маҷмӯи арзишҳо, эътиқодҳо, меъёрҳо ва амалияҳое шинохта мешавад, ки ба фаъолияти эҷодӣ, қабули тағйирот ва татбиқи технологияҳои нав мусоидат мекунанд. Ин фарҳанг, мутобиқи таҳқиқоти анҷомдодаи олимон ба монанди Роҷерс, дар муҳити таълимӣ, аз ҷумла донишгоҳҳо, метавонад ба баланд бардоштани сифати таълим, таҳкими малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ, инчунин омодасозии донишҷӯён ба рақобат дар бозори меҳнати ҷаҳонӣ мусоидат намояд» [8, с. 92].

Фарҳанги инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ инчунин бо муносибатҳои байни омӯзгорон ва донишҷӯён, усулҳои таълим, инфрасохтори технологӣ ва сиёсати дохилии муассиса алоқаманд аст. Муҳити таълимии инноватсионӣ мусоидат мекунад ба ҳамкорӣ, мубодилаи афкор, қабули хатогиҳо ҳамчун қисми раванди омӯзиш ва таҷрибаомӯзӣ. Ин гуна муҳит имкон медиҳад, ки донишҷӯён ва омӯзгорон на танҳо донишҳои мавҷударо аз худ кунанд, балки дар истеҳсоли донишҳои нав низ фаъолона иштирок намоянд.

Рушди фарҳанги инноватсионӣ дар донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ як раванди мураккаб аст, ки тақозои тағйироти стратегӣ, сармоягузорӣ ба инфрасохтор ва омӯзиши кадрҳоро дорад. Барои муваффақ шудан дар ин самт, муҳим аст, ки роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ намунаи ибрат бошанд, фазои дастгирии инноватсияҳоро фароҳам оваранд ва барои ташаббусҳои инноватсионӣ мукофотпулӣ ҷорӣ намоянд. Илова бар ин, муҳим аст, ки муассисаҳои таълимӣ бо дигар ташкилотҳо, аз қабили ширкатҳои технологӣ, марказҳои тадқиқотӣ ва муассисаҳои давлатӣ ҳамкорӣ намоянд, то барои татбиқи инноватсияҳо имкониятҳои иловагӣ фароҳам оранд.

Ҳамин тариқ, фарҳанги инноватсионӣ дар муҳити таълимӣ на танҳо омили муҳими пешрафти илм ва технология, балки инчунин калиди

омодасозии кадрҳои рақобатпазир барои иқтисодиёти донишмандӣ мебошад. Тавассути татбиқи стратегӣ ва ҳамаҷонибаи чорабиниҳо барои рушди ин фарҳанг, муассисаҳои таълимӣ метавонанд саҳми худро дар пешрафти ҷомеа ва рушди устувори иқтисодӣ гузоранд.

## 1.2. Технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун падидаи фарҳанг ва маориф

Шаклҳо ва методҳои анъанавии таълим имрӯз мавқеи худро ба мафҳуми технология додаанд. Метод роҳи ноил шудан ба ҳадаф, ҳалли масъала аст. Методика истифодаи тарзу усулҳо, техникаҳои фаъолияти педагогиро пешбинӣ менамояд. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти бомуваффақияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ муайян мешуданд. Сифати таҳсилоти муосир бо маҷмӯи нишондиҳандаҳо, аз ҷумла мақсадгузорӣ, мазмуни таҳсилот, технологияҳо, заминаи моддию техникӣ муайян карда мешавад. Истифодаи бонизоми технологияҳои инноватсионӣ воситаи рушди фарҳанги инноватсионии шахсият мебошад.

Таҳқиқотчӣ Т. Загоруля қайд менамояд, ки «истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълим бояд бо назардошти хусусиятҳои фанҳои таълимӣ ва имкониятҳои муассисаҳои таълимӣ сурат гирад. Ин раванд бояд бо омодагии кадрҳои педагогӣ барои кор бо технологияҳои нав ҳамроҳ бошад. Танҳо дар ин сурат метавон аз технологияҳо дар таълим самаранок истифода бурд ва ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардид» [89, с. 74].

Фарҳанги инноватсионӣ як намуди махсуси фарҳанг ва ҳамчун унсуре, ки дар ҳар як намуди фарҳанг ҳузур дорад, баррасӣ мешавад. Фарҳанги инноватсионӣ соҳаи ҳамҷояшавии намудҳои гуногуни фарҳангҳо мебошад. Он тамоми фаъолияти ҳаётии ҷомеа ва инсонро муайян мекунад. Технологияи таҳсилотӣ баъзан ҳамчун технологияи раванди таълимӣ фаҳмида мешавад. Технологияи педагогӣ бо раванди таълиму тарбия алоқамандӣ дорад.

Муносибати технологӣ имкон медиҳад, ки равандҳои педагогӣ идора карда шаванд, таҷриба таҳлил ва низомбандӣ карда шавад, шаклҳои ҳалли масъала дарёфт карда шаванд, фазои беҳтарин барои рушди шахсияти донишҷӯён фароҳам оварда шавад. Муносибати технологӣ муносибатҳои илмиро дар самтҳои педагогика, ҷомеашиносӣ, психология, сиёсатшиносӣ пурра мекунад. Муносибати технологӣ дар фарҳанги инноватсионии соҳаи маориф тақозо мекунад, ки на танҳо ба истифодаи технологияҳои нав такя карда шавад, ҳамзамон ба тағйири намунаи таълим вобаста рушди фарҳанг ва инноватсияҳо самтгирӣ карда шавад. Ин намуна бояд ба рушди тафаккури интиқодӣ, қобилияти таҳлилу хулосабарории иттилоот, инчунин эҷодкорӣ ва инноватсияҳо мусоидат кунад.

Дар миёнаҳои солҳои 50-уми асри XX технология дар маориф бештар ба истифодаи воситаҳои техникии таълим ва дар солҳои 60-уми асригузашта муносибати технологӣ дар таълим маҷмӯи ҳадафҳо, меъёрҳои ченкунӣ ва шароити таълимро дар бар гирифт. Дар солҳои 70-уми асри гузашта технологияи педагогӣ ҳамчун воситаи идоракунии низомҳои педагогӣ амал карда, ғояи идорашавандагии раванди таълимро инъикос менамуд. Хусусиятҳои хоси технологияи таълим инҳоянд: таҳияи ҳадафҳои мушаххас, самтгирии қатъӣ ба ноил шудан ба ҳадафҳо, робитаи баръакс ва такрористеҳсоли расмиёти таълимдиҳанда. Хусусияти асосӣ таваҷҷуҳи пайдарпай дар ҳадафҳои дақиқ муайяншуда ва талаботи муосир мебошад.

Дар солҳои 80-уми асри гузашта технологияи педагогӣ ба таври васеъ ҳамчун раванди муайян ва тарҳрезишудаи таълим, ки ба истифодаи методҳои муосир асос ёфтааст, шинохта шуд. Он ба татбиқи усулҳои гуногуни таълим, аз ҷумла, истифодаи компютерҳо, телевизион ва дигар воситаҳои аёнӣ нигаронида шуда, баланд бардоштани самаранокии таълимро ҳадаф дошт. Таъкид ба он буд, ки технология на танҳо ҳамчун восита, балки ҳамчун ҷузъи муҳими раванди таълим арзёбӣ гардад.

Дар заминаи фаҳмиши илмӣ ва истифодаи истилоҳи «технологияи

педагогӣ» ихтилофҳо мушоҳида мешаванд, ки он чаҳор мавқеъро аз ҳам ҷудо менамояд.

1. Мавқеи якум – технологияҳои педагогӣ ҳамчун воситаҳои таълимӣ, ба ибораи дигар, ҳамчун тавлид ва истифодаи асбобҳои методӣ, дастгоҳҳо, лавозимоти таълимӣ ва воситаҳои техникии таълимӣ арзёбӣ мешаванд (В. Бухвалов, В. Паламарчук, Б.Т. Лихачёв, С.А. Крилова, Р.Д. Киффер, М. Мейер). Дар ин ҷо, технологияи педагогӣ чун маҷмӯи мавод ва дастгоҳҳое дарк мешавад, ки барои такмили раванди таълим хизмат мерасонанд.

2. Мавқеи дуюм дар фаҳмиши илмии истилоҳи «технологияи педагогӣ» аз ҷониби В.П. Беспалко, И.А. Зязюн, М.А. Чошанов, В.А. Сластенин, В.М. Монахов, А.М. Кушнир, Б.Скиннер ва дигарон пешниҳод шудааст. Онҳо чунин мешуморанд, ки технологияи педагогӣ – ин ҷараёни коммуникатсия (усул, модел, усули иҷрои вазифаҳои таълимӣ) аст, ки ба алгоритм, барнома, системаи мушаххас ва ҳамкории мутақобилаи иштирокчиёни раванди педагогӣ асос меёбад. Ин мавқеъ технологияи педагогиро ҳамчун санъати таълим ва тарбия қабул мекунад.

3. Барои намояндагони мавқеи сеюм (П.И. Пидкасистий, В.В. Гузеев, Р. Кауфман, С.Ведемейер) технологияи педагогӣ – ин маҷмӯи васеи донишҳост, ки бар асоси маълумоти илмҳои иҷтимоӣ, идоракунӣ ва табиӣ ташаккул ёфтааст. Ин мавқеъ технологияи педагогиро ҳамчун илми байнисоҳавӣ эътироф мекунад, ки аз соҳаҳои мухталифи дониш истифода мебарад.

4. Муҳаққиқони мавқеи чорум пешниҳод менамоянд, ки технологияҳои педагогӣ ҳамчун як майдони бисёрҷанба баррасӣ карда шаванд (М.В. Кларин, В.В. Давидов, Г.К. Селевко, М. Силбер, Р. Томас). Ин мавқеъ технологияи педагогиро ҳамчун ҳодисаи мураккаб ва фарогир медонад, ки ҷанбаҳои гуногуни раванди таълимро дар бар мегирад.

Тафсирҳои мухталифи мафҳуми «технологияи педагогӣ» нишон медиҳанд, ки сухан дар бораи зинаҳои сифатан нав дар рушди дастгоҳи илмӣ ва амалии педагогика меравад. Таснифи мукаммалтари

технологияҳои педагогӣ дар таҳқиқоти Г.К. Селевко ба тариқи зайл пешниҳод шудааст: «Ба сифати асоси муттаҳид кардани технологияҳо ба синфҳо ҷанбаҳо ва аломатҳои зерин муҳиманд: барои мисол, сатҳи татбиқ (иҷтимоӣ-педагогӣ, умумипедагогӣ), макротехнологияҳо (соҳавӣ, ҷузъӣ-методӣ, фаннӣ), мезотехнологияҳо (модулӣ) ва микротехнологияҳо (мушаххас – шахсиятӣ); заминаи фалсафӣ (диалектикӣ, метафизикӣ, (технократӣ), амалӣ, антропологӣ, кайҳонӣ); муносибати методологӣ (башардӯстона, низомнокӣ, гурӯҳӣ, шахсият – меҳвар, вазъият, алгоритмӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, иттилоотӣ, табиатмувофиқӣ, маҷмӯӣ, фардӣ, ҷустуҷӯӣ, муҳитӣ, валеологӣ, амалия – меҳвар, таҳқиқотӣ, иртиботӣ, инфиродӣ, салоҳиятнокӣ, фаъолиятнокӣ, стратегӣ, эҷодӣ, ташхисӣ) ва ғайра» [189, с.20–24].

Дар муайян кардани технологияи раванди педагогӣ донистан муҳим аст, ки таснифот на ҳамеша дар шакли аниқ вуҷуд дошта, бештар омезиш ёфта, ба ҳамдигар ҳамгиро мешаванд. Дар таҳқиқоти Н.В. Бортсовская технологияҳои таҳсилоте оварда шудааст, ки хусусияти онҳо бо самтгирӣ ба намунаи таҳсилотӣ, хусусиятҳои касбӣ-шахсиятии омӯзгор ва анъанаҳои фарҳангӣ-таҳсилотӣ муайян мегардад. Ин олим навъҳои зерини технологияҳои педагогиро мавриди баррасӣ қарор додааст:

«1. Технологияҳои сохторӣ – мантиқии таълим. Онҳо аз ташкили давра ба давраи гузориши вазифаҳои дидактикӣ, интихоби усулҳои ҳалли онҳо, ташхис ва арзёбии натиҷаҳои ба даст омада иборат аст. Мантиқи сохторикунонии чунин вазифаҳо метавонанд гуногун: аз содда ба мураккаб, аз назариявӣ ба амалӣ ва баръакс бошанд.

2. Технологияҳои бозингарӣ. Ин технологияҳо аз шакли бозингарии фаъолияти муштараки субъектҳои раванди таҳсилот (омӯзгор ва хонанда) аз тариқи татбиқи сужаи муайян (бозиҳо, афсонаҳо, намоишҳо, муоширатҳои корӣ) иборат мебошанд. Дар раванди таълим намудҳои гуногуни бозиҳо: фароғатӣ, театрикунонидашуда, корӣ, нақшӣ, компютер ва ғайра истифода мешаванд.

3. Технологияҳои компютерӣ. Онҳо дар доираи низоми «омӯзгор –

компютер – донишҷӯ» бо ёрии барномаҳои таълимии намуди мухталиф (иттилоотӣ, тренингӣ, назоратӣ, рушддиҳанда ва ғайра) амалӣ мегарданд.

4. Технологияҳои муколимавӣ. Ин намуди технология бо эҷоди муҳити иртиботӣ, бо тавсеаи фазои ҳамкорӣ дар сатҳи «омӯзгор – донишҷу», «донишҷӯ – донишҷу», «омӯзгор – муаллим», «донишҷу – муаллим» дар ҷараёни гузориш ва ҳалли масъалаҳои таълимӣ- маърифатӣ марбут аст.

5. Технологияҳои тренингӣ – ин як намуди фаъолият дар самти таҳияи алгоритмҳои муайяни амалҳои таълимӣ-маърифатӣ ва роҳи ҳалли вазифаҳои маъмулӣ дар ҷараёни  таълим мебошанд» [41, с . 98].

Таснифи болозикр аз муқобилияти сунъии байни технологияҳои анъанавӣ ва инноватсионии таълим иборат аст. Технологияҳои инноватсионии таълим дар мазмуни таҳсилоти анъанавӣ пайдо шудаанд ва маҳз дар заминаи дастовардҳои мусбати он рушд ёфтаанд. Аз таҳлили таъриф ва таснифҳои гуногуни технологияҳои педагогӣ ва дидактикӣ ба чунин хулоса омаданд мумкин аст, ки кулли онҳо бо заминаи мантиқии худ фарқ мекунанд. Масалан, типологияи технологияҳои педагогии ҷолиб ва хеле самаранок, аз рӯйи арзёбии мо, аз ҷониби Э.Ф. Зеер ва Е.Е. Симанюк дода шудааст. Муаллифон пешниҳод мекунанд, ки: «Технологияҳои педагогиро бо гузориши меъёри психологӣ бо асосонокӣ тасниф карда шаванд:

1. Технологияҳои зеҳнӣ – меҳвар: методҳои муколамавии таълим, семинарҳо – мубоҳисаҳо, таълими проблемавӣ, харитаҳои шинохтӣ, тренингӣ, тренинги инъикос ва ғайра.

2. Технологияҳои фаъолият – меҳвар: методҳои лоиҳаҳо ва матнҳои роҳнамо, таълими заминавӣ, бозиҳои ташкилӣ – фаъолиятӣ, харитаҳои технологӣ, вазифаҳои маҷмӯӣ, амсиласозии тақлидӣ – бозингарии равандҳои технологӣ ва ғайра.

3. Технологияҳои шахсият – меҳвар: бозиҳои интерактивӣ ва тақлидӣ, тренингҳои рушд, рушди ташхиси психологӣ ва ғайра» [98, с. 22 – 28].

Дар умуман, айни замон аз ҷониби олимон зиёда аз 50 технологияҳои педагогӣ номбар карда мешавад, аз ҷумла технологияҳое, ки аз ҷониби омӯзгорон – амалияпардозон эҷод шудаанд. Ҳамаи онҳоро ғояи истифодаи методҳои фаъоли таълим муттаҳид месозад. Аз ин рӯ онҳоро метавон технологияҳои интенсивӣ ва интерактивии таҳсилотӣ номидд (аксарияти онҳо таҷрибаи инноватсионии педагогии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро инъикос мекунанд).

Технологияҳои педагогӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муҳиманд, зеро онҳо барои ташаккули услуби касбии педагогӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ҷиҳати рушди шахсияти донишҷӯён ёрӣ мерасонанд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ технологияҳои дидактикии инноватсиониро истифода мебаранд, ки ба фарҳанги инноватсионии донишҷӯён ва омӯзгорон таъсир мерасонанд.

Бино ба ақидаи В.П. Беспалько «Дар замони муосир, технологияҳои педагогӣ нақши калидӣ дар системаи таҳсилоти олӣ мебозанд. Онҳо имконият медиҳанд, ки раванди таълим бо истифода аз усулҳои муосир ва технологияҳои иттилоотӣ ба роҳ монда шавад, ки дар навбати худ ба баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат мекунад. Технологияҳои педагогӣ имконият медиҳанд, ки омӯзгор нақши фаъолтарро дар раванди таълим бозад, муносибатҳои байни омӯзгор ва донишҷӯро ба сатҳи нав бардорад ва ба ин васила, барои ташаккули шахсияти донишҷӯ муҳити мусоид фароҳам оварад. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таҳсилоти олӣ на танҳо ба рушди касбии омӯзгорон, балки ба ташаккули фарҳанги инноватсионии донишҷӯён низ таъсир мерасонад. Чунин муҳит донишҷӯёнро водор месозад, ки дар ҷустуҷӯи донишҳои нав фаъол бошанд, қобилияти таҳлил ва синтези иттилоотро инкишоф диҳанд ва барои ҳалли мушкилоти мураккаб омода бошанд. Инчунин, истифодаи технологияҳои муосир ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки малакаҳои кор дар гурӯҳ, муошират ва ҳамкорӣ бо ҳамдигарро инкишоф диҳанд» [29, с. 67].

Таҳлили вазъият дар заминаи кӯшишҳои муштараки гурӯҳҳои хурди донишҷӯён (ё дар ҳолатҳои алоҳида, ба таври инфиродӣ), ки ба таҳияи роҳҳои ҳалли амалӣ ва муаррифии онҳо нигаронида шудаанд, сурат мегирад. Намудҳои гуногуни вазъиятҳо истифода мешаванд: вазъият ҳамчун мушкилот, ки ҷустуҷӯи сабабҳои пайдоиши ин ё он ҳодисаро тақозо мекунад; ҳолате, ки ба таҳлил ва муайянсозии зермасъалаҳо, вазифаҳои мушаххас ва роҳҳои ҳалли онҳо равона шудааст. Вазъият ҳамчун арзёбӣ, ки қабули қарорҳо ва арзёбии онҳоро мутобиқи меъёрҳои муқарраршуда талаб мекунад. Вазъият ҳамчун тасвир, ки дар он мисолҳо аз ҳолатҳои воқеӣ ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои дар ҳаёт пешниҳодшуда оварда мешаванд. Вазъият ҳамчун машқ ҳалли масъаларо дар асоси муқоиса дар бар мегирад.

Технологияҳо дар рушди малакаҳои донишҷӯён, аз қабили таҳлил, истифодаи амалии назария, эҷодкорӣ, муошират ва иҷтимоӣ нақши муҳим доранд. Онҳо ба дарёфти маълумот, ҳалли масъалаҳо, тавлиди ғояҳо, муошироти муассир ва арзёбии рафтори дигарон мусоидат мекунанд. Ин малакаҳо дар ташаккули шахсияти донишҷӯён, ғанӣ гардонидани таҷрибаи шахсӣ ва ноил шудан ба муваффақият дар таҳсил аҳамияти калон доранд.

Истифодаи технологияҳо дар раванди таълим имконият медиҳад, ки донишҷӯён малакаҳои таҳлилиро инкишоф диҳанд. Масалан, таҳлили маълумотҳои калон бо истифода аз методҳои таҳлилӣ, аз қабили Python ва R, ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки аз маҷмӯи маълумотҳо хулосаҳои муҳим бароранд ва дар асоси онҳо қарор қабул кунанд. Ин малакаҳо барои фаъолият дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла иқтисодиёт, маркетинг ва илмҳои иҷтимоӣ муҳиманд.

Технологияҳо инчунин дар истифодаи амалии назарияҳо нақши калидӣ доранд. Технологияҳои инноватсионӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки назарияҳои абстрактиро дар шароити воқеӣ таҷриба кунанд ва фаҳмиши амиқтар пайдо намоянд.

Муносибати эҷодкорӣ низ тавассути технологияҳо ба таври назаррас

афзоиш меёбад. Воситаҳои рақамӣ, аз қабили воситаҳои графикии Adobe Creative Suite ва платформаҳои таҳияи веб ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки ғояҳои худро ба таври визуалӣ баён кунанд ва маҳсулоти инноватсионӣ эҷод намоянд.

Муошират ва малакаҳои иҷтимоӣ тавассути технологияҳо дар муҳити таълимӣ низ инкишоф меёбанд. Платформаҳои ҳамкорӣ, аз қабили Google Workspace ва Microsoft Teams, ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки дар лоиҳаҳои гурӯҳӣ ҳамкорӣ кунанд, фикру мулоҳизаҳоро мубодила намоянд ва малакаҳои муошрати худро такмил диҳанд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳамкории онлайн метавонад дар рушди малакаҳои иҷтимоӣ ва эҳсосии донишҷӯён муассир бошад. Ҳамин тариқ, технологияҳо ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки дар муҳити глобалӣ бо ҳамсолон ва мутахассисон муошират намоянд ва барои ҷаҳони кор омода шаванд.

Мо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ методи лоиҳавиро ҳамчун технологияи педагогӣ бо моҳияти худташкилдиҳӣ баррасӣ менамоем, ки дар он донишҷӯён нақши фаъол дошта, дар раванди таълим мустақилона дониш меомӯзанд. Лоиҳа, ҳамчун технологияи дидактикӣ, фаъолияти маҷмӯии иштирокчиёнро барои ноилшавӣ ба натиҷаҳо дар муддати муайян пешбинӣ мекунад ва ин имкон медиҳад, ки малакаҳои гурӯҳӣ ва ҳамкорӣ рушд ёбанд. Дар ин бора И.С. Кон қайд менамояд, ки «Барои он ки лоиҳа воқеан таъсирбахш бошад, он бояд арзиши амалӣ дошта, таҳқиқоти мустақилонаи донишҷӯёнро таъмин намояд, пешгӯинашаванда ва чандир бошад, то ба ҳолатҳои ғайричашмдошт мутобиқ шавад, имконияти ҳалли масъалаҳои муҳимро пешбинӣ кунад, ба донишҷӯ мутобиқ бошад ва ба зуҳури қобилиятҳо мусоидат намояд. Илова бар ин, лоиҳа бояд донишҷӯёнро ҳавасманд гардонад, ки дар ҷустуҷӯи роҳҳои нави ҳалли масъалаҳо бошанд ва тафаккури интиқодии онҳоро инкишоф диҳад» [124, с. 121].

Гуфтаҳои боло ба муайян кардани ҷанбаи худруштдиҳӣӣ дар татбиқи технологияи лоиҳавӣ мусоидат мекунанд. Мо бо ақидаҳои олими

шинохта А.В. Хуторской розием, зеро ӯ изҳор кардааст, ки: «Лоиҳаҳои ба донишҷӯён пешниҳодшаванда ба ҳалли масъалаи мушаххас нигаронида шуда, хусусияти амалӣ доранд» [206, с. 338].

Аз ин ҷо бармеояд, ки мо фарзияро дар бораи афзоиши маҳсулнокии таҳсилот тавассути корбурди муносибатҳои салоҳиятнокии шахсият – рушддиҳанда ҳангоми истифодаи технологияи лоиҳавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ месанҷем. Ин технология метавонад ба инкишофи салоҳиятҳои муҳим, аз қабили тафаккури интиқодӣ, ҳалли мушкилот ва ҳамкорӣ мусоидат карда, ба рушди шахсияти донишҷӯён таъсири мусбат расонад.

Истифодаи технологияи лоиҳавӣ дар машғулиятҳо метавонад таҷрибаи мусбат дошта бошад, зеро он донишҷӯёнро ба фаъолияти эҷодӣ, таҳқиқотӣ ва мустақилона ҷалб мекунад. Ин усул метавонад шавқу рағбати онҳоро ба дарс зиёд карда, малакаҳои муҳими ҳаётиро инкишоф диҳад. Донишҷӯён лоиҳаи «Ман омӯзгори соҳибкасб мешавам»-ро дар гурӯҳҳои хурд таҳия мекунанд, ки ин номи муассиса, шакли ташкилӣ, рисолат, тавсифи хатмкунандагон, сохтори ташкилӣ ва муаррифии муассисаро дар бар мегирад. Натиҷагирӣ бо муҳокима ва саволу ҷавоб сурат мегирад. Лоиҳаҳо аз ҷониби ҳакамони донишҷӯ аз рӯйи мубрамият, навгонӣ, асолат, мазмуннокӣ, технологӣ будан ва пешгӯишавандагӣ арзёбӣ мешаванд. Ин кор ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки ташаббускор бошанд ва донишҳоро аз сарчашмаҳои гуногун ба даст оранд. Ташаббуси донишҷӯён дар интихоби мавзӯъ метавонад паёмадҳои пешгӯинашаванда дошта бошад. Таҳияи лоиҳа интихобро аз шаклҳои имконпазир ва асосноккунии онро талаб мекунад.

Дар бораи истифодаи технологияи лоиҳавӣ дар машғулиятҳо ва таҷрибаи мусбати он камтар маълумот медиҳем. Дар зер мисолҳои амалӣ ироа карда, ҳар як ҷанбаро шарҳ медиҳем:

Донишҷӯёни курси 3-юми ихтисоси «Педагогикаи томактабӣ» Лоиҳаи «Орзуҳои ман» -ро таҳия карданд.

Мақсад: Таъмини фазои бехатар, дӯстона ва рушдёбанда барои

кӯдакон, ки дар он ҳар як кӯдак имконият дорад, ки потенсиали худро пурра дарк кунад.

Тавсифи хатмкунандагон: Хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти томактабии мо кӯдакони кунҷков, эҷодкор, мустақил ва омода ба мактаб мебошанд.

Сохтори ташкилӣ: Мудири кӯдакистон, мураббиён, ёварони мураббиён, психологҳо, логопедҳо, кормандони тиббӣ, ошпаз, кормандони хоҷагӣ.

Муаррифии муассиса: Донишҷӯён презентатсияи муфассалро бо слайдҳо, аксҳо ва видеоҳо омода мекунанд, ки дар он онҳо бинои кӯдакистон, синфхонаҳо, майдончаҳои бозӣ, барномаҳои таълимӣ ва ғайраро нишон медиҳанд.

Шарҳи ҷанбаҳо:

1. Истифодаи технологияи лоиҳавӣ: Ин усул ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки донишҳои назариявиро дар амал татбиқ кунанд, малакаҳои ҳалли мушкилот, қабули қарорҳо ва кор дар гурӯҳро инкишоф диҳанд.

2. Ташаббускорӣ ва ба даст овардани донишҳо аз сарчашмаҳои гуногун: Донишҷӯён бояд маълумотро дар бораи шаклҳои ташкилии муассисаҳои томактабӣ, талабот ба биноҳо, барномаҳои таълимӣ, усулҳои таълим ва ғайра ҷамъоварӣ кунанд.

3. Интихоби мавзӯъ ва асосноккунии он: Донишҷӯён бояд интихоби худро асоснок кунанд, чаро онҳо маҳз ҳамин шакли ташкилиро интихоб карданд, чӣ гуна онҳо рисолати муассисаро мефаҳманд ва чӣ гуна онҳо ба рушди кӯдакон мусоидат мекунанд.

4. Арзёбии лоиҳаҳо аз ҷониби ҳакамон: Ҳакамон бояд ба мубрамият, навгонӣ, асолат, мазмуннокӣ, технологӣ будан ва пешгӯишавандагии лоиҳаҳо баҳо диҳанд. Ин ба донишҷӯён кӯмак мекунад, ки кори худро танқидӣ арзёбӣ кунанд ва дар оянда хатогиҳоро ислоҳ кунанд.

Натиҷагирӣ: Пас аз муаррифии лоиҳаҳо, муҳокима ва саволу ҷавоб сурат мегирад. Ин ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки фикру мулоҳизаҳои ҳамдигарро бишнаванд, таҷрибаи худро мубодила кунанд ва донишҳои

худро мустаҳкам кунанд.

Хулоса: Истифодаи технологияи лоиҳавӣ дар машғулиятҳо метавонад ба донишҷӯён дар рушди малакаҳои касбӣ, ташаббускорӣ ва қобилияти кор дар гурӯҳ кӯмак расонад. Инчунин, онҳо метавонанд донишҳои худро аз сарчашмаҳои гуногун ба даст оранд ва дар амал татбиқ кунанд.

Дар машғулият аз фанни «Анатомия ва физиология ва гигиенаи мактабӣ», донишҷӯёни курси 2-юм лоиҳаи «Фарҳанги муштараки муассисаи таълимӣ»-ро таҳия карданд. Онҳо ғояҳо ва назарияҳои гуногунро баррасӣ намуда, аҳамияти муошират ва маҳорати касбиро дар фаъолияти муассисаи таълимӣ таъкид карданд. Дар натиҷа, занҷираи худтакмилдиҳӣ ҳамчун шакли афзалиятнок интихоб гардид.

Дар занҷираи худтакмилдиҳӣ донишҷӯён ба омӯзиши даврагии малакаҳои педагогӣ, аз ҷумла усулҳои таълим, иртибот бо хонандагон ва арзёбии пешрафти онҳо тамаркуз карданд. Онҳо ба зарурати доимӣ такмил додани маҳорати касбӣ, мутобиқ шудан ба тағйироти нави таълимӣ ва татбиқи усулҳои муосири таълим диққати махсус доданд. Занҷираи мазкур ҳамчунин аз баррасии адабиётҳои илмӣ-методӣ, таҳлили таҷрибаи пешқадами омӯзгорон ва иштирок дар семинару конфронсҳои илмӣ иборат аст.

Муҳимияти фарҳанги муштараки муассисаи таълимӣ дар эҷоди фазои мусоид барои таълим ва рушди ҳамаҷонибаи хонандагон қайд карда шуд. Мувофиқи таҳқиқоти олимони соҳаи педагогика, фарҳанги муштарак ба беҳтар шудани муҳити психологӣ, баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ва эҷоди шароити мусоид барои ҳамкорӣ байни омӯзгорон ва хонандагон мусоидат мекунад. Донишҷӯён таъкид намуданд, ки фарҳанги муштарак бояд ба арзишҳои инсонӣ, эҳтироми ҳамдигар, масъулиятшиносӣ ва омодагӣ ба ҳамкорӣ асос ёбад.

Бо мақсади татбиқи лоиҳа, донишҷӯён нақшаи чорабиниҳоро таҳия намуданд, ки дар онҳо ташкили тренингҳо оид ба малакаҳои муошират, гузаронидани мизҳои мудаввар оид ба масъалаҳои актуалӣ дар соҳаи

таълим ва ташкили курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорон пешбинӣ шудаанд. Ҳамчунин, донишҷӯён пешниҳод карданд, ки дар муассисаҳои таълимӣ марказҳои дастгирии методӣ ташкил карда шаванд, ки дар онҳо омӯзгорон метавонанд маслиҳат гиранд ва таҷрибаи худро мубодила намоянд.

Дар раванди таҳияи лоиҳа, донишҷӯён ба хулосае омаданд, ки фарҳанги муштараки муассисаи таълимӣ омили муҳими муваффақияти фаъолияти педагогӣ мебошад. Онҳо изҳори умедворӣ карданд, ки татбиқи занҷираи худтакмилдиҳӣ ба баланд шудани сатҳи касбияти омӯзгорон ва беҳтар шудани сифати таълим мусоидат мекунад. Инчунин, онҳо қайд карданд, ки лоиҳаи мазкур метавонад ҳамчун модели барои дигар муассисаҳои таълимӣ хидмат кунад. Дар ин бора С.А. Агапова чунин менависад: «Аз нигоҳи низомӣ-сохторӣ, лоиҳа як низоми тағйирёбанда бо сохтори бисёрҷузъӣ аст, ки унсурҳои он вобаста ба мақсадҳо метавонанд фарқ кунанд. Лоиҳа ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки таҳқиқоти мустақил гузаронанд ва эҷодкориро татбиқ кунанд. Иштирок дар лоиҳаҳои муштарак ҳавасмандии таълимӣ ва рушди маърифатиро тақвият мебахшад, ҳамчунин кори гурӯҳӣ муколамаи пурмуҳтаворо фароҳам меорад. Дар ҷараёни таълим, лоиҳа ҳамчун як воситаи дидактикӣ, раванди азхудкунии донишро фаъол мегардонад ва имкони татбиқи онро дар амал фароҳам меорад. Лоиҳаҳо метавонанд сатҳи баланди донишро, аз қабили таҳлил, синтез ва арзёбӣ, тақвият бахшанд» [3, с. 67].

Сохтори лоиҳа, маъмулан, аз марҳилаҳои муайян иборат аст: муайян намудани мақсадҳо, банақшагирӣ, татбиқ ва арзёбӣ. Ҳар як марҳила дорои вазифаҳои мушаххас буда, барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ мусоидат мекунад. Илова бар ин, лоиҳаҳо метавонанд ба ташаккули малакаҳои муҳим, аз қабили идоракунии вақт, ҳалли мушкилот ва қабули қарорҳо мусоидат кунанд.

Барномаҳои таълимии муосир торафт бештар лоиҳаҳоро ҳамчун як ҷузъи муҳими раванди таълимӣ дар бар мегиранд. Зеро, лоиҳаҳо ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки донишҳои назариявиро бо амалия пайваст

кунанд, муҳити воқеии корро модел кунанд ва барои мушкилоти воқеӣ роҳҳои ҳалли инноватсионӣ пешниҳод намоянд.

Дар маҷмӯъ, лоиҳаҳо як воситаи пурқуввати таълимӣ мебошанд, ки на танҳо азхудкунии донишро фаъол мегардонанд, балки рушди малакаҳои муҳимро низ дастгирӣ мекунанд. Онҳо ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки дар раванди таълим фаъолона иштирок кунанд, масъулияти худро барои рушди худ ба зимма гиранд ва барои муваффақият дар ҷаҳони тағйирёбанда омода шаванд.

Аммо, муҳим аст, ки лоиҳаҳо бодиққат ба нақша гирифта шаванд ва аз ҷониби омӯзгорон роҳнамоӣ карда шаванд, то ки самаранокии онҳо таъмин карда шавад. Инчунин, баҳогузории натиҷаҳои лоиҳа бояд ҳамаҷониба ва объективӣ бошад, то ки пешрафти донишҷӯён ба таври мувофиқ арзёбӣ карда шавад.

Дар корҳои таҷрибавӣ мо методи интерактивии таълимро мавриди истифода қарор додем, ки онро дар шакли дарси амалӣ пешниҳод мекунем:

Мавзуъ: Тарбияи кори гурӯҳӣ тавассути методҳои интерактивии таълим

Мақсад: Инкишофи хислатҳои боварибахшӣ ва малакаҳои кори гурӯҳӣ дар донишҷӯён тавассути истифодаи методҳои интерактивии таълим.

Вазифаҳо:

1. Ошноӣ бо зарурияти тарбиявии кори гурӯҳӣ дар таълим.

2. Истифодаи методи интерактивии таълимии «Муаррифии муассисаи таҳсилоти умумӣ».

3. Тақвияти малакаҳои муаррифӣ, баҳс ва боварибахшӣ дар донишҷӯён.

Воситаҳои таълим:

1. Маводҳои иттилоотӣ (буклетҳо, албомҳо, ёддоштҳо) оид ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

2. Варақаҳои баҳогузорӣ барои ҳайати доварон.

*Рафти дарс:*

1. Муқаддима (5 дақиқа).

2. Салом ва омодагии донишҷӯён ба дарс.

3. Муаррифии мавзӯъ ва мақсадҳои дарс.

4. Таъкид намудан ба аҳамияти кори гурӯҳӣ ва методҳои интерактивии таълим дар рушди шахсияти донишҷӯён.

*Қисми асосӣ (60 дақиқа):*

Тақсимот ба гурӯҳҳо (5 дақиқа):

Донишҷӯён ба гурӯҳҳои хурди 5-6 нафарӣ тақсим мешаванд.

Дар ҳар як гурӯҳ сарвар интихоб карда мешавад.

Гирифтани маводҳо (5 дақиқа):

Ҳар як гурӯҳ аз омӯзгор бастаи иттилоотӣ (буклетҳо, албомҳо, ёддоштҳо) дар бораи муассисаи таҳсилоти умумиро мегирад.

Омӯзиши маводҳо ва тақсими вазифаҳо (15 дақиқа):

Гурӯҳҳо маводҳоро бодиққат меомӯзанд ва дар дохили гурӯҳ вазифаҳоро тақсим мекунанд (масалан, як нафар масъули ҷамъоварии маълумот, дигаре барои омода кардани муаррифӣ ва ғайра).

*Интихоби ҳайати доварон (2 дақиқа):*

Аз байни донишҷӯён ҳайати доварон аз 3 нафар интихоб мешавад.

*Муаррифии гурӯҳҳо (30 дақиқа):*

Ҳар як гурӯҳ дар давоми 10-15 дақиқа муассисаи таҳсилоти умумии худро муаррифӣ мекунад.

*Баҳогузорӣ (3 дақиқа):*

Ҳайати доварон кори ҳар як гурӯҳро аз рӯи меъёрҳои зерин баҳогузорӣ мекунад:

Мазмун (то 12 хол)

Санъати баён (то 6 хол)

Маҳорати муътақидсозӣ (то 6 хол)

Саволи иловагӣ ҳангоми муҳокима (то 2 хол)

*Ҷамъбаст (20 дақиқа):*

*Муҳокима (10 дақиқа):*

Муҳокимаи умумии муаррифии гурӯҳҳо.

Саволҳо ва ҷавобҳо байни донишҷӯён ва ҳайати доварон.

*Эълони натиҷаҳо (5 дақиқа):*

Ҳайати доварон натиҷаҳои баҳогузориро эълон мекунад ва гурӯҳи ғолибро муайян мекунад.

*Хулоса (5 дақиқа):*

Омӯзгор дар бораи дарс хулоса мекунад ва ба аҳамияти кори гурӯҳӣ ва истифодаи методҳои интерактивии таълим дар рушди шахсияти донишҷӯён таъкид мекунад.

*Меъёрҳои баҳогузорӣ:*

Ҳайати доварон кори ҳар як гурӯҳро аз рӯи меъёрҳои зерин баҳогузорӣ мекунад:

*Мазмун:*

То чӣ андоза муаррифӣ мукаммал ва дақиқ аст.

То чӣ андоза маълумотҳои муҳим дар бораи муассисаи таҳсилоти умумӣ пешниҳод шудаанд.

*Санъати баён:*

То чӣ андоза муаррифӣ равон ва ҷолиб аст.

То чӣ андоза забони баён дуруст ва фаҳмо аст.

*Маҳорати муътақидсозӣ:*

То чӣ андоза гурӯҳ тавонист, ки шунавандагонро ба муассисаи таҳсилоти умумии худ ҷалб намояд.

То чӣ андоза гурӯҳ тавонист, ки афзалиятҳои муассисаи худро нишон диҳад.

*Саволҳои иловагӣ барои муҳокима:*

Шумо аз кадом усулҳои ҷолиби муаррифӣ истифода кардед?

Шумо ба кадом мушкилиҳо дучор шудед ва чӣ гуна онҳоро ҳал кардед?

Шумо аз кори гурӯҳии худ чӣ омӯхтед?

Ин шакли дарси амалӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар фазои интерактивӣ малакаҳои кори гурӯҳӣ, муаррифӣ ва боварибахшии худро

инкишоф диҳанд.

Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки истифодаи усулҳои нави таълимӣ дар таҳсилоти олии касбӣ (аз қабили мубоҳиса, иншои озод, лоиҳакашӣ, муайянсозии вазъият, бозиҳои нақшофарӣ, супоришҳои таҳқиқотӣ ва ғайра ба ташаккули салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ва касбии донишҷӯён таъсир расонида, сатҳи сифати азхудкунии донишро баланд мебардорад. Аз ин рӯ, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ дар раванди таълим на танҳо як тамоюли муосир, балки як зарурати стратегӣ дар шароити рушди босуръати илму техника ва тағйирёбии талаботи бозори меҳнат мебошад.

Тадқиқотҳои сершумор, аз ҷумла, корҳои олимони маъруф ба монанди Л.С. Виготский, Ҷ. Брунер ва Ж. Пиаже собит месозанд, ки усулҳои фаъоли таълимӣ, ки ба иштироки фаъолонаи донишҷӯён ва коркарди мустақилонаи иттилоот нигаронида шудаанд, ба азхудкунии амиқи дониш ва ташаккули малакаҳои муҳим мусоидат мекунанд. Дар ин бора мо ба нуқтаи назари В.Б. Демочко розӣ ҳастем, ки қайд мекунад: «татбиқи усулҳои инноватсионӣ имкон медиҳад, ки муҳити таълимии ҳавасманд ва эҷодкорона фароҳам оварда шавад, ки ба инкишофи тафаккури интиқодӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳо ва ташаббускории донишҷӯён мусоидат мекунад. Мувофиқи мушоҳидаҳоии мо донишҷӯёне, ки дар раванди таълим усулҳои интерактивӣ ва лоиҳакаширо истифода мебаранд, нишондиҳандаҳои беҳтарини таълимӣ нишон медиҳанд ва барои фаъолияти касбӣ дар шароити тағйирёбанда омодаанд. Ҳамин тариқ, ворид намудани усулҳои инноватсионии таълим дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ раванди мураккаб ва серпаҳлуест, ки тақозои муносибати ҳамаҷониба, ҳамкории муассисаҳои таълимӣ, устодон ва донишҷӯён, ҳамзамон дастгирии методиию молиявии давлатро менамояд. Бо истифода аз стратегияҳои муассир ва баҳодиҳии мунтазами натиҷаҳо, мо метавонем баланд бардоштани сифати таълим ва омода намудани мутахассисони рақобатпазирро, ки дар иқтисодиёти донишманд фаъолона амал мекунанд, таъмин созем» [70, с.48].

Татбиқи усулҳои пешрафтаи таълим, аз қабили таълими интерактивӣ

ва модулӣ, имкон медиҳад, ки донишҷӯён малакаҳои таҳлилии худро инкишоф дода, барои ҳалли мушкилоти мураккаби касбӣ омода шаванд. Дар ин замина, дастгирии давлатӣ нақши муҳим дорад, зеро он имконият медиҳад, ки инфрасохтори таълимӣ муҷаҳҳаз гардида, омӯзгорон такмили ихтисос кунанд ва барномаҳои таълимӣ мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат таҳия карда шаванд.

**Хулосаи боби якум**

1. Дар маркази таҳлили масъалаи тадқиқотӣ, мафҳуми асосии «фарҳанг» ҳамчун зуҳуроти иҷтимоии арзишманд, ки дар заминаи фаъолияти инсонӣ қарор дорад, мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ин фаъолият аз нав дида баромадани таҷрибаи мавҷуда ва эҷоди таҷрибаи нав мебошад. Оқибати ин дигаргуниҳо дар ҷомеа, пеш аз ҳама, дар шароит ва вазъиятҳои фарҳангӣ намоён мегардад. Чунин дарки фарҳанг сабаби пайдоиши таърифҳои гуногуни фарҳангӣ гардидааст, ки баъзан бо ҳам мухолифанд.

2. Таҳлили масъалаи таъсири мутақобила, алоқамандӣ ва муносибати анъана ва навоварӣ, инчунин фарҳанг ва тамаддун, ба хулосае оварда мерасонад, ки ҷаҳонбинӣ, маърифат ва усулҳои умумипедагогӣ дар ҳалли масъалаҳои муайян намудани қонуниятҳо ва вижагиҳои тараққиёти ҷомеаи муосир аҳамияти калон доранд. Дар ҷомеаи муосир равандҳои навоварона хеле босуръат инкишоф меёбанд. Дар матн муносибати байни мафҳумҳои фарҳанг ва тамаддун тасвир шудааст.

3. Таҳлили назариявӣ нишон дод, ки дар роҳи инноватсия, аз ҷумла дар фарҳанги педагогӣ, гузариш аз фарҳанги судмандӣ ба фарҳанги шаъну шараф қонунӣ аст. Фарҳанги шаъну шараф арзиши шахсияти инсонро муқаррар мекунад ва озодӣ ва шарафи шахсият ҷанбаи асосии ғояҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ мебошанд, ки рушди инсон ва ҷомеаро ба фарҳанги шаъну шараф муайян мекунанд. Ин ғояҳо бо таҳқиқи шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мувофиқат мекунанд.

4. Анъана низоме маҳсуб меёбад, ки навовариро пазируфта, онҳоро

ҳамоҳанг месозад. Дар чунин вазъият, мафҳуми ҷомеаи навгароёнаро дар муқоиса ба ҷомеаи анъанавӣ ба сифати баёни навъҳои гуногуни ҳамкории иҷтимоӣ-фарҳангӣ дидан мумкин аст, ки дар он ҷараёни пуршиддати навовариҳо ба анъанаҳои нисбатан ором таъсир мерасонад.

5. Принсипи фарҳангӣ дар тарбия мавқеи асосӣ буда, ба инкишофи шахсият дар муҳити фарҳангӣ-таърихӣ нигаронида шуда, ҳадаф, мазмун ва технологияҳои таълимиро муайян мекунад. Принсипҳои фарҳангӣ дар тарбия дар асоси фарҳанги умумибашарӣ ва арзишҳои миллии халқи тоҷик, муносибат ба мероси таърихӣ, забон, адабиёт, санъат ва анъанаҳои миллӣ ташаккул меёбанд. Ин принсипҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф инъикос ёфтаанд ва ба таъмини ҳуқуқи ҳар як фард ба омӯзиш ва азхудкунии мероси фарҳангӣ равона карда шудаанд.

Мавқеи асосии принсипҳои фарҳангӣ дар тарбия дар он зоҳир мегардад, ки таълим набояд аз решаҳои фарҳангии худ дур шавад. Азхудкунии фарҳанг, аз ҷумла забон, адабиёт ва санъат, шавқи донишҷӯён ба омӯзиш афзун гардонида, тафаккури эҷодии онҳоро тақвият медиҳад. Ин имкон медиҳад, ки ҷавонон на танҳо дониши мушаххас, балки арзишҳои ахлоқӣ, эстетикӣ ва маънавиро низ аз худ кунанд, ки барои ташаккули шахсияти комил муҳим аст.

6. Таҳқиқоти гузаронидаи мо собит сохт, ки худмубрамсозӣ, худтакмилдиҳӣ дар илми педагогика имконият медиҳад, ки равандҳои таълим ва тарбия ҳамчун низомҳои мураккаб ва худтанзимшаванда, ки дар онҳо таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла номуайянӣ ва тасодуф, ба назар гирифта мешавад, баррасӣ карда шаванд. Ин муносибат, мувофиқи дидгоҳҳои олимон, имконият медиҳад, ки дар низоми таълим ҳолатҳои бифуркатсияро муайян намуда, самтҳои эҳтимолии рушдро пешгӯӣ намоем. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки татбиқи ғояҳои синергетикӣ дар педагогика бояд бо назардошти хусусиятҳои фардии таълимгирандагон ва муҳити иҷтимоию фарҳангӣ амалӣ карда шавад.

7. Фарҳанги инноватсионӣ ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазири таҳсилот маънидод мешавад, ки асли он, муҳтаво ва усулҳои татбиқи фаъолона ва азмудашудаи навовариҳоро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар бар мегирад. Ин мафҳум ҳадафҳо, ҷараён ва натиҷаҳои тайёр кардани мутахассисони ба инноватсияҳо ҳавасманд ва қодирро, ки барои таҳия ва истифодаи онҳо омодаанд, мушаххас мекунад. Ба ибораи дигар, фарҳанги инноватсионӣ заминаи мусоидро барои қабули технологияҳои нав ва равишҳои эҷодкорона дар раванди таълим фароҳам меорад. Он на танҳо дониш, балки малака ва арзишҳоеро дар бар мегирад, ки ба рушди шахсияти инноватсионӣ мусоидат мекунанд.

8. Дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ робитаи мутақобилаи мазмун ва технологияҳои таълим дар заминаи фарҳанги инноватсионӣ асоснок шудааст. Фарзия оид ба инкишофи хислатҳои шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ тавассути технологияҳои инноватсионии дидактикӣ тасдиқ гардид. Дар асоси таҳлил мафҳум, моҳият ва мазмуни технологияҳои педагогӣ муайян карда шуда, арзиш ва аҳамияти касбии онҳо барои педагогҳо баррасӣ шуд.

Дар заминаи таҳқиқот муайян гардид, ки истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълим имкон медиҳад, ки сатҳи фаъолнокии таълимӣ ва мустақилияти донишҷӯён баланд бардошта шавад. Ҳамчунин, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ба ташаккули малакаҳои корӣ бо иттилоот, таҳлил ва синтези онҳо, инчунин ба қабули қарорҳои мустақилона дар шароитҳои мураккаб мусоидат менамояд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки мазмуни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад ва донишҷӯёнро бо малакаҳои зарурӣ барои фаъолияти касбӣ дар шароити рақобати шадид таъмин намояд. Истифодаи технологияҳои таълимӣ, аз ҷумла усулҳои фаъоли таълим, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва шаклҳои гуногуни таълими интерактивӣ, ба баланд бардоштани самаранокии раванди таълим мусоидат мекунанд.

9. Дар рафти таҳқиқот мубрамсозии шахсияти донишҷӯён чун

барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар фаъолияти педагогӣ муайян гардид. Мафҳумҳои калидӣ, аз қабили диалектикаи анъанаҳо ва инноватсияҳо, фарҳанги инноватсионӣ, принсипи фарҳангмувофиқӣ, шахсияти донишҷӯён, консепсияи худогоҳӣ, фарҳанги инноватсионии педагогӣ, нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти олӣ, фарҳанги корпоративӣ, мубрамсозии шахсияти донишҷӯён, консепсияи фасилитатсияи педагогӣ ва механизми идоракунии педагогӣ мавриди таҳлил қарор гирифтанд ва таъриф шуданд.

Намунаи муосири таҳсилоти олии касбӣ тақозо мекунад, ки донишҷӯён на танҳо соҳиби донишҳои касбӣ гарданд, балки ҳамчун субъектони фаъоли фарҳанги инноватсионӣ ташаккул ёбанд. Дар ин замина, мубрамсозии шахсияти донишҷӯён, яъне фароҳам овардани шароит барои рушди худшиносӣ, масъулиятнокӣ ва қобилияти эҷодии онҳо ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, аҳамияти калидӣ пайдо мекунад. Ин раванд бояд дар асоси принсипи фарҳангмувофиқӣ сурат гирифта, аз арзишҳои милливу умумибашарӣ ва талаботи ҷомеаи муосир бархӯрдор бошад. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи ташаккули шахсияти донишҷӯён дар намунаи фарҳанги инноватсионӣ ҳоло ҳам ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Ҳарчанд, ки корҳои алоҳидаи олимони соҳаи педагогика ва психология ва дигарон ба масъалаҳои худшиносӣ, худмуайянкунӣ ва рушди шахсӣ бахшида шуда бошанд ҳам, хусусиятҳои мубрамсозии шахсияти донишҷӯён дар муҳити таҳсилоти олӣ, бахусус, дар қаринаи фарҳанги инноватсионӣ, таҳқиқи ҷиддиро талаб мекунад. Бо назардошти гуфтаҳои болозикр, муайян намудани омилҳои муассири мубрамсозии шахсияти донишҷӯён дар фаъолияти педагогӣ, инчунин таҳияи барномаҳои таълимӣ ва методҳои педагогии инноватсионӣ, ки ба рушди худшиносӣ, масъулиятнокӣ ва қобилияти эҷодии донишҷӯён равона шудаанд, зарур мебошад. Ин имкон медиҳад, ки донишҷӯён ҳамчун мутахассисони рақобатпазир ва барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар ҷомеа мавқеи арзанда дошта бошанд.

# БОБИ II. МУАЙЯН НАМУДАНИ МУБРАМСОЗИИ ШАХСИЯТИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН БАРАНДАГОНИ ФАРҲАНГИ ИННОВАТСИОНӢ

## 2.1. Дастгоҳи илмии масъалаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ

Таҳлили методологӣ ва назариявии мавзӯъ имкон дод, ки диалектикаи анъана ва инноватсия дар фарҳанг ва маориф, арзёбии технологияҳои инноватсионӣ ва мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсия муайян карда шавад. Мафҳумҳои калидӣ аз қабили «диалектикаи анъанаҳо ва инноватсияҳо», «фарҳанги инноватсионӣ», «принсипи фарҳангмувофиқӣ», «шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомили фарҳанги инноватсионӣ» ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Мафҳумҳои «ҷомеаи инноватсионӣ», «шахсияти инноватсионӣ», «фаъолияти инноватсионӣ» низ аҳамиятнок арзёбӣ шуданд. Самти таҳқиқот аз фаъолияти инноватсионӣ ба таҳлили сифатҳои шахсиятӣ равона шуда, дар бораи тарбияи шахсияти аз ҷиҳати инноватсионӣ фаъол сухан меравад. Дар заминаи таҳлили назариявӣ, муносибати муаллиф ба масъалаи ташаккули шахсияти донишҷӯй ҳамчун ҳомили фарҳанги инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар он ҷараёни таълим ҳамчун фазои фарҳангӣ, ки ба рушди эҷодии шахсият мусоидат мекунад, баррасӣ мешавад, муайян карда шуд. Хотиррасон мекунем, ки қисмати мазкури мафҳумҳои методологӣ, назариявӣ ва технологӣ бо чунин мафҳумҳо, ба монанди «ҷомеаи инноватсионӣ», «шахсияти инноватсионӣ», «фаъолияти инноватсионӣ», «нерӯи инноватсионии шахсият» бевосита ва бавосита бо якдигар робита доранд, ки ба илмҳои психология ва педагогикаи муосир ворид шудаанд.

Ҳамин тавр, дар рафти таҳқиқот мо дастгоҳи илмии мафҳумӣ мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги

инноватсионӣ тарҳрезӣ намудем, ки дар расми зер оварда мешавад.




*Расми 1. Дастгоҳи илмии мафҳумӣ мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ*

Дар ин раванд, ба эътибор гирифтани принсипи фарҳангмувофиқӣ, аҳамияти махсус дорад. Ин принсип аҳамияти мутобиқати равандҳои таълим ва тарбия бо арзишҳои фарҳангӣ ва анъанаҳои ҷомеаро таъкид мекунад.

Таҳқиқотчӣ С.Г. Григорева таъкид менамояд, ки «фарҳанги инноватсионӣ, ки ба рушди тафаккури эҷодӣ, қобилияти қабули қарорҳои ғайримуқаррарӣ ва омодагӣ ба хавф асос ёфтааст, бояд дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ фаъолона тарғиб карда шавад. Дар ин ҷода, муҳим аст, ки аз таҷрибаи муассисаҳои пешқадами таҳсилоти олӣ, ки технологияҳои инноватсиониро дар раванди таълим фаъолона истифода мебаранд, истифода бурда, инчунин барои донишҷӯён имконият фароҳам оварда шавад, ки дар лоиҳаҳои тадқиқотӣ ва эҷодӣ ширкат варзанд» [59, с. 91]. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки «ташаккули шахсияти донишҷӯй ҳамчун ҳомили фарҳанги инноватсионӣ вазифаи бисёрҷабҳа буда, таҳияи барномаҳои таълимии махсус, татбиқи шаклҳои фаъоли таълим, ба монанди тренингҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва мастер-классҳоро талаб мекунад. Инчунин, муҳим аст, ки муҳити мусоиди равонӣ дар муассисаи таълимӣ фароҳам оварда шавад, ки дар он донишҷӯён метавонанд фикрҳои худро озодона баён кунанд, аз таҷрибаҳо натарсанд

ва доимо ба дониши нав кӯшиш кунанд» [59, с. 93].

Хотиррасон мекунем, ки қисмати мазкури мафҳумҳои методологӣ, назариявӣ ва технологӣ бо чунин мафҳумҳо, ба монанди «ҷомеаи инноватсионӣ», «шахсияти инноватсионӣ», «фаъолияти инноватсионӣ», «нерӯ и инноватсионии шахсият» бевосита ва бавосита робита доранд, ки ба психология ва педагогикаи муосир қиёсан на чандон дер зери таъсири инноватсияҳо дар коркардҳо ва амалияҳои дахлдори ҷомеашиносии идоракунии равандҳои инноватсионӣ ворид шудаанд. Ва азбаски дастгоҳи консептуалие, ки аз ҷониби модар як замина бо фавқуззикр пешниҳод шуд, мо онҳоро сарфи назар намекунем, аммо дақиқ месозем, ки онҳо аз ҷониби мо таҳқиқ карда намешаванд, аммо мо муҳиммият ва ояндадории онҳоро дар таҳқиқоти педагогӣ эътироф мекунем.

Таҳқиқот аз омузиши фаъолияти инноватсионӣ ба таҳлили сифатҳои шахсиятӣ, ки шахсонро маҳсулнок мегардонанд, равона шудааст. Аз ин рӯ, баррасии мафҳумҳои калидӣ аз онҳо оғоз мешавад. Мувофиқи мавқеи Э.В. Галажинский, «яке аз ҳадафҳои асосии таҳсилот тарбияи шахсияти аз ҷиҳати инноватсионӣ фаъол мебошад» [52, с. 66].

Инчунин муҳиммияти муайян кардани «хусусияти шахсиятӣ», «амсилаи инсони муосир»-ро қайд менамоем. Ҳамзамон иброз менамоем, ки мо мафҳуми «шахсияти инноватсионӣ»-ро ба сифати пешзаминаи тақвият ёфтани рушди иқтисодӣ ва паҳншавии соҳибкорӣ баррасӣ менамоем.

Дар ин замина мо се гурӯҳи рафтори муҳими инсониро муайян намудем, яъне «Дастовардҳо», «Ҳамкорӣ», «Таъсир» ва аҳамияти онҳо дар амсилаи рафтори салоҳиятнокӣ. Ҳамчунин, амсилаи таҳлилии «шахсияти муосир» ва хусусиятҳои шахсияти инноватсионӣ, аз ҷумла кушода будан ба инноватсияҳо, омода будан ба гуногунандешӣ, самтгирӣ ба ҳозира ва оянда, боварӣ ба бартараф карда тавонистани монеаҳо, зеҳният, қобилияти шарикӣ, зудҳаракатии таҳсилотӣ, хоҳиши ба таври эҷодӣ таҷассум кардани фаъолият, донистани кори худ, росткорӣ ва эҷодкорриро таҳлилу натиҷагирӣ намудем. Инчунин, зарурати таваҷҷуҳ

ба табиати психологии шахсият ва хислатҳои он низ ҷамъбаст карда .

Хулоса, бо истифода аз усулҳои озмоишӣ, муҳаққиқон тавонистанд меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои муҳими марбут ба равандҳои ҳавасмандгардонӣ ва тарғиби рафтори инноватсиониро муайян созанд.

Дар таҳқиқоти худ мо низ бо роҳи таҷрибавӣ ба ошкор кардани хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ: ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазирӣ, ба таҷрибаи ҳаётӣ такя намудан, худмубрамсозӣ, масъулият ноил гардида, тағйирёбӣ ва рушди онҳоро дар донишҷӯёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ пайгирӣ кардем.

Дар поён муҳимияти амсилаи мантиқӣ-маъноиро дар рушди касбӣ – шахсиятии Э.Ф. Зеер барои таҳияи дастгоҳи илмии таҳқиқоти худ мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Э.Ф. Зеер таъкид мекунад, ки: «Таҳсилоти шахсият – меҳвар дар эътирофи методологӣ ба сифати омили низомташаккулдиҳандаи шахсияти таълимгиранда; талабот, ангезаҳо, ҳадафҳо, қобилиятҳо, фаъолнокӣ, зеҳн ва хусусиятҳои дигари инфиродӣ-психологӣ асос меёбад. Ва он гоҳ таҳсилот бояд хусусиятҳои хоси синну солӣ, инфиродӣ-психологӣ ва хусусиятҳои мақоми донишҷӯёнро дар ҳадди аксар ба назаргирад. Ин ба воситаи мазмуни таҳсилот, тағйирпазирии барномаҳои таълимӣ, технологияҳои таълим ва дар ниҳоят, бо ташкили муҳити таълимӣ – фазоӣ ноил мегардад». Ӯ дигаргуниҳои бунёдиро дар фаъолияти муштараки донишҷӯён ва педагогҳо, ки ба субъектҳои раванди таълим мубаддал мегарданд, мебинад» [96, с. 42].

Ҳамчунин, мафҳумҳои асосии консепсияи психологии таълимро ҷамъбаст намуда, Э.Ф. Зеер нишонаҳои асосии таълими шахсият – меҳварро фарқгузорӣ карда, дар ин зимн менависад: «Таҳсилоти шахсият – меҳвар ба сифати мақсади худ ташаккули шахсиятро бо хислатҳо, сифатҳо, таълимгирифтагӣ, омодагии пешакӣ муқарраршуда намегузорад. Он бояд барои рушди ҳамаҷонибаи имконияти эҳтимолии шахсият гардидан, татбиқи талаботи шахсият ба худтағйирдиҳӣ,

худмуайянкунӣ, худамалисозӣ ва худмубрамсозӣ шароитҳоро фароҳам орад» [96, с. 45].

Муқаррароти мазкур ба ҷустуҷӯи хислатҳои шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ва идоракунии педагогии ин раванд алоқаманд аст. Асоснокӣ дар назарияи таҷрибаи шахсияти К. Роҷерс, ки зарурати истифодаи нерӯи мубрамсозиро таъкид мекунад, пайдо мешавад. Шахс дар ҳама гуна синну сол ҳамчун эҷодкор эътироф шуда, хатти рушди худро ҳам шахсӣ ва ҳам касбӣ интихоб мекунад. Низоми маориф дар ҳама марҳилаҳо, хусусан таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз он, рушди шахсиятро дар ҷаҳон, кишвар ва минтақа пешбинӣ менамояд.

Мо принсипи фарҳангмувофиқии тарбияро асоснок мекунем, ки ба инкишофи шахсият дар муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ равона шудааст. Таълиму тарбия дар фазои фарҳангӣ-таърихӣ зери таъсири ҷаҳонишавӣ ва психологӣ қарор мегиранд.

Мафҳуми «фарҳанги педагогӣ» дар педагогикаи классикӣ таҳия нашуда буд, аммо дар асарҳои К.Д. Ушинский, Н.И. Пирогов, Л.Н. Толстой, П.Ф. Каптерев, В.П. Вахтеров, К.Н. Вентцель, А.С. Макаренко, В.Л. Сухомлипский инъикос ёфтааст. Ин дидгоҳ ба мо имкон медиҳад, ки ақидаҳои арзишманди онҳоро оид ба такомули шахсият ҳамчун вазифаи муҳимтарини педагогика ва таълим арзёбӣ кунем. Дар ин маврид, қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми «маданияти педагогӣ» дар асарҳои зерин инъикос ёфтааст: «Инсон ҳамчун объекти тарбия» (К.Д. Ушинский); «Ҳар як рӯҳ роҳи худро дорад» (Л.Н. Толстой); «Аҳамияти аввалиндараҷа барои омӯзгор инкишофи шахсияти таълимгиранда аст» (В.П. Вахтеров); «Парвариши асолати инсонӣ дар вуҷуди инсон» (В.А. Сухомлинский).

Мо аз андешаҳои зикршуда чунин хулоса мекунем, ки барои ташаккули фарҳанги инноватсионии ҷомеаи Тоҷикистон таҳияи мафҳумҳои «фарҳанги педагогӣ», «фарҳанги педагогии ҷомеаи инноватсионӣ», «нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» ва «шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ»

муҳим аст. Дар ин бора Н.Е. Веракса қйд менамояд, ки «нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ омили муҳими дигари ташаккули фарҳанги инноватсионӣ ба шумор меравад. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд на танҳо донишҷӯёнро бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ созад, балки дар онҳо малакаҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва мустақилона фикр карданро инкишоф диҳад. Барои ин, дар Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд фазои мусоиди илмӣ-тадқиқотӣ, озмунҳои инноватсионӣ ва семинарҳои илмӣ ташкил карда шаванд. Шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ нақши калидӣ дорад. Донишҷӯён бояд на танҳо истеъмолкунандагони дониш, балки офарандагони он бошанд. Онҳо бояд ташаббускор, эҷодкор, масъулиятшинос ва қодир ба ҳалли масъалаҳои мураккаби муосир бошанд. Барои ташаккули чунин шахсият, дар раванди таълим бояд усулҳои фаъоли таълим, аз қабили муҳокимаҳо, лоиҳаҳо ва таҳқиқоти мустақилона истифода шаванд» [44, с. 81].

Ин андешаҳоро таҳқиқоти муосири падидаи фарҳанги педагогӣ тасдиқ мекунанд. Дар ин бора таваҷҷуҳи ҷиддиро ба ҷанбаҳои гуногуни он қайд кардан лозим аст: (В.Л. Бенин, В.А. Сластенин, Б.Э. Тамарин ва дигарон), тарбиявӣ (Э.Б. Абдуллин, И.Ф. Исаев и др.), касбӣ-эҷодӣ (В.И. Загвязинский, В.А. Кан-Калик, Н.Д. Никандров ва дигарон), дидактикӣ-технологӣ (З.А. Абросимова, В.В. Кузнетсов, Л.А. Терехина, М.М. Левина ва дигарон), зебоишиносӣ (Э.Т. Ардаширова, М.А. Верб, Г.А. Петрова ва дигарон), ахлоқӣ (Э.А. Гришин. Н.Б. Крилова. Д.С. Яковлева ва дигарон).

Дар таҳқиқоти худ мо мавқеи В.Л. Бенинро, ки «фарҳанги педагогиро ба унсурҳои низомташаккулдиҳандаи фаъолияти педагогӣ ҳамчун тамоми ҷомеа, ҳам гурӯҳҳои онро ташкилдиҳандаи иҷтимоӣ, касбӣ, мазҳабӣ ва демографии он, инчунин шахсони алоҳида» [22, с.83] мансуб медонад, ҷонибдорӣ мекунем.

Дар таҳқиқот диққат ба консепсияҳои инноватсия, фарҳанги инноватсионии ҷомеа ва шахсият, донишҷӯён ва омӯзгорон дар заминаи нерӯи фазои таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ равона шудааст. Дар ин бора мо ба ақидаи В.Л. Бенин розӣ ҳастем, ки менависад: «Рушди

шахсияти донишҷӯён таҳти таъсири шахсияти омӯзгорон ва рушди инноватсионии ҷомеа ба ташаккули фарҳанги инноватсионии мутахассисони оянда алоқаманд аст. Фарқи байни фарҳанги инноватсионии ҷомеа (инфрасохтори инноватсионӣ) ва фарҳанги инноватсионии шахс (қобилияти мутобиқшавӣ, эҷодкорӣ ва арзёбии навоварӣ) қайд карда мешавад» [22, с. 39].

Ҳамин тавр, мо ба мафҳуми ҷамъбастшудаи «ҷомеаи инноватсионӣ» меоем. Ба ақидаи Б. Санто: «Ин як ҷомеаи баландзеҳн дар миқёси ҷаҳонӣ аст, ин роҳи касонест, ки ба сифати ҳадаф ва шакли фаъолияти худ маърифати бетаваққуфи зеҳниро интихоб кардаанд, роҳи касоне, ки мавҷудияти онҳо бо фаъолияти баландшудаи зеҳнӣ ва хоҳиши амалисозии ғояҳои худ тавсиф меёбад» [186, с. 8]. Бояд таъкид кард, ки таърифи мавҷудаи мафҳум нопурра аст, зеро он танҳо ба ақл вобаста аст. Мафҳум бояд ҷанбаҳои гуногуни шахсияти барандагони фарҳанги инноватсионӣ, аз ҷумла талабот, ҳавасмандӣ, эҳсосот, ҳуқуқ, маънавиёт ва таҷрибаро дар бар гирад. Муносибати яклухти зеҳнӣ, эҳсосотӣ ва баҳогузорӣ муҳим аст. Эҳсосоти рушдёфта ва ҳамдардӣ ба зуҳуроти ҷомеа ва фарҳанг муносибати бойтари эҳсосотиро таъмин мекунанд. Ин фикрро муҳаққиқ Г.И. Гайсина тасдиқ намуда, менависад: «дар ташаккули фарҳанги инноватсионӣ, нақши эҳсосот, ҳавасмандӣ ва арзишҳо аз ҷиҳати таҳрикдиҳанда ва самтдиҳанда муҳим аст. Шахсоне, ки ҳавасмандии баланди эҷодӣ доранд ва ба пешрафт ва таҷдиди доимӣ майл доранд, қодиранд, ки фарҳанги инноватсиониро ҳавасманд намоянд. Эҳсосот, аз қабили шавқ, кунҷковӣ ва қонеъмандии зеҳнӣ, метавонанд раванди эҷодкориро тақвият бахшанд ва барои ҷустуҷӯи роҳҳалҳои нав ҳавасманд намоянд. Ҳамзамон, арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ дар фарҳанги инноватсионӣ набояд нодида гирифта шаванд. Инноватсия бояд ба манфиати ҷомеа нигаронида шуда, ба арзишҳои инсонӣ ва устуворӣ мувофиқ бошад. Шаффофият, ҷавобгарӣ ва адолат бояд принсипҳои роҳнамо дар татбиқи инноватсияҳо бошанд. Инчунин, таҷрибаи пешинаи шахс ва ҷомеа, аз ҷумла хатогиҳо ва муваффақиятҳо, метавонад дар

ташаккули фарҳанги инноватсионӣ саҳмгузор бошад. Таҷриба имкон медиҳад, ки аз гузашта дарс гирифта, роҳҳои нави ҳалли масъалаҳоро дар асоси дониш ва фаҳмиши мавҷуда таҳия намоем» [51, с. 48].

Илова бар ин, бояд қайд кард, ки ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ бояд дар фарҳанги инноватсионӣ ҳифз ва эҳтиром карда шаванд. Инноватсия набояд боиси поймолкунии ҳуқуқҳо ё табъизи афрод гардад. Ҳама бояд имконият дошта бошанд, ки дар раванди инноватсионӣ иштирок кунанд ва аз манфиатҳои он баҳра баранд.

Дар маҷмуъ, фарҳанги инноватсионӣ бояд ҳамчун маҷмуи мутавозини қобилиятҳои зеҳнӣ, эҳсосотӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқҳои инсон тафсир карда шавад. Чунин муносибати ҳамаҷониба имкон медиҳад, ки фарҳанги инноватсионӣ ба рушди устувор ва некӯаҳволии ҷомеа мусоидат намояд.

Таҳлил ва баррасиҳои анҷомдодашуда имкон доданд, ки мо таърифи зеринро барои фарҳанги инноватсионии шахс пешниҳод намоем: фарҳанги инноватсионӣ ин дараҷаи таърихан муайяншудаи омодагии шахс ба навовариҳо, инчунин имконият ва хоҳиши қабул, татбиқ ва эҷоди онҳо мебошад. Азбаски мо шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун ҳомили фарҳанги инноватсионӣ таҳлил менамоем, мо мафҳуми «ифодагар»-ро амиқтар меомӯзем. Мувофиқи таърифи фарҳанги луғатномавӣ, «ҳомил ҳамон касест, ки дорои чизе мебошад, метавонад ҳамчун ифодакунанда, намояндаи чизе хизмат кунад» [38, с. 383].

Дар луғати фалсафӣ (А.И. Абрамов ва дигарон) оид ба ҳомили фарҳанг, чунин таъриф вуҷуд дорад: «дорандаи фарҳанг (culture bearer) – фард, алахусус муҳоҷирест, ки ҳомил аст ва аз ин рӯ арзшҳо ва хусусиятҳои фарҳангиро аз як ҷомеа ба ҷомеаи дигар паҳн мекунад. Нақши он махсусан дар фарҳангҳое, ки дар марҳилаи гузариш ё мавриди таҳдид қарор доранд, хеле муҳим аст» [202, с. 496].

Дар асоси баррасии мулоҳизаҳои зикршуда, мо тавсифи зеринро барои истилоҳи марказии таҳқиқоти худ, яъне «шахсияти донишҷӯён ҳамчун нерӯҳои пешбарандаи фарҳанги навоварӣ» пешниҳод менамоем:

ин шахсони воқеии ҷомеа ва фарҳанг мебошанд, ки ба дараҷаи муайяни омодагӣ барои пазироии навовариҳо расидаанд ва ин омодагӣ дар заминаи баланд бардоштани нерӯ ва истеъдоди худ сурат мегирад. Ин раванд бошуурона дар ғаразҳо, майлҳо, кирдорҳои арзишӣ ифода меёбад, ки худмубрамсозиро дар сатҳи ҷаҳонӣ тарғиб мекунанд.

Дар идома, бо назардошти самти таҳқиқот мо, мафҳуми «мубрамсозӣ»-ро мушаххас мегардонем, ки ин раванд маънои тағйир додани шахсият, гузариши мавҷудият аз вазъияти имконпазир ба вазъияти амалиро дорад.  Дар натиҷаи омӯзишу таҳлил, мо мувофиқати байни «ҳақиқат, воқеият»-ро муайян кардем.

Ҷойгоҳи асосӣ дар таҳқиқот дар муайян кардани мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ва идоракунии педагогии онҳо ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мебошад. Донишҷӯёни муосир дорои нерӯи бузургад, аммо ҷараёнҳои инноватсионӣ номутобиқатии инҳоро тақвият медиҳанд, ки муваффақият ва худмубрамшавиро мушкил месозад. Фазои таҳсилоти олии касбӣ бо истифодаи технологияҳои кӯҳна шахсияти донишҷӯёнро вайрон ва онҳоро аз таҳсилот бегона мекунад.

Дар чунин шароит, муҳим аст, ки таҳқиқоти илмӣ ба ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки мутобиқсозии донишҷӯён ба ҷараёнҳои инноватсионӣ равона карда шавад. Ин мутобиқсозӣ бояд на танҳо ба азхудкунии технологияҳои нав, балки ба нигоҳ доштани арзишҳои фарҳангӣ, рушди хислатҳои шахсӣ ва таҳкими ҳисси худшиносии онҳо нигаронида шавад. Танҳо дар ин сурат донишҷӯён метавонанд ба нерӯи воқеии тағйирот табдил ёбанд ва на ба қурбониёни он.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти мо ба омӯзиши таъсири технологияҳои муосири таълимӣ ба шахсияти донишҷӯён ва муайян кардани шаклҳо ва усулҳои самараноки идоракунии педагогии онҳо равона карда шудааст. Мо ба таҳлили таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таълимии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин ба гузаронидани таҷрибаҳои педагогӣ барои санҷиши самаранокии моделҳои нави таълимӣ диққати ҷиддӣ медиҳем.

Ҳадафи асосии мо аз он иборат аст, ки фазои муассисаи таҳсилоти

олии касбиро ба муҳити мусоиди рушди шахсияти донишҷӯён табдил диҳем. Ин фазо бояд имкониятҳоро барои худмубрамшавӣ, эҷодкорӣ ва ташаббус фароҳам оварад. Он бояд ба донишҷӯён дар муайян кардани потенсиали худ, таҳияи нақшаҳои касбӣ ва ба даст овардани муваффақият дар ҳаёти шахсӣ ва касбӣ кӯмак расонад.

Дар ин раванд, нақши омӯзгорон аҳамияти калидӣ дорад. Омӯзгорон бояд на танҳо дониш ва малакаҳои касбиро интиқол диҳанд, балки ба донишҷӯён дар рушди шахсӣ, ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва мутобиқ шудан ба ҷаҳони тағйирёбанда кӯмак расонанд. Онҳо бояд ҳамчун роҳнамо, ҳавасмандкунанда ва дастгиркунандаи донишҷӯён амал кунанд.

Ба ақидаи М.Н. Дудина «масъалаи муҳими педагогӣ ҳассосияти инноватсионии донишҷӯён ва омӯзгорон ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мебошад. Зуҳури ҳассосият бо хислатҳои шахсӣ, аз қабили зудҳаракатӣ, сахтгирӣ ва рафтори содиқона алоқаманд аст. Хислатҳои шахсӣ интихобро дар фарҳанг муайян мекунанд. Шаъну шарафи инсонӣ ҳамчун меъёри интихобӣ амал мекунад. Аммо, таваҷҷӯҳи нокифояи назариётчиён ба масъалаи шаъну шарафи инсон дар таҳқиқи шахсияти донишҷӯёни муосир, барандагони фарҳанги инноватсионӣ ба назар мерасад. Масъалаи мазкур аз ҷониби фарҳанги инноватсионии педагогӣ сарфи назар шудааст ва онро аз дидгоҳи баҳси ахлоқӣ-педагогӣ таҳқиқ кардан зарур аст» [79, с. 347 – 353].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии босуръати технологияҳо, масъалаи рушди ҳассосияти инноватсионӣ дар соҳаи маориф аҳамияти беандоза касб мекунад. Аз ин рӯ, маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд насли навро барои фаъолият дар шароити нав омода созад ва қобилияти эҷодкорӣ ва инноватсионии онҳоро тақвият бахшад. Омӯзгорон ва донишҷӯён бояд на танҳо донишҳои мавҷударо аз худ кунанд, балки ба эҷоди донишҳои нав ва татбиқи онҳо дар амал низ омода бошанд.

Дар ин замина, таҳқиқи шаъну шарафи инсонӣ дар контексти фарҳанги инноватсионии педагогӣ аҳамияти хосса дорад. Шаъну шарафи инсонӣ, тавре ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар муқаррар шудааст,

асоси озодӣ, адолат ва сулҳ дар ҷаҳон аст. Аз ин рӯ, дар раванди таълим ва тарбия, омӯзгорон бояд шаъну шарафи ҳар як донишҷӯро эҳтиром кунанд ва фазои мусоидро барои рушди шахсияти онҳо фароҳам оранд. Инчунин, донишҷӯён бояд дарк намоянд, ки инноватсия бояд ҳамеша ба беҳтар шудани зиндагии инсонҳо ва ҳифзи шаъну шарафи онҳо нигаронида шавад.

Шаъну шараф категорияи ахлоқӣ буда, дар муносибати арзиши инсон ба ҷаҳон ва муносибати дигарон ба он асос ёфтааст. Меъёрҳои худбаҳодиҳии шаъну шараф аз меъёрҳои ахлоқӣ, интихоби арзишҳо ва қабули онҳо вобаста аст.

Баррасии педагогии падидаи шаъну шарафи шахсият ба масъалаи муносибатҳои байни озодӣ ва арзиш, озодӣ ва некӣ алоқамандӣ дорад. Н.А. Бердяев дар инсон ҳамчун фарди озод «на танҳо таҷассумгари қонунҳои некӣ, балки инчунин эҷодкунандаи арзишҳои навро мебинад» [23, с. 53].

Мо изҳор медорем, ки аз таваҷҷуҳи хос барои таҳсилоти муосир фаҳмиши вазифаи донишҳои ахлоқӣ ба С.И. Гессен бархӯрдор аст У менависад: «Донишҳои ахлоқӣ ба рушди озодӣ дар инсон нигаронида шудааст. Донишҳои ахлоқӣ бо ташаккули шахсият дар инсон, ё, ки худи ҳамон аст, бо рушди фардияти он ба итмом мерасад. Аммо азбаски озодӣ ва шахсият аз додаҳои омода иборат набуда, балки комилан супоришҳои ҳеҷ гоҳ татбиқнашаванда иборатанд, пас донишҳои ахлоқӣ наметавонад дар як давраи муайяни ҳаёти инсон хотима ёбад, балки тамоми умр тӯл кашида, метавонад зӯракӣ бо марги ӯ канда шавад» [55, с. 85].

Ба ақидаи С.И. Гессен «инсоният низ аз се марҳилаи рушд мегузарад: ноустувории иҷтимоӣ ва талаботи ахлоқии бе чуну чаро, қонуниятҳои ин ё он ҳодисаи ба ӯ бегона ва мухторият, ки онҳоро ӯ бо табиат, ҳуқуқ ва ахлоқ муқоиса мекунад. Қонунҳои табиӣ дахлнопазир ва абадӣ буда, инсон ба онҳо итоат мекунад, аммо табиат, баръакси инсон, лозим ва нолозимро намедонад. Аммо, меъёрҳои қонун ба таври якранг ва доимӣ амал мекунанд, аз ин ҷо «табиати бегонақонуни онҳо бармеояд: ҳатто

барои қонунгузор, ки як замон онҳоро муқаррар кардааст, онҳо маънои чизи бегона барои иродаи шахсии ӯ доранд, чизе аз берун муқарраршуда, ки бояд дар ҳар ҳолат иҷро карда шавад, гарчанде агар иродаи шахсии ӯ аллакай чизи дигарро мехост, ва вазифаи дигаре дар назди ӯ қарор гирифт» [55. с. 91]. Дар ҷойи дигар С.И. Гессен менависад, ки «ахлоқ бошад, ин воҷибиятии соф аст. Маҷбур кардани инсон барои соҳиби ахлоқ шудан ... ғайриимкон аст. Шахс метавонад фақат бо хоҳиши худ ба қарзи дар назди ӯ пайдошуда тобеъ шуда, меъёрҳои ахлоқиро иҷро кунад. Ба ин маъно, ахлоқ мустақил аст: ин тобеият ба қонунест, ки шахс бар дӯши худ гузоштааст» [55, с. 91].

Бояд зикр намуд, ки ин ё он кирдорро содир карда, шахсияте, ки дорои шаъну шараф мебошад, интихоби озодро дар асоси тасаввурот дар бораи виҷдон ва шарм, шаъну шараф ва ифтихор амалӣ месозад. Мо боварӣ дорем, ки идеали ахлоқӣ – башардӯстона аз ҷониби шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар роҳҳои психология ва педагогии идорашаванда қобили дастёбӣ мебошад. Дар асоси он рафъи ихтилофи мақсад ва восита, вақте ки одам ҳадаф, як «имконияти кушода» аст, имконпазир аст, ва таълиму тарбияи ӯ ба ташаккул ва таҳкими шаъну шарафи инсонӣ мусоидат мекунанд.

Хулоса, мо дар доираи таҳқиқоти худ дар масъалаи таҳқиқи шахсияти донишҷӯёни муосир ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мутобиқат ба самтҳои арзишӣ-маъноӣ ва педагогикаи башардӯстонаро дар тағйирёбии мусбати рушди шахсияти донишҷӯён, аз ҷумла рушди маънавӣ-ахлоқии онҳо мушоҳида мешавад.

Тибқи таҳлилҳои О.А. Жеглова «таҳсилот бояд ба таълимгирандагон дар дарки зеҳнии худ, рафтори маънои ҳаётӣ, таҷрибаи эҳсосот ва худидоракунӣ кумак кунад, то паёмадҳои муносибатҳо ва фаъолияти шахсиро идора карда, ба маҷрои пурмаҳсул равона созанд ва таъсироти харобиоварро пешбинӣ ва дуруст арзёбӣ намоянд. Таълими маҳоратҳо барои пешгӯии муваффақияти худ имконпазир аст ва барои пешгирии рукуд ва таназзули шахсият, рушди самтҳои маънавӣ-ахлоқӣ муҳим аст. Дар шароити

дарки арзишҳои ҳаётӣ ва радди анъанаҳо, ба донишҷӯён кумак расонидан зарур аст, ки дар интихоби бошууронаи арзишҳо босалоҳияттар гарданд. Фазои муосири таҳсилоти олии касбӣ барои ҳалли босалоҳияти масъалаҳои номбаршуда нерӯи назаррас дорад» [83, с. 115].

Дар ин замина, таҳсилот ба ҳайси омили муҳими рушди шахсият нақши муассир мебозад. Таҳсилот қувваи пешбарандаи инсон аст, ки ба сӯи маъно равона шудааст. Тарбияи донишҷӯён дар самти дарки маънои зиндагӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки новобаста аз душвориҳо ва монеаҳо дар роҳи ҳаёт, ҳадафҳои мушаххас муқаррар намуда, кӯшишҳои худро ба онҳо равона созанд. Инчунин, таҳсилот дар тарбияи тафаккури интиқодӣ ва қобилияти қабули қарорҳои асоснок нақши муҳим мебозад, ки дар шароити муосири иттилоотӣ аҳамияти хоса дорад.

Муносибатҳои байнишахсӣ ва таҷрибаи эҳсосӣ ҷузъҳои ҷудонашавандаи ҳаёти иҷтимоӣ ба шумор мераванд. Тансилот ба таълимгирандагон дар идораи эҳсосот, дарки эмпатия ва ба роҳ мондани муносибатҳои солим бо атрофиён кумак мекунад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки одамоне, ки сатҳи баланди зеҳни эҳсосӣ доранд, дар муҳити корӣ ва ҳаёти шахсӣ бештар муваффақ мегарданд. Инчунин, тансилот ба рушди худидоракунӣ ва масъулиятшиносӣ мусоидат мекунад, ки ин барои пешгирии рафтори номатлуб ва қабули қарорҳои дуруст муҳим аст.

Дар педагогика донишҷӯ субъект аст, на объект. Омӯзгорон бояд аз принсипҳои анъанавӣ даст кашанд ва ба донишҷӯён дар ошкор сохтани нерӯи шахсиятии худ кумак расонанд. Муҳити таълимии мактаби олӣ ва раванди мақсаднок тарҳрезишуда дар ин кор ёрӣ мерасонад. Пештар ба эҷодкорӣ ва ташаббуси донишҷӯён фишор оварда мешуд ва азхудкунии маводи лексионӣ барои супоридани санҷишу имтиҳонҳо талаб карда мешуд. Низоми мониторинг ва баҳогузории дониш, вақте ки танҳо арзёбии омӯзгор аз ҷониби ҳукумат дастгирӣ меёфт, зарурати аз ёд гирифтани маводи лексияҳо иборат буд. Як теъдоди муайяни омӯзгорон донишҷӯёнро бо истифода аз тарсу ҳарос, вобастагиашонро аз гирифтани стипендия нигоҳ медоштанд. Мутаассифона, дар ҳоли ҳозир, тибқи

таҳқиқоти мо ин вазъ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар баъзе ҳолатҳо мушоҳида карда мешавад. Дар айни замон, тавзеҳ додан мумкин аст, ки дар шароити муосир педагогика ба ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯ ва омӯзгор, аз ҷумла ҳамчун намояндагони фарҳанги навоварӣ, кӯмак мерасонад.

Намунаи муосири таҳсилоти ҷомеаи инноватсионӣ ба «ченаки инсонӣ» дар амсилаи шахсият – меҳвар нигаронида шудааст. Бо назардошти аҳамияти он барои соҳаҳои омӯзгорӣ, мо ба таҳлили нерӯи фазои таълимии донишгоҳ бо иштироки унсурҳои «муаллим – донишҷӯ» ва роҳбарони соҳаи маориф рӯ меорем. Ин зарурати ҷустуҷӯи меъёрҳои таҳлил ва интихоби усулҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва равонӣ-педагогии арзёбии шахсияти донишҷӯёнро, ки ҳамчун пешбарандагони фарҳанги инноватсионӣ мебошанд, ба миён меорад. Вобаста ба ин Ҷ.П. Сартр иброз кардааст, ки: «дар қатори масъалаҳои муҳими таҳқиқи интихоби донишҷӯён ҳамчун шахсият маҷмӯи арзишҳо ва ҳавасмандии инсон, эҳтиёҷот ва интихоби ӯ, зуҳуроти рафтори инноватсионӣ, ҷустуҷӯи маънои зиндагӣ ва касбро баррасӣ мекунем. Умуман, ҳангоми интихоби методҳои таҳқиқи шахсияти донишҷӯён ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бар мавқеи шахсияти донишҷӯён дар бораи он асос меёбем, ки инсон, пеш аз ҳама, лоиҳае, ки субъективона таҷриба карда мешавад, мебошад. Ҳеҷ чиз пеш аз ин лоиҳа вуҷуд надорад, дар фазои бо ақл даркшаванда ҳеҷ чиз вуҷуд надорад ва шахс ба он табдил хоҳад ёфт, ки лоиҳаи ҳастии он аст» [187, с. 323].

Бояд зикр кард, ки таҳқиқи фаъолияти навоваронаи донишҷӯён моро ба хулосаи ҷолиби зерин оид ба маданияти инноватсионӣ оварда расонд: дар такя ба илмии педагогика мо муайян намудем, ки ҳам омӯзгорон ва ҳам донишҷӯён ба фарҳанги инноватсионӣ таваҷҷуҳ доранд. Дар робита ба ин, якчанд масоили мубрамро барои таҳқиқ мушаххас месозем.

Якум, дар бораи он ки донишҷӯён мутаносибан дар назария ва амалия бояд чӣ гуна бошанд, ки педагогҳо донишҷӯёнро аз ҳад зиёд паст назананд.

Дуюм, дар бораи он, ки чӣ гуна донишҷӯён, синну соли онҳо, мушкилоти шахсиятӣ ва иҷтимоии онҳо, вазъи иҷтимоии рушди онҳоро фаҳмидан мумкин аст.

Сеюм, кумаки мушаххаси омӯзгорӣ, идоракунии педагогии донишҷӯён дар таҳсилот бо мақсади рушди ҳувияти синну солӣ ва ҷинси донишҷӯён, барои пешгирии «ҳувияти печида» аз чӣ иборат хоҳад буд. Барои ин ба донишҷӯён кумак расонидан лозим аст, то дарк кунанд, ки масъалаҳои марбут ба ҳаёт ҳалли саривақтӣ, қабули тезиси Ҷ.П. Сартр: «Агар ман ҳеҷ чизро интихоб накунам, бо ин ман ба ҳар ҳол интихоб мекунам»-ро талаб мекунанд» [187, с. 338].

Чорум, бо назардошти он ки сухан дар бораи рушди тағйирёбандагии шахсияти донишҷӯён дар асоси интихоби бошууронаи онҳо меравад, пас механизми масъулият барои он чӣ ба даст оварда шудааст ва он чизе, ки дар оянда ба даст оварда мешавад, чӣ гуна аст. Чӣ гуна бояд ба қабули тезис аз ҷониби донишҷӯён мусоидат карда шавад: шахс озод ва масъулиятшинос аст, аз ҷумла барои интихоби на танҳо фардияти худ, балки инчунин дигарон.

Гуфтаҳоии болозикр мустақиман бо фаҳмиши худи истилоҳи субъективӣ будан вобаста аст, ки дар доираи шахсияти инсон на танҳо бо он ки одам худашро интихоб мекунад, балки бо он, ки он аз ҳудуди худ, субъективияти худ баромада метавонад, низ алоқаманд аст. Дар ин маънои амиқи психология ва педагогикаи башардӯстона ва андрагогика, ки аз рӯйи ҳадафҳо, моҳият ва натиҷаҳо инновватсионӣ мебошад, ниҳон аст. Он бо нерӯи шахсият алоқаманд аст, ки пеш аз ҳама дар вазиятҳои ғайримуқаррарӣ, шадид, фавқуттабиӣ ошкор карда мешавад, ки дар бораи онҳо пешакӣ намедонанд, ва худи инсон тасаввур намекунад. Баъзан одамон: волидон, педагогҳо, дӯстон, наздикон метавонанд ба он бовар кунанд, ва инро дастгирӣ мекунад.

Панҷум, чӣ тавр донишҷӯёнро таълим додан лозим аст, ки мавқеи фаъоли ҳаётиро ишғол намуда, интихоби шахсии худро кунад. Ҷомеаи инноватсионӣ ва шахсияти алоҳида ҳамчун барандагони фарҳанги

инноватсионӣ набояд умедвор бошанд, ки зиндагии беҳтар бо пешрафти рушди таърихӣ меояд. Ин ғоя ҳисси хатарро дар ғафлат гузошта ва ҳатто ба тариқи муайян бисёриҳоро аз масъулияти фарққунанда ва иҷтимоӣ озод кард. Барои фарди шахсият – меҳвар озодӣ имконияти паси сар намудани ҳудудҳо, ё ҷудо кардани онҳо, ё эътироф накардани онҳо ё ба онҳо мутобиқ шуданро боз мешавад ва бо он фард мавриди масъулиятнокии сартосарӣ қарор надорад. Инсон озод аст, дар мавҷудияти воқеӣ, ки аз интихоби ӯ вобаста аст, он озодӣ ва масъулият маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, масъалаи таҳқиқи шахсияти донишҷӯёни муосир ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ва роҳҳои пешниҳодшудаи ҳалли он, ки аз ҷониби мо гузошта шудааст, умедворем, ба хоҳиши усулан такмил додани низоми маорифи ватанӣ мусоидат намуда, бо заминаи илмӣ худи мафҳуми «муосиркунонии таҳсилот»-ро ғанӣ мегардонанд, ки ба афзоиши «сармояи инсонӣ» дар «андозагирии инсонӣ»-и шахсияти барандагони фарҳанги инноватсионӣ, илова бар ҳар чизе, ки гуфта шудааст, дар рафтори боварибахш зоҳир мешавад, нигаронида шудааст.

## 2.2. Ғояи асосии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ

Ғояи асосии таҳқиқот аз он иборат буд, ки ҳар як шахс дорои низоми пешбари намояндагии худ мебошад, ки бо ёрии он миқдори зиёди маълумотро гирифта, дар олами гирду атроф самтгирӣ намуда, муносибати худро ба рӯйдодҳое, ки дар фикрҳо, сухан, ҳиссиёт ва кирдорҳо ба амал меоянд, кашф менамоянд. Агар посухдиҳандагон низомҳои намояндагии худро ба мувофиқа карда тавонанд, муошират бомуваффақият сурат хоҳад гирифт.

Корро дар марҳилаи ташаккулдиҳандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ идома дода, мо ба хулоса омадем, ки методикаҳои дигар ва василаҳои

иловагиро, ки барои боз ҳам пурратар дарк кардани сифатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мусоидат мекунанд, истифода бурдан зарур аст. Инро хислатҳои шахсиятие, ки аз ҷониби мо фарқгузорӣ карда шуданд, ба монанди ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ ва масъулият талаб мекарданд. Ба ақидаи мо, ва инро таҷриба тасдиқ кард, методикаи «Маҷмӯаи некӯкорӣ» барои муайян кардани баъзе хусусиятҳои дар боло номбаршуда арзишманд мебошад. Омӯзгор пешниҳод мекард, ки вазифаҳое ба анҷом расонида шаванд, ки ба рушди фарҳанги ба таҷрибаи ҳаётӣ вобастабуда тавассути худшиносӣ, худтанзимкунӣ ва фаҳмиши худинтизомнокӣ нигаронида шудаанд. Фарқияти асосии вазифа дар байни гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ иборат аз он буд, ки донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ мебоист хислатҳои хайрхоҳонаро баҳогузорӣ мекарданд. Дар гурӯҳи таҷрибавӣ бошад, аз донишҷӯён хоҳиш карда шуд, ки рӯйхати шахсии «Хислатҳои хайрхоҳона»-ро тартиб диҳанд. Илова бар ин, маълумоти муҳим дар бораи муаллиф, яъне шахсияти бузурги таърихӣ Куруши Кабир, пешниҳод гардид. Куруши Кабир роҳбар ва давлатдори машҳури тоҷик, яке аз асосгузори давлати тамадунсоз мебошад. Ҳамчун сарвари оқил ва дурандеш Эъломияи ҳуқуқи башарро қабул карда, дар бораи раиятпарварӣ дар таърих боқӣ мондааст. Ба донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ варақаҳои «Маҷмӯаи некӯкорӣ» дода шуда, аз онҳо хоҳиш карда шуд, ки онҳоро аз рӯйи дараҷаи аҳамият барои ҳар яке, аз муҳимтарин сар карда, рутбабандӣ намоянд:

1. Парҳезгорӣ. Бояд на то сер шудан хӯрд.

2. Хомӯшӣ. Фақат гуфтан лозим аст, ки чӣ ба ман ё ба дигарон фоида оварда метавонад; аз гуфтугӯи холӣ дурӣ ҷустан лозим аст.

3. Тартиб. Ҳама чизҳои худро дар ҷои худ нигоҳ доштан лозим аст; ҳар як машғулият ҷой ва вақти худро бояд дошта бошад.

4. Боазмӣ. Лозим аст он кореҷро карда шавад, ки бояд иҷро карда шавад: қатъиян он чӣ бояд иҷро шавад, ки қарор карда шуда буд.

5. Меҳнатдӯстӣ. Вақтро беҳуда сарф кардан лозим нест: ҳамеша бо ягон чизимуфидмашғул шудан лозим аст; аз ҳама гуна амалҳо ва робитаҳои нолозимрӯ й тофтан лозим аст.

6. Самимият. Фиребгарӣ кардан лозим нест, фикрҳо ва андешаҳои пок ва одилона доштан лозим аст.

7. Адолат; Ба ҳеҷ кас зиёнрасонидан лозим нест:аз корҳои хубе, ки ба шумори уҳдадориҳои ту дохиланд, канорагирӣ кардан лозим нест.

8. Эътидол Аз ифротҳо бояд канорагирӣ кард; ҳисси ранҷишро аз беадолатиҳо, то дараҷае киту ҷоиз мешуморӣ, парҳезгорӣ кардан лозим аст.

9. Покӣ. Ба нопокии бадан роҳ додан лозим нест; тоазгиродар либос ва дар хона ба тозагӣ риоя кардан лозим аст.

10. Хоксорӣ. Нисбати чизҳои ночиз изтироб накашед. Иффат. Аз алоқаи ҷинсӣ бояд худдорӣ кард, ба истиснои мавридҳои нигоҳдории саломатӣ ё тавлиди насл, ва ҳаргиз набояд ба дараҷаи хастагӣ, зарар ба обрӯи дигарон расид.

11. Худшиносӣ. Аз шахсони бузург ибрат гирифтан зарур аст.

Ба донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ пешниҳод гардид, ки «Маҷмӯаи хислатҳои нек»-и худро таҳия намоянд, ки шахсияти фардии онҳоро инъикос кунад. Сипас, «Маҷмӯаи хислатҳои нек» дар дохили гурӯҳҳо мавриди муҳокима қарор гирифт. Донишҷӯён афзалиятҳои иерархии хислатҳои некро муайян карданд. Мушоҳида гардид, ки дар гурӯҳи назоратӣ дар арзёбии хислатҳои неки зикршуда тафовути назаррас ба мушоҳида мерасид.

Ба суолҳое, ки донишҷӯёнро ба ташвиш меоварданд, аҳамият медиҳем: Оё тамоми хислатҳои неки зикршуда дар асри XXI аҳамият доранд? Оё асли ғояи «Маҷмӯаи хислатҳои нек» дар байни ҷавонони асри XXI шубҳа эҷод намекунад? Хусусияти фарқкунанда ва моҳияти «Маҷмӯаи хислатҳои нек»-и шумо аз чӣ иборат аст?

Пас аз баррасии андешаҳои донишҷӯён, мо ба натиҷаи зерин расидем:

– донишҷӯён чунин меҳисобанд, ки таҳияи «Маҷмӯаи некӯкорӣ»

ҳамчун як воситаи муҳим ба шумор меравад, зеро он ба шахс имкон медиҳад, ки принсипҳо ва арзишҳои ахлоқии худро муайян созад ва ба онҳо содиқ бимонад;

– як қисми некӯкориҳои таърихии гузашта ҳанӯз ҳам арзиши худро гум накардаанд, дар ҳоле ки дигар арзишҳо дар замони муосир аҳамияти худро то андозае аз даст дода, камтар мавриди истифода қарор мегиранд.

– хусусияти «Маҷмӯаи некӯкорӣ», ки дар машғулиятҳо истифода бурда шуд, дар мавқеи аввал чунин некӯкориҳо, ба монанди адолат, самимият ва меҳнатдӯстӣ бештар афзалият пайдо карданд. Дар маҷмӯъ, мо самаранокии педагогии истифодаи супориши мазкурро дар ҳарду шакл мебинем, зеро дар ҳар сурат ин ба рушди инъикоси зарурӣ барои симои ахлоқии донишҷӯёне, ки барандагони фарҳанги инноватсионӣ мебошанд, мусоидат мекунад.

Дар мавриди таҳлили натиҷаҳои дар гурӯҳи озмоишӣ бадастомада бошад, ки дар он ҷо донишҷӯён маҷмӯи худро («бидуни луқмапартоӣ») тартиб медоданд, маълум шуд, ки бисёре аз некӯкориҳо (парҳезгорӣ, покӣ, покдоманӣ, фурӯ танӣ) аз ҷониби донишҷӯён ҳатто зикр нашуданд. Аммо инчунин тасодуфҳо буданд, масалан, дар чунин некӯкориҳо, ба монанди адолат, меҳнатдӯстӣ, боазмӣ. Гузашта аз ин, чунин некӯкориҳо номбар карда шуданд, масалан, таҳаммулпазирӣ, боинтизомӣ, масъулият, меҳрубонӣ, ҳисси ҳазлфаҳмӣ, тарзи ҳаёти солим ва ғайра.

Натиҷаҳои аз ҷониби мо бадастомада имкон медиҳанд, ки дар бораи рушдии фарҳанги ахлоқӣ, низоми арзишҳо, тамоюлоти арзишии донишҷӯёни муосир ҳарф занем. Азбаски дар фазои таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ рушди фарҳангӣ-таърихиро дар назар доштан лозим аст, аз ин рӯ он рушди шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ инъикос менамояд. Ва бо қаноатмандӣ қайд менамоем, ки донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ, ки дар шумори некӯкориҳо: адолат, меҳнатдӯстӣ, боазмӣ, таҳаммулпазирӣ, масъулият, меҳрубонӣ, ҳисси ҳазлфаҳмӣ, тарзи ҳаёти солимро номбар кардаанд, бо асоси тамом худро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ҳисобида метавонанд.

Тавре ки Г.А. Берулава қайд мекунад, «Тақдири ҳар як инсон пеш аз ҳама аз ҷониби худи он, қобилияти фикррониии он ва муносибати оқилонаи он ба ҳама чизҳое, ки дар олами атрофи он ба вуқӯъ мепайвандад, муайян карда мешавад. Худи инсон ҳаёти худро ба нақша мегирад. Танҳо озодӣ ба ӯ қувват мебахшад, ки нақшаҳои худро ба иҷро расонад, ва танҳо қувва ба он озодӣ медиҳад сарфаҳм равад, ки онҳо ҳимоя карда шаванд ё бо нақшаҳои дигарон мубориза бурда шавад» [27, с.173].

Ба донишҷӯён супориш пешниҳод карда шуд, то ки сенарияи зиндагии худро лоиҳасозӣ карда, ба ин васила водор шаванд, ки дар бораи маънои ҳаёт, дар бораи таъйиноти худ фикр кунанд, то тавонанд зиндагии худро дар гузашта ва ҳозира таҳлил карда, инчунин ба оянда назар кунанд. Супориш ба инкишофи хислатҳои донишҷӯён, аз қабили кушода будан ба инноватсияҳо, ба таҷрибаи ҳаётии худ такя намудан, худмубрамсозӣ, боварибахшӣ, масъулият мусоидат мекунад. Вазифаи «Сенарияи зиндагии шумо» аз донишҷӯён маҳорати эҷодкориро талаб менамуд, ки тартиби иҷрои он аз қадамҳои зерин иборат буд:

1. Таҳияи ҷавоби муфассал ба саволи «Ҳадафҳои ман дар зиндагӣ кадомҳоянд?». Тибқи таҳқиқоти муҳаққиқон дар соҳаи психологияи мусбат, муайян кардани ҳадафҳо барои эҳсоси хушбахтӣ ва қаноатмандӣ аз зиндагӣ муҳим аст.

2. Баррасии амиқ ва таҳлили ҳамаи ҷавобҳои пешниҳодшуда. Ин марҳила имкон медиҳад, ки муҳимтарин ҷанбаҳои ҳаётии инсон муайян карда шаванд.

3. Интихоби ҳадафи асосӣ, ки аз ҳама назаррас ва арзишманд барои шахс мебошад. Мувофиқи назарияи худмуайянкунии Деси ва Райан, интихоби ҳадафҳои мувофиқ ба арзишҳои шахсӣ барои рушди ҳавасмандии дохилӣ муҳим аст.

4. Муайян намудани сатҳи кӯшишҳо барои расидан ба ҳадаф ва арзёбии дараҷаи муваффақият (ё нокомӣ) дар ин самт.

5. Арзёбии ҷиддияти муносибат нисбат ба ҳадафҳои зиндагӣ. Ин

баҳогузорӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи ӯҳдадорӣ ва масъулияти шахс муайян карда шавад.

6. Муқоисаи худ дар се давраи мухталиф: а) давраи кӯдакӣ (4-6 сола); б) лаҳзаи ҳозира; в) тасаввурот дар бораи оянда. Ин муқоиса имкон медиҳад, ки динамикаи тағйирёбии арзишҳо ва ҳадафҳо дар тӯли ҳаёт муайян карда шавад.

7. Ёдоварӣ аз воқеаҳое, ки ба таври назаррас ба ҳаёт таъсир расонидаанд ё онро дигаргун сохтаанд. Чунин воқеаҳо аксар вақт ҳамчун нуқтаҳои гардиш дар ҳаёт хизмат мекунанд ва ба ташаккули шахсият таъсир мерасонанд.

8. Тасвири марҳилаҳои зиндагӣ дар шакли нардбон (нуқтаи баландтарин - зинаи 10-ум). Муайян намудани мавқеъ дар нардбон 6 сол пеш, ҳозира ва пешбинии мавқеъ пас аз 5 сол. Ин усул ба арзёбии пешрафт ва банақшагирии оянда мусоидат мекунад.

Дар асоси таҳлили посухҳои донишҷӯён бо истифода аз меъёри худмубрамсозӣ ва баррасии шахсияти муҳассилин ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ, тадқиқот нишон дод, ки дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ ҳадафҳои донишҷӯён дар самти гирифтани маълумоти олӣ мутаносибан 94% ва 89%-ро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, 74% ва 73%-и донишҷӯён ба кори хуб майл дошта, 44% ва 41%-и онҳо ният доранд, ки оилаи мустаҳкаму солим бунёд намоянд. Дар робита ба соҳибкорӣ ва ба даст овардани даромад, 26% ва 23%-и донишҷӯён изҳори хоҳиш карданд, дар ҳоле, ки танҳо 4% ва 8%-и онҳо ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва 3% ва 2%-и онҳо ба варзиш машғул шуданро афзал донистанд. Дар ин замина, мушоҳида гардид, ки худтатбиққунии донишҷӯён дар сатҳи шахсӣ нисбат ба сатҳи иҷтимоӣ бартарӣ дорад. Натиҷаҳои пурсишро таҳлил карда, мо қайд намудем, ки сатҳи рушди худмубрамсозӣ дар гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба назоратӣ баландтар аст ва мо онро, мувофиқи миқёси меъёрӣ-сатҳии худ қулай ҳамчун беҳтарин тавсиф мекунем. Натиҷаҳо дар диаграмма оварда шудаанд.




*Диаграммаи 1. Худмубрамсозии донишҷӯён аз нуқтаи назари шахсиятӣ*

Дар мавриди худтатбиққунӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ, мутаносибан дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ: машғул шудан бо корҳои хайрия барои кумак ба одамон – 47%; бо фаъолияти волонтёрӣ машғул шудан – 25%; ба ҷомеа даркор будан – 25%; ва ҳифзи ҳайвонот ва ҳифзи табиат 3%. Натиҷаҳо дар диаграмма оварда шудаанд.




*Диаграммаи 2. Худмубрамсозии донишҷӯён аз ҷиҳати иҷтимоӣ (бо фоиз)*

Натиҷаи таҳқиқот оид ба арзёбии интиқодии амалҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои зиндагӣ муҳим аст. Ноил нашудан ба мақсадҳо метавонад аз худинтизомнокӣ, нокифоя будани имкониятҳои молиявӣ, тақсими нодурусти вақт, набудани дастгирӣ ё робитаҳо вобаста бошад.

Аксари донишҷӯён тавсифи шифоҳии симоро (образро) доданд.

Расмҳо ва тавсифоти симоҳо нишон медиҳанд, ки гузаштаи марбут бо кӯдакӣ дар донишҷӯён ҳамчун як чизи дурахшон, гуворо, равшан сабт шуда, аксар вақт бо эпизоди «Дар назди бибикалон» ба хотир оварда мешавад: «Ман дар ёд дорам, ки чӣ тавр дар хонаи бибиам чалпак мехӯрдам», «вақте ки ман дар хонаи бибиам будам мо ба дарёча ва ҷангал қмерафтем», «бибиам маро ба рақс кашид», «бибиям ба ман бозичаҳо мехарид»ва ғайра. Илова бар ин, дар расмҳо (ва дар тавсифҳои шифоҳӣ) кӯ дак дар алвончак, сайругашт бо модараш дар боғ, дучархаронӣ, рафтан ба боғи ҳайвонот ва ғайра пешниҳод гардидаанд.

Дар бобати замони ҳозир донишҷӯён лаҳзаҳои маъмулии ҳаётиро номбар кардан, ба монанди таҳсил намудан дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ширкат дар лексияҳо ва семинарҳо, тайёрӣ ба сессия. Як қисми донишҷӯён дар бораи машғулиятҳои бахши варзиш, баромад дар саҳнаи мусиқиро пешниҳоднамуданд. Дар баробари ин, як сқисми донишҷӯён худро дар оянда ҳамчун одамони муваффақ, аксар вақт ҳамчун сарвар, дар паси мизи сардор, дар мошини қиматбаҳо, бо пул, бо тасвири хонаи зебо, баъзеҳо бо зану  шавҳар ва кӯдакон, ки сайри олам мекунанд, тасаввур мекарданд.

Бо назардошти натиҷаҳои дар боло овардашуда, мо чунин шумоpидем, ки маълумоти бадастомада ба ҳар ҳол барои тасдиқи фарзияи оид ба боз ҳам бомуваффақияттар мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар шароити идоракунии педагогӣ кифоя нестанд.

Дар марҳилаи ибтидоии таҳқиқот усули ҳалли масъалаҳо барои тасдиқи фарзия истифода шуд. Таҷриба нишон дод, ки ин равиш ба ташаккули сифатҳои муҳими шахсӣ, аз қабили ҳассосияти инноватсионӣ, нерӯи эҷодкорӣ, истиқлолият ва маҳорати таҳлил мусоидат мекунад. Ҳалли вазъиятҳои мушкил муносибати муташаккилонаро дар дарёфти сабабҳои аслии масъалаҳо таъмин месозад. Муайян намудани омилҳои сабабӣ аз ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии сабабҳо, таснифи онҳо аз рӯйи самтҳо, рутбабандӣ ва таҳлили натиҷаҳо иборат аст.

Дар ҷараёни машғулияти «Рафтори ташкилотчигӣ» мо аз усули қайдшуда истифода намуда, донишҷӯёнро ба гурӯҳҳои хурди иборат аз 3 – 4 нафарӣ тақсим кардем. Ҳар як гурӯҳ роҳбар интихоб карда, аз омӯзгор маҷмӯи супоришро гирифт. Аз ҳисоби донишҷӯён ҳайати ҳакамон (3 нафар) интихоб гардида, фаъолияти донишҷӯёнро дар асоси меъёрҳои маҳорати таҳлили вазъият, маҳорати муайян кардани омилҳои сабабӣ ва қобилияти қаноатбахш баҳогузорӣ намуданд.

Омӯзгор эълон кард, ки ин кор 12 хол (максимум), фаъолияти донишҷӯён дар ҳайати ҳакамон 4 хол ва саволҳои иловагӣ дар ҳолати баҳс 3 хол арзёбӣ мешавад. Сипас, омӯзгор вазифаҳои дар назди ҳар як гурӯҳи хурд гузошташударо, ки дар он бодиққат хондани матн оид ба масъалаи истеҳсолӣ пешниҳод шудааст, шарҳ дод.

Масалан, дар рафти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ба донишҷӯн барои баррасӣ як вазъияти тарбиявӣ бо номи «Масъалаи қудрат ва таъсир» пешниҳод карда шуд. Мазмуни вазъияти тарбиявӣ чунин аст. Дар яке аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба сифати муовини директор оид ба тарбия як ҷавони собиқаи кории на чандон зиёд бо номи Каримов Сайдаҳмад таъйин шуда буд. Вале дар мактаб гурӯҳи омӯзгорони дорои таҷрибаи зиёди педагогӣ қарор доштанд. Омӯзгорон ӯро оромона ва хайрхоҳона қабул карданд.

Дар рӯзи аввал ба мактаб бо фармоиши мудири шуъбаи маорифи ноҳия фармоиш барои омода намудани рӯйхати падару модарон бо ҷойи кор ва синну солашон ворид шуд. Директори мактаб фармоишро ба таври шифоҳӣ қабул кард ва ваъда дод, ки онро ҳарчи зудтар, баъди як рӯз иҷро мекунад. Каримов ин корро ба ду омӯзгори пешқадам вогузор кард. Омӯзгорон супоришро қабул карда, ба кор оғоз намуданд.

Баъди як рӯз то нисфирӯзӣ супориш омода нашуд. Баъди нисфирӯзӣ як соати дигар гузашт. Аз шуъбаи маориф пайваста зангҳои телефонӣ мекарданд. Аммо ба саволи хашмгинонаи директори мактаб: «Ин чӣ қадар имконпазир аст?» – Каримов оромона ҷавоб дод: «Ин супориш ҷиддӣ аст, вақти зиёдро талаб мекунад, имрӯз иҷро карда наметавонем.

Албатта, агар шумо нахоҳед, ки кори ҳатӯлро гиред. Аз ин рӯ, фардо соати 10.00 он дар рӯйи мизи шумо гузошта мешавад. Дар овози ӯ ягон хашмгинӣ ҳис карда намешуд.

Кӯшишҳои супоридани иҷрои кор ба ду омӯзгори супориш ба зимаашон вогузоршуда умуман бо муваффақият анҷом наёфтанд: яке аз онҳо гуфт, ки дар мактаб омӯзгори собиқадор Салимов Б. кор мекунад, ки ба ғайр аз ӯ ин корро каси дигар анҷом дода наметавонад. Директори мактаб бетоқат шуда, ба худ имкон дод, ки ба суроғаи онҳо суханҳои бадҷаҳлона гӯяд. Таркиши ӯ ба муовини директр ва ду нафар омӯзгори супориш ба зимаашон вогузоршуда ҳеҷ таъсире нарасонида, танҳо боиси табассум гардид.

Ҳангоми таҳлили вазъияти таълимӣ, донишҷӯён сабабҳои сатҳи 1-ро муайян карданд, ки онҳо ба таъхир афтодани иҷрои фармоишро дар бар мегирифтанд. Сабаби асосӣ муайян намудани нодурусти мӯҳлати иҷрои фармоиш, ҳаҷми калони кор ва набудани ҳамдигарфаҳмӣ байни ҷонишини директор ва омӯзгорон буд.

Сипас, донишҷӯён сабабҳои дуюмдараҷа (сатҳи 2) ва сабабҳои сеюмдараҷа (сатҳи 3)-ро муайян карданд, ки ба сабабҳои асосӣ таъсир мерасониданд. Сабабҳои дуюмдараҷа бетаҷрибагии муовини директор, мақоми баланди фармоишгар, қабули қарори ягона дар бораи иҷрои кор ва амали ду нафар омӯзгор буданд. Сабабҳои сеюмдараҷа зангҳои бисёри телефонӣ аз шуъбаи маориф, хашмгинии директори мактаб, кӯшиши вогузор намудани фармоиш ба омӯзгори собиқадор, набудани кумаки муштарак аз ҷониби омӯзгорони дигар ва муносибати беэҳтиромонаи директори мактаб ба омӯзгорон буданд.

Донишҷӯён кӯшиш карданд, ки тамоми омилҳоро муайян ва ислоҳ кунанд, то роҳи самарабахши ҳалли масъаларо пайдо кунанд. Ин омилҳо ваъдаҳои беохири ҷонишини директор, норозигии шуъбаи маориф, надоштани маҳорати эътирофи хатои худ аз ҷониби муовини директор ва набудани маҳорати ташкилотчигӣ ва кори даставӣ дар вазъияти фавқулоддаро дар бар мегирифтанд.

Сабабҳо аз ҷониби донишҷӯён баҳогузорӣ шуда, мувофиқи аҳамияти онҳо дараҷабандӣ карда шуданд. Ба диаграмма тамоми маълумоти даркорӣ ворид карда шуд. Истифодаи диаграмма самаранокии муносибати методиро нишон дод, ки ба рушди қобилиятҳои таҳлилии донишҷӯён, аз қабили ошкор кардани сабабҳо, муқаррарсозии робитаи сababӣ-натиҷавӣ ва ҳалли масъала тавассути визуалӣ, зимни кор дар гурӯҳи хурд мусоидат мекард.

Мо ин методикаро дар машғулиятҳои «Рафтори ташкилотчӣ» истифода бурдем. Донишҷӯён ба гурӯҳҳои 3-4 нафара тақсим шуда, сарвар интихоб карданд ва бастаи иттилоотӣ гирифтанд. Ҳайати ҳакамон кори онҳоро аз рӯйи маҳорати таҳлил, муайян кардани омилҳои сабабӣ ва боваркунонӣ арзёбӣ намуданд. Омӯзгор эълон кард, ки кори гурӯҳҳо 12 хол, кори ҳакамон 4 хол ва саволҳои иловагӣ 3 хол доранд. Вазифаи ҳар як гурӯҳ бодиққат хондани матн бо масъалаи истеҳсолӣ буд.

Пас аз шиносоӣ бо матн, гурӯҳҳо уҳдадор шуданд, ки масъалаҳои асосии истеҳсолиро муайян намуда, таҳлили амиқи омилҳои сабабгорро анҷом диҳанд. Дар ин марҳила, донишҷӯён аз малакаҳои таҳлилии худ истифода бурда, кӯшиш мекарданд, ки решаҳои мушкилотро дарёфт намоянд. Таваҷҷуҳи махсус ба муносибатҳои байни омилҳо ва таъсири онҳо ба самаранокии истеҳсолот равона гардид.

Сипас, гурӯҳҳо ба таҳияи ҳалли эҳтимолӣ гузаштанд. Ин марҳила аз онҳо тақозо мекард, ки на танҳо мушкилотро дарк кунанд, балки роҳҳои ҳалли онҳоро низ пешниҳод намоянд. Пешниҳодҳо бояд дар асоси таҳлили воқеӣ ва бо назардошти захираҳои мавҷуда таҳия карда мешуданд. Дар ин раванд, донишҷӯён кӯшиш мекарданд, ки инноватсионӣ ва эҷодкор бошанд.

Ҳангоми муаррифӣ, ҳар як гурӯҳ натиҷаҳои таҳлили худро ба ҳайати ҳакамон пешниҳод менамуд. Муаррифӣ бояд равшан, мухтасар ва бо далелҳои асоснок асос ёфта бошад. Донишҷӯён бояд қодир бошанд, ки қарорҳои худро дифоъ намуда, ҳангоми зарурат ба саволҳои ҳакамон посух диҳанд. Ин марҳила имконият дод, ки малакаҳои коммуникативӣ

ва боваркунонии донишҷӯён арзёбӣ карда шаванд.

Ҳакамон, дар навбати худ, кори гурӯҳҳоро аз рӯйи меъёрҳои муқарраршуда, аз ҷумла маҳорати таҳлил, муайян кардани омилҳои сабабӣ ва боваркунонӣ баҳогузорӣ намуданд. Ин баҳогузорӣ на танҳо барои муайян кардани ғолибон, балки ҳамчун фикру мулоҳиза барои беҳтар намудани фаъолияти минбаъдаи донишҷӯён хизмат мекард. Ҳамчунин, омӯзгор ба саволҳои иловагӣ, ки ба фаҳмиши амиқи масъалаҳои истеҳсолӣ равона шуда буданд, баҳо медод, ки ин имкон дод сатҳи дониши назариявии донишҷӯён арзёбӣ карда шавад.

Дар натиҷа, ин методика имкон дод, ки донишҷӯён малакаҳои таҳлилӣ, ҳалли масъалаҳо ва муоширатро инкишоф дода, барои фаъолияти касбӣ дар соҳаи идоракунии ташкилот омода шаванд.

Истифодаи методикаҳои зикршуда нишон дод, ки ба донишҷӯён таълими мақсадноки фикрронӣ ва инъикоси худ дар раванди фикрӣ зарур аст. Аз ин рӯ, дар марҳилаи ташаккулдиҳанда, мо ба раванди тафаккури донишҷӯён диққати зиёд дода, методикаи Э. де Боно «Шаш кулоҳи тафаккур»-ро истифода бурдем, ки афзалиятҳои дидактикии он двр ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯён зоҳир мегарданд.

Ҳамин тариқ, дар машғулиятҳои курси таълимӣ, донишҷӯён ба гурӯҳҳои 6-нафарӣ тақсим шуда, аз омӯзгор бастаи иттилоотӣ гирифтанд. Ҳайати ҳакамон кори ҳар гурӯҳро аз рӯйи эҷодкорӣ, фарҳанги нутқ, далелнокӣ, маҳорати гӯш кардан ва савол додан арзёбӣ мекард. Омӯзгор ба донишҷӯён фаҳмонд, ки кори мазкур аз рӯйи меъёри 16-хола арзёбӣ мешавад. Дар рафти хондани матн, ҳар як гурӯҳ бояд «кулоҳ»-и мувофикро «пӯшад», то масъаларо аз нуқтаи назари гуногун таҳлил кунад:

1. Кулоҳи Сурх: Гурӯҳ эҳсосот, фаросат ва ҳиссиёти худро баён мекунад, бидуни зарурати асоснок кардани онҳо.

2. Кулоҳи Зард: Гурӯҳ афзалиятҳо ва манфиатҳои имконпазирро меҷӯяд. Онҳо мепурсанд: «Чаро ин корро кардан меарзад? Афзалиятҳо кадомҳоянд? Чаро ин кор муваффақ мешавад?»

3. Кулоҳи Сиёҳ: Гурӯҳ эҳтиёткорӣ мекунад, ҳукмҳо мебарорад ва арзёбӣ мегузаронад. Онҳо мепурсанд: «Оё ин дуруст аст? Оё ин кор мекунад? Камбудиҳо кадомҳоянд? Чӣ чиз дар ин ҷо нодуруст аст?»

4. Кулоҳи Сабз: Гурӯҳ ба эҷодкорӣ машғул шуда, ғояҳои гуногун ва пешниҳодҳои навро пешниҳод мекунад. Онҳо мепурсанд: «Қарорҳо ва амалҳои имконпазир кадомҳоянд? Алтернативаҳо кадомҳоянд?»

5. Кулоҳи Сафед: Гурӯҳ иттилоот ҷамъ мекунад, саволҳо медиҳад ва далелҳоро ҷустуҷӯ мекунад. Онҳо мепурсанд: «Мо дорои кадом иттилоот ҳастем? Чӣ гуна иттилоот ба мо лозим аст?»

6. Кулоҳи Кабуд: Гурӯҳ тафаккурро ташкил мекунад ва дар бораи раванди тафаккур фикр мекунад. Онҳо мепурсанд: «Мо ба чӣ муваффақ шудем? Дар оянда чӣ кардан лозим аст?»

Донишҷӯён вазъияти таълимиро дар асоси вазъияти истеҳсолӣ аз шабакаи мағозаҳои савдои чаканаи «Хушбин» меомӯзанд. Менеҷери ин шабака, Тоҳиров Салим, вазифадор аст, ки афзоиши дуздиро коҳиш диҳад. Ӯ аз менеҷерони мағозаҳо ҳисобот ҷамъоварӣ мекунад ва бо ширкатҳои муҳофизӣ мулоқот мекунад, аммо сабабҳои дуздӣ маълум нестанд.

Таҳлили вазъияти мавҷуда нишон медиҳад, ки Тоҳиров Салим, менеҷери шабакаи мағозаҳои савдои чаканаи «Хушбин», бо мушкилоти ҷиддии зиёдшавии дуздӣ рӯ ба рӯ шудааст. Ҷамъоварии ҳисобот аз менеҷерони мағозаҳо ва мулоқот бо ширкатҳои муҳофизӣ нишон медиҳад, ки саъю кӯшишҳо дар самти муайян ва рафъи сабабҳои аслии дуздӣ мутамарказ нашудаанд. Барои ҳалли ин масъала, зарур аст, ки таҳлили дақиқи омилҳои дохилӣ ва берунӣ, ки ба зиёдшавии дуздӣ мусоидат мекунанд, гузаронида шавад.

Дар ин замина, муҳим аст, ки назарияҳои криминологии муосир, аз қабили назарияи имконият ва назарияи фишор, мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Мувофиқи назарияи имконият, дуздӣ вақте рух медиҳад, ки имконияти муносиб барои содир кардани ҷиноят мавҷуд аст, назорати кофӣ вуҷуд надорад ва ангезандаи содир кардани ҷиноят мавҷуд аст. Аз

ин рӯ, таҳлили системаҳои амниятӣ, ҷойгиршавии молҳо ва рафтори кормандон дар мағозаҳо метавонад имкониятҳои мавҷуда барои дуздиро ошкор созад.

Ғайр аз ин, назарияи фишор таъкид мекунад, ки дуздӣ метавонад дар натиҷаи фишори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки шахс эҳсос мекунад, ба вуқӯъ ояд. Ин фишор метавонад ба хоҳиши ба даст овардани молҳои қиматбаҳо, нобаробарӣ дар даромадҳо ё ҳисси беадолатӣ вобаста бошад. Аз ин рӯ, таҳқиқи сатҳи қаноатмандии кормандон, музди меҳнат ва шароити корӣ метавонад омилҳои фишоровареро, ки ба дуздӣ мусоидат мекунанд, ошкор созад.

Барои коҳиш додани дуздӣ, тавсия мешавад, ки стратегияи ҳамаҷониба таҳия карда шавад, ки зеринҳоро дар бар гирад:

– такмили системаҳои амниятӣ, аз ҷумла насби камераҳои назоратӣ ва сенсорҳои амниятӣ;

– гузаронидани омӯзиши мунтазам барои кормандон оид ба пешгирии дуздӣ ва муайянкунии рафтори шубҳанок;

– таҳкими назорат аз болои молҳо ва гузаронидани инвентаризатсияи мунтазам;

– беҳтар намудани шароити кории кормандон ва таъмини музди меҳнати одилона;

– ҷорӣ намудани системаи ҳавасмандгардонӣ барои кормандоне, ки дар пешгирии дуздӣ саҳм мегузоранд.

Илова бар ин, Тоҳиров Салим пешниҳод менамояд, ки барои ноил шудан ба натиҷаҳои беҳтарин, яке аз низомҳои мавҷуда интихоб карда шуда, дар тамоми мағозаҳои ноҳия ҷорӣ карда шавад. Бо ин мақсад, ӯ мехоҳад муайян созад, ки кадом низом имкон дорад дар муддати кӯтоҳтарин ҷорӣ карда шавад ва кадоме аз онҳо ба низоми кории шабакаи мағозаҳои савдои чаканаи «Хушбин» мувофиқтар аст, то ҳамгироии осон ва самараноки он таъмин карда шавад.

Дар ҷараёни муҳокимаи ин масъала дар аудитория муколамаҳои фаъол ҷараён доштанд, ки дар онҳо гурӯҳҳои гуногун иштирок карданд:

1. Ҳар як гурӯҳи хурд муносибати шахсии худро нисбат ба вазъияти истеҳсолӣ ва моҳияти ҳалли он пешниҳод мекард, ки ин ба имконият медиҳад, ки нуқтаи назарҳои гуногун ба инобат гирифта шаванд.

2. Донишҷӯёне, ки дар аудитория ҳузур доштанд, пас аз муҳокимаи амиқи масъала бо истифода аз усули «шаш кулоҳ», ки имкон медиҳад вазъият аз нуқтаи назарҳои гуногун арзёбӣ шавад, саволҳои мушаххас дода, шакли пешниҳодшудаи ҳалли вазъияти истеҳсолиро бо ин ё он «кулоҳ» арзёбӣ мекарданд, то ҳамаҷониба ва муассир будани онро санҷанд.

3. Ҳайати ҳакамон, ки аз коршиносони соҳа иборат буд, кори ҳар як гурӯҳи хурдро баҳогузорӣ намуда, раиси ҳайати ҳакамон рафти муҳокима ва натиҷаҳои ба даст овардашударо шарҳ медод, то ба иштирокчиён фаҳмиши амиқтари масъала ва роҳҳои ҳалли онро пешниҳод намояд.

4. Омӯзгор, ки нақши роҳбарикунандаро дошт, ҳалли пешниҳодкардаи ҳар як гурӯҳи хурдро ҷамъбаст намуда, натиҷагирӣ мекард, то дарки умумии масъаларо барои ҳамаи иштирокчиён таъмин созад ва роҳҳои минбаъдаи татбиқи ҳалли пешниҳодшударо муайян намояд.

Ин муколамаҳо ва муҳокимаҳо имкон медиҳанд, ки қарори беҳтарин ва мувофиқ барои ҷорӣ намудани низоми мубориза бо дуздӣ дар мағозаҳои ноҳия қабул карда шавад.

Дар муҳокимаи вазъият донишҷӯён «кулоҳҳо»-ро чунин тақсим карданд:

1. Президенти ширкат (кулоҳи кабуд) равандро ҳамоҳанг сохта, маҷлисро баргузор кард.

2. Менеҷери молиявӣ (кулоҳи зард) хароҷоти хариди низоми амниятро муайян кард.

3. Иқтисодчӣ (кулоҳҳои сафед ва сиёҳ) дар бораи мувофиқати харид шубҳа карда, иттилоот ҷамъоварӣ намуд.

4. Маркетолог (кулоҳи сабз) ғояҳои эҷодкорона пешниҳод кард.

5. Менеҷери таблиғот (кулоҳи сурх) ҳиссиёти худро иброз дошт.

Дар натиҷа, президенти ширкат (кулоҳи кабуд) пас аз таҳлили пешниҳодҳо, қарор кард, ки низоми амниятро аз ширкати боэътимод бо нархи дастрас харидорӣ намояд.

Дар муҳокимаҳо, ки ҳамчун як ҷузъи муҳими раванди таълимӣ ба ҳисоб мераванд, дар донишҷӯён маҷмӯи малакаҳои муҳиме ташаккул меёбанд, ки барои муваффақияти минбаъдаи онҳо дар фаъолияти касбӣ ва ҳаёти шахсӣ замина мегузоранд. Аз ҷумла, бояд зикр кард, ки дар донишҷӯён малакаҳои зерин ташаккул хоҳанд ёфт:

1. Нисбати дигарон хайрхоҳ ва таҳаммулпазир будан, ки ин имкон медиҳад, муҳити солими равонӣ дар коллектив фароҳам оварда шуда, ҳамкорӣ ва муносибатҳои мутақобилаи самарабахш таъмин карда шаванд. Ин малака ба донишҷӯён кӯмак мекунад, ки фарқиятҳои ақидаҳо ва дидгоҳҳои гуногунро эҳтиром намуда, нисбат ба атрофиён бо меҳрубонӣ ва эҳтиром муносибат кунанд.

2. Маҳорати гӯш кардани нуқтаи назарҳои гуногун, қобилияти созиш кардан ва дар ҳолати зарурӣ, истодагарӣ дар мавқеи худ, ки ин барои ҳалли масъалаҳои мураккаб ва қабули қарорҳои асоснок муҳим аст. Донишҷӯён меомӯзанд, ки ба таври фаъол гӯш кунанд, андешаҳои дигаронро таҳлил намуда, нуқтаҳои муштаракро ҷустуҷӯ кунанд ва ҳангоми зарурат, фикри худро бо далелҳои қавӣ ҳимоя намоянд.

3. Пешниҳоди вазъиятҳо дар рушд, ки ин ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки вазъиятҳои гуногунро дар динамика дида, роҳҳои тағир додани онҳоро барои беҳтар намудан омӯзанд. Ин малака ба онҳо кӯмак мекунад, ки на танҳо вазъиятро таҳлил кунанд, балки инчунин, пешгӯӣ намуда, барои оянда нақшаҳо тартиб диҳанд.

4. Пешниҳоди фикри нав ва ғайристандартӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои эҷодӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои инноватсионӣ муҳим аст. Ин малака ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки аз доираи тафаккури муқаррарӣ берун баромада, ҳалли ғайриоддӣ ва эҷодкорона пешниҳод намоянд.

5. Пайгирии изҳороти шифоҳӣ, ки имкон медиҳад донишҷӯён дар ҷараёни муколама ба таври дуруст ва муассир иштирок намуда, нуктаҳои

асосиро дарк кунанд ва ба саволҳо ҷавобҳои муносиб диҳанд. Ин малака барои фаҳмиши амиқи мавзӯъ ва муошират босамар бо дигарон муҳим аст.

Ин хислатҳо донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ тавсиф карда, онҳоро ба шахсони фаъол, эҷодкор ва қодир ба қабули қарорҳои мустақилона табдил медиҳад.

Таҳлили натиҷаҳо фарзияро тасдиқ кард, ки донишҷӯён барандагони фарҳанги инноватсионӣ мебошанд, зеро онҳо бо хислатҳои муҳими фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазирӣ, худмубрамсозӣ ва масъулият тавсиф мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки донишҷӯён на танҳо донишҳои назариявӣ мегиранд, балки инчунин, малакаҳои амалии заруририро барои татбиқи инноватсияҳо дар ҳаёт меомӯзанд.

Барои самараноктар шудани ин раванд, идоракунии мақсадноки педагогӣ ва татбиқи амсилаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён зарур аст, ки ин ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки ба таври муассир ба раванди ташаккули шахсияти инноватсионии донишҷӯён таъсир расонанд. Ин омӯзгоронро ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, шаклҳои муколамавӣ ва усулҳои гуногуни пешниҳоди иттилоот (ҳамроҳкунии мултимедиявӣ, «Шаш кулоҳи тафаккур», бедоркунии тафаккур) ҳидоят мекунад, ки ин ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар фазои рушдёбанда ва муосир таҳсил намуда, барои ҳаёти оянда омода шаванд.

Натиҷаҳои марҳилаи таҷрибавӣ-озмоишӣ рушди мубрамсозии хислатҳои шахсияти донишҷӯёнро тасдиқ карда, нишон медиҳад, ки раванди таълим ва ташкили корҳои тарбиявӣ ба таври самарабахш ва боварибахш ба ташаккули шахсияти донишҷӯён таъсири мусбат расонида, онҳоро ба мутахассисони рақобатпазир ва эҷодкор табдил медиҳад. Дар ин раванд албата, мавқеъ ва шахсияти омӯзгорони соҳибтачриба дар худмубрамсозӣ, худрушдиҳӣ ва худтакмилдиҳии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар мавқеи аввал меистад.

## 2.3. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ

Ҷараёни азнавсозии ҷомеа ба такмилёбии инсон на ҳамчун қувваи асосии истеҳсолкунанда, балки ҳамчун шаҳрванди фаъоли дорои тафаккури эҷодӣ, ташаббускорӣ, сарвати маънавӣ-ахлоқӣ дошта зич алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин, дар охири асри XX ва аввали асри XXI ба туфайли паҳншавии воситаҳои электронии ахбор дар дунё як нав инқилоби электронӣ ба вуҷуд омад, ки боиси азнавфаъолшавии тафаккури инсонӣ гардид. Ба ибораи дигар гӯем, инсон ба ҷараёни пурқуввати иттилотӣ рӯ ба рӯ шуда истодааст, ки ин рӯйдод бояд ҳамаҷониба таҳлил ва аз он самаранок истифода бурда шавад.

Дар шароити кунунии Тоҷикистон, вобаста ба дастрасии воситаҳои иттилоотӣ (интернет, телевизион ва ғайра) танҳо бо дониш мусаллаҳ намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳои инноватсионӣ муҳимтарин роҳи ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил шудан ба шумор меравад.

Имрӯз вазифаи маорифи муосир аз он иборат аст, ки насли наврасро бояд барои зиндагӣ дар олами дигар омода намояд. Воқеият ин аст, ки донишҳои имрӯз гирифта пагоҳ бояд ба насли наврас хизмати шоиста карда тавонанд. Барои он ки донишҷӯ барои зиндагии мустақилона тайёр карда шавад, дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ӯ бояд соҳиби дониш, маҳорат ва малакаҳои эҷодию инноватсионӣ бошад.

Муҳаққиқон Л.Г. Смышляева ва Л.А. Сивицкая менависанд, ки «Мақсади таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ин натанҳо мусаллаҳ намудани донишҷӯён бо дониш, ба ҳаёти мустақилона тайёр намудани онҳо маҳсуб меёбад. Хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ин аъломаи дорои ҷаҳонбинии васеъ набуда, ӯ бояд шахсияте бошад, ки дар назди худ мақсади муайян гузошта тавонад ва баҳри ба он ноил шудан, ба таври самаранок муошират карда тавонад, дар олами

иттилоотӣ ва бисёрфарҳангӣ зиндагӣ ба сар бурда, ҳокими ҳаёти худ бошад. Бинобар ин яке аз ҳадафҳои ноил шудани донишҷӯён баҳри мақсадҳои зикргардида ин мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мебошад» [194, с. 110].

Дар ҷумҳурӣ дар масъалаи татбиқ намудани иқдом оид ба беҳтар намудани фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ чунин як низоме талаб карда мешавад, ки тавонад тамоми кори таълиму тарбияи донишҷӯёнро ба дараҷаи талаботи имрӯза, ба ҷараёнҳои пешқадами дар ҷомеа баамаломада баланд бардошта тавонад. Такмилдиҳии низоми таҳсилоти олии касбӣ вазифаи муҳими сохторҳои марбутаи давлат ва ҷомеа оид ба ташаккули шахси дорои инноватсиҳоба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи инноватсионӣ аз ҷониби ҳар як омӯзгор, муассисаи таълимӣ гирд оварда мешавад ва ба ин ё он тарз паҳн карда мешавад. Ин раванди бомаром аст, ки солҳо, даҳсолаҳо ва ҳатто асрҳо тӯл мекашад, аммо он ҳанӯз ҳам аз таҳияи назарияи психологӣ-педагогӣ, ки онро шарҳ медиҳад ва онро як далели илмӣ месозад, хеле пеш меравад. Таҷрибаи инноватсионӣ ногузир дар мухолифати назарияи анъанавӣ қарор мегирад. Барои таҷрибаи педагогӣ дар сатҳи консептуалӣ исбот кардан ғайриимкон аст, ки он дурнамоест, ки ба он саъй кардан лозим аст. Он дар худ чӣ чизи мусбат дорад ва оқибатҳои манфии ин ё он қарори давлат нисбат ба чунин соҳаи бузурги амалияи иҷтимоӣ, ба монанди таҳсилоте, ки ҳар як шаҳрванди кишвар бо он сарукор дорад, чӣ гуна буда метавонад?

Асрҳо меоянду мераванд, аммо муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар робита бо замона марому мазмунашро тағйир медиҳад. Замона водор месозад, ки ба мазмуну мундариҷаи таълиму тарбияи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дигаргуниҳои назаррас ворид ворид карда шавад. Беш аз ин, замона, ки беҳтарин пандомӯзи мардум аст, дархости худро ба миён мегузорад. Мо вазифадорем, ки пеш аз ҳама худи замона ва баъд талаботу дархостҳои онро дарк ва халқу насли ояндаро дар рӯҳияи онҳо тарбия намоем. Дар ин кори муҳим албатта, масъулияти бештар бар души

муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои болозикр муассисаи таҳсилоти олии касбӣ на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки нерӯе ба ҳисоб меравад, ки вазифадоранд, донишҷӯёнро ба арзишҳои фарҳангӣ шинос карда, дар онҳо тафаккури эҷодӣ ва қобилияти қабули қарорҳои инноватсионӣ дар шароити номуайянро ташаккул диҳад. Дар ин замина, аҳамияти татбиқи технологияҳои пешрафтаи педагогӣ, ки ба рушди шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсия нигаронида шудаанд, баланд мегардад.

Дар ин бора нуқтаи назари муҳаққиқ М.В. Кларин ҷолиб аст, ки менависад: «муҳимияти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим бо зарурати мутобиқ кардани системаи таҳсилот ба талаботи ҷомеаи муосир, ки дар он донишҳои нав зуд тағйир меёбанд ва малакаҳои эҷодӣ ва таҳлилӣ аҳамияти калон доранд, муайян карда мешавад. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, ба монанди омӯзиши ҳамкорӣ, методҳои фаъоли таълим, моделсозии компютерӣ ва ғайра, имкон медиҳад, ки раванди таълим ҷолибтар ва самараноктар гардонида, донишҷӯёнро ба фаъолияти мустақилона ва эҷодӣ ҳавасманд созад. Дар масъалаи фарҳанги инноватсия, шахсияти донишҷӯ ҳамчун субъекти фаъоли фаъолияти эҷодӣ, ки қодир аст ба тавлиди идеяҳои нав, қабули қарорҳои ғайримуқаррарӣ ва амалӣ намудани онҳо нигаронида шудааст, ташаккул меёбад. Дар ин раванд, нақши муҳимро омӯзгор мебозад, ки вазифадор аст фазои мусоидро барои рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён фароҳам оварад, онҳоро ба таҷрибаҳо ҳавасманд созад ва дар ҷустуҷӯи роҳҳои нави ҳалли масъалаҳо дастгирӣ намояд» [116, 73].

Таҳлили вазъи муосири таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки барои муваффақ шудан ба ҳадафҳои муайяншуда, зарурати таҷдиди назар ба муносибатҳо дар раванди таълим ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ вуҷуд дорад. Дар ин самт, таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, ки дар он технологияҳои инноватсионӣ дар

раванди таълим ба таври васеъ истифода мешаванд, метавонад муфид бошад. Ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим имкон медиҳад, ки рақобатпазирии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бозори меҳнат таъмин гардида, ба рушди иқтисодиёти инноватсионии кишвар мусоидат намояд.

Таҳлили гузаронидашудаи сарчашмаҳои илмӣ-назариявии ва дар ин замина муайян кардани диалектикаи анъана ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва маориф, арзёбии технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун падидаи фарҳанг ва маориф ба мо имконият дод, ки дар тавсифи дастгоҳи илмии масъалаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсия пурратар истода гузарем. Ба мафҳумҳои калидӣ мо: «диалектикаи анъана ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва маориф», «фарҳанги инноватсионӣ», «шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ», «тамоюли худмубрамсозӣ шахсияти донишҷӯён», «фарҳанги инноватсионии педагогӣ», «нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» ва ғайраро нисбат додем.

Ба ақидаи муҳаққиқон Е. Клочков ва Э.В. Галажинский «Муносибати фарҳангӣ дар таҳсилот имкон медиҳад, ки тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ва қобилияти ҳалли мушкилоти мураккабро дар заминаи байнифарҳангӣ инкишоф диҳем. Таъкид ба муколамаи фарҳангҳо ва эҳтироми гуногунандешӣ муҳити мусоидро барои рушди шахсияти инноватсионӣ фароҳам меорад, ки қодир аст дар ҷомеаи муосир нақши фаъол дошта бошад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки барномаҳои таълимии фарҳангмувофиқ сатҳи ҷалби донишҷӯёнро ба раванди таълим баланд бардошта, натиҷаҳои таълимро беҳтар мекунанд» [118, с. 83].

Фаҳмиши раванди таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ масъалаи афзалияти шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ба миён мегузорад. Муносибатҳои байнишахсии донишҷӯён дар раванди таълимӣ бояд ба принсипҳои эҳтиром, ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамдигар асос ёбанд. Ин муносибатҳо бояд фазои мусоидро барои мубодилаи афкор, эҷодиёти гурӯҳӣ ва рушди шахсии ҳар як

донишҷӯ таъмин намоянд. Дар ин раванд, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олии ксбӣ бо корхонаҳо ва созмонҳои инноватсионӣ низ метавонад саҳми арзанда гузорад.

Роҳи ҳалли он рушди минбаъдаи принсипи бунёдии педагогика ва фарҳангмувофиқии рушди шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инновватсионӣ дар намунаи инсондӯстӣ мебошад. Ҳалли масъала дар заминаи методологии назарияи дарки бошуронаи таҷрибаи шахсият имконпазир аст, ки мувофиқи он инкишофи қобилиятҳои шахс тавассути мубрамсозӣ ва худмубрамсозӣ сурат мегирад, ки идоракунии педагогӣ, аз ҷумла донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ талаб мекунанд.

Дар ин замина, муҳим аст, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба рушди қобилиятҳои шахсии донишҷӯён, махсусан қобилияти таҳлил, ҷамъбасткунӣ, арзёбӣ ва ҳалли масъалаҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд. Ҳалли ин вазифаҳо тақозо менамояд:

– аз ҷиҳати маънавӣ ва моддӣ ҳавасманд намудани фаъолияти эҷодии донишҷӯён ва омӯзгорон;

– ҳамоҳангсозии таълимӣ-методии курсҳои таълимӣ дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ;

– асосноккунии шароити педагогии татбиқи самаранокии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ

Ҳар яке аз ин вазифаҳо бо меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои мушаххас муайян карда мешавад, ки мавҷудияти хислатҳои муайяни шахсият, аз қабили қобилияти эҷодкорӣ, таҳлили танқидӣ, ҳалли масъалаҳо, қабули хатар ва шавқу завқи донишҷӯёнро нисбат ба фикру ақидаҳои нав инъикос мекунанд.

М.С. Каган менависад, ки «Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадид дар бозори меҳнат, равандҳои таълим бояд ба талаботи замон ҷавобгӯ бошанд. Ин тақозо мекунад, ки аз шаклҳо ва методҳои анъанавии таълим даст кашем ва ба технологияҳои муосир рӯ оварем. Истифодаи

технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим имкон медиҳад, ки дастрасии донишҷӯён ба маълумот васеътар гардад, ҷараёни азхудкунии мавод осонтар шавад ва малакаҳои таҳлилии онҳо инкишоф ёбад. Технологияҳои нави таълим имконият медиҳанд, ки раванди таълим ба ба эҳтиёҷоти ҳар як донишҷӯ аз нуқтаи назари барандагони фарҳанги инноватсионӣ мутобиқ карда шавад. Ин нуқтаи назар аз он шаҳодат медиҳад, ки истифодаи технологияҳо дар таълим на танҳо як тамоюли муосир, балки зарурати пешрафти таҳсилот мебошад. Аз тарафи дигар, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълим бояд бо мақсади ташаккули тафаккури эҷодӣ ва мустақилияти донишҷӯён равона карда шавад. Таълими интерактивӣ, ки дар он донишҷӯён фаъолона дар раванди азхудкунии дониш иштирок мекунанд, нақши муҳим мебозад. Чунин усулҳо ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки мустақилона маълумот ҷустуҷӯ кунанд, онро таҳлил намоянд ва дар асоси он хулосаҳои мустақилона бароранд» [103].

Илова бар ин, истифодаи технологияҳои нав дар таълим бояд ба рушди малакаҳои коммуникатсионӣ ва ҳамкорӣ мусоидат намояд. Кор дар гурӯҳҳо, лоиҳаҳои муштарак ва мубодилаи афкор дар платформаҳои онлайнӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар муҳити ҳамкорӣ фаъолият намуда, таҷрибаи муфид андӯзанд. Ин на танҳо ба рушди малакаҳои касбӣ, балки ба ташаккули шахсияти ҳамаҷониба мусоидат мекунад.

Дар ибтидои асри XXI технологияҳои педагогӣ ба таври назаррас тағйир ёфтанд ва ба ташаккули муҳити таълимии интерактивӣ ва ҳамкорӣ нигаронида шуданд. Истифодаи платформаҳои таълимии онлайн, системаҳои идоракунии омӯзиш ва абзорҳои таълимии рақамӣ ба раванди таълим ворид гардида, имкониятҳои нави таълимро фароҳам оварданд. Таълимгирандагон тавонистанд ба маълумот дар вақти дилхоҳ ва аз макони дилхоҳ дастрасӣ пайдо кунанд, ки ин ба афзоиши мустақилияти онҳо мусоидат намуд.

Олимон Л.В. Загрекова ва В.В. Николина қайд менамоянд, ки «имрӯз, технологияҳои педагогӣ дар соҳаи маориф мавқеи муҳимро ишғол

мекунанд ва самтҳои асосии онҳо инҳоянд: фардикунонии таълим, баланд бардоштани дастрасӣ ба таҳсилот, таҳияи маводи таълимии интерактивӣ ва истифодаи абзорҳои арзёбии онлайн. Инчунин, технологияҳои педагогӣ ба ташаккули малакаҳои асри XXI, аз қабили тафаккури интиқодӣ, ҳалли мушкилот, ҳамкорӣ ва коммуникатсия нигаронида шудаанд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки истифодаи самараноки технологияҳои педагогӣ аз омодагии омӯзгорон барои татбиқи онҳо вобаста аст. Омӯзгорон бояд на танҳо малакаҳои техникиро азхуд кунанд, балки инчунин усулҳои нави таълимро, ки ба истифодаи технологияҳо асос ёфтаанд, аз худ намоянд. Танҳо дар ин сурат технологияҳои педагогӣ метавонанд ба беҳтар шудани сифати таълим мусоидат кунанд» [92, с. 89].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муассисаҳои таҳсилоти олии пешқадам ба татбиқи технологияҳои дидактикии инноватсионӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд. Ин технологияҳо, аз қабили таълими интерактивӣ, омӯзиши лоиҳавӣ, таълими масофавӣ ва ғайра, ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки дар раванди таълим фаъолона иштирок намоянд ва донишҳои худро дар амал татбиқ созанд. Илова бар ин, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, аз қабили платформаҳои таълимии онлайн, захираҳои электронӣ ва абзорҳои мултимедиявӣ, имконият медиҳанд, ки дастрасии донишҷӯён ба иттилооти заруриро таъмин намуда, раванди омӯзишро ҷолибтар ва самараноктар гардонанд. Дар ин бора М.В. Кларин чунин менависад: «Муҳимияти технологияҳои педагогӣ дар таҳсилоти олии касбӣ бо зарурати омода намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат алоқаманд аст. Мутахассисони имрӯза бояд на танҳо донишҳои амиқи касбӣ, балки малакаҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва коммуникативиро низ дошта бошанд. Истифодаи технологияҳои педагогӣ дар раванди таълим имкон медиҳад, ки ин малакаҳо дар донишҷӯён ташаккул ёбанд ва онҳоро барои фаъолияти муваффақона дар ҷомеаи муосир омода созанд» [115, с. 44].

Бо дарназардошти аҳамияти технологияҳои педагогӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд ба рушди инфрасохтори техникӣ ва методии

худ таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намоянд. Инчунин, зарур аст, ки омӯзгорон дар самти истифодаи технологияҳои муосир ба таври мунтазам такмили ихтисос намоянд ва барои татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим ҳавасманд карда шаванд. Фақат дар ин сурат метавон ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва омода намудани мутахассисони рақобатпазир ноил гардид.

Дар айни замон, муҳим аст, ки омӯзгорон низ ба истифодаи усулҳои инноватсионӣ омода бошанд. Ин омодагӣ аз азхудкунии донишҳои методологӣ, малакаҳои коркарди технологияҳои иттилоотӣ ва қобилияти эҷоди муҳити таълимии фарогир иборат аст. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки барномаҳои омӯзишии махсуси омӯзгорон, ки ба азхудкунии усулҳои инноватсионӣ нигаронида шудаанд, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти педагогӣ ва беҳтар намудани сифати таълим мусоидат мекунанд.

Г.Е. Зборовский ва Г.М. Романцев қайд менамоянд, ки «ворид намудани усулҳои инноватсионии таълим дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ раванди мураккаб ва серпаҳлуест, ки тақозои муносибати ҳамаҷониба, ҳамкории муассисаҳои таълимӣ, устодон ва донишҷӯён, ҳамзамон дастгирии методиию молиявии давлатро менамояд. Бо истифода аз стратегияҳои муассир ва баҳодиҳии мунтазами натиҷаҳо, мо метавонем баланд бардоштани сифати таълим ва омода намудани мутахассисони рақобатпазирро, ки дар иқтисодиёти донишманд фаъолона амал мекунанд, таъмин созем. Татбиқи усулҳои пешрафтаи таълим, аз қабили таълими интерактивӣ ва модулӣ, имкон медиҳад, ки донишҷӯён малакаҳои таҳлилии худро инкишоф дода, барои ҳалли мушкилоти мураккаби касбӣ омода шаванд. Дар ин замина, дастгирии давлатӣ нақши муҳим дорад, зеро он имконият медиҳад, ки инфрасохтори таълимӣ муҷаҳҳаз гардида, омӯзгорон такмили ихтисос кунанд ва барномаҳои таълимӣ мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат таҳия карда шаванд» [94, с.31].

Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҷрибаи амалии таълим, мо

ба хулосае омадем, ки ташаккули шахсияти донишҷӯй ҳамчун ҳомили фарҳанги инноватсионӣ раванди тӯлонӣ ва мураккаб аст, ки аз устодон саъю кӯшиши доимӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои нави таълим ва тарбия ва омодагӣ ба тағйиротҳоро талаб мекунад. Танҳо дар сурати муттаҳид шудани саъю кӯшиши ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим, ба даст овардани натиҷаҳои назаррас дар ин самт имконпазир аст.

Таҳлили анҷомдодаи назариявии мавзӯи аз ҷониби мо интихобшуда, муайян кардани диалектикаи анъана ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва маориф, тавсифи технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун падидаи фарҳанг ва маориф ба мо имкон фароҳам овард, ки дар тавсифи дастгоҳи илмии масъалаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсия бештар таваҷҷуҳ намоем.

Тавре ки дар боло қайд кардем, ба мафҳумҳои калидӣ мо: «диалектикаи анъанаҳо ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва маориф», «фарҳанги инноватсионӣ», «принсипи фарҳангмувофиқии тарбия», «шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ», «тамоюли мубрамсозӣ», «тамоюли худмубрамсозӣ», «фарҳанги инноватсионии педагогӣ», «нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ», «фарҳанги муштараки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ», «мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ», «консепсияи идоракунии гурӯҳи донишҷӯён аз ҷониби омӯ згорон» ва ғайраро нисбат додем Чунин гузориши масъала соҳаҳои гуногуни инноватсиониро ғанӣ мегардонанд. Ин тамоюлҳо ба талабот, манфиатҳо ва муносибати фарҳанги анъанавӣ таъсир мерасонанд.

Қайд менамоем, ки қуллаи намунаи талабот ба худмубрамсозӣ, ба ғайрати шахс вобастагӣ дорад. Тибқи фарзияи мо, агар ин хислати муҳимтарини барандагони фарҳанги инноватсионӣ рушд ёбад, пас нерӯи шахсиятӣ амалӣ мешавад. Мо дар ин вазифаи педагогӣ – мусоидат намудан ба саъю кӯшиши шахсияти донишҷӯён ба худтакмилдиҳӣ, худруштдиҳӣ, баҳогузории муносиби худ дар солҳои донишҷӯӣ, аз ҷумла дар зинанизоми талаботро мебинем. Мо боварӣ дорем, ки дар роҳи

идоракунӣ омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба раванди мазкур дар ҳамбастагӣ ва мукаммалсозии мутақобилаи педагогика ва андрагогика мусоидат мекунанд.

Аз ин рӯ, дар ҷомеаи муосир, ки ба сӯи рушди инноватсионӣ майл дорад, мафҳумҳои фарҳанги педагогӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Фарҳанги педагогӣ маҷмӯи арзишҳо, эътиқодҳо ва рафторҳоест, ки ба фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ хосанд ва дар муассисаҳои таълимӣ ва берун аз он ташаккул мeёбанд. Он заминаи мусоидро барои қабули ғояҳои нав, таҷрибаҳои пешқадам ва технологияҳои муосир фароҳам меорад.

Фарҳанги инноватсионӣ бошад, мафҳуми васеътаре буда, тамоми қишрҳои ҷомеаро фаро мегирад ва муносибати эҷодкорона, ташаббускорона ва масъулиятшиносонаро нисбат ба раванди таълим ва тарбия талқин мекунад. Дар чунин ҷомеа, на танҳо омӯзгорон, балки волидон, корфармоён ва дигар аъзои ҷомеа дар тарбияи насли наврас саҳмгузорӣ мекунанд ва барои рушди қобилияти инноватсионии онҳо шароит муҳайё месозанд.

Дар маркази таҳлили таҳқиқоти мо мафҳуми асосии «фарҳанг» ҳамчун зуҳуроти иҷтимоии арзишманд, ки дар заминаи фаъолияти инсонӣ қарор дорад, мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ин фаъолият аз нав дида баромадани таҷрибаи мавҷуда ва эҷоди таҷрибаи нав мебошад. Оқибати ин дигаргуниҳо дар ҷомеа, пеш аз ҳама, дар шароит ва вазъиятҳои фарҳангӣ намоён мегардад. Чунин дарки фарҳанг сабаби пайдоиши таърифҳои гуногуни фарҳангӣ гардидааст, ки баъзан бо ҳам мухолифанд.

Таҳлили масъалаи таъсири мутақобила, алоқамандӣ ва муносибати анъана ва навоварӣ, инчунин фарҳанг ва тамаддун, ба хулосае оварда мерасонад, ки ҷаҳонбинӣ, маърифат ва усулҳои умумипедагогӣ дар ҳалли масъалаҳои муайян намудани қонуниятҳо ва вижагиҳои тараққиёти ҷомеаи муосир аҳамияти калон доранд. Дар ҷомеаи муосир равандҳои навоварона хеле босуръат инкишоф меёбанд. Дар матн муносибати байни мафҳумҳои фарҳанг ва тамаддун тасвир шудааст.

Таҳлили назариявӣ нишон дод, ки дар роҳи инноватсия, аз ҷумла дар

фарҳанги педагогӣ, гузариш аз фарҳанги судмандӣ ба фарҳанги шаъну шараф қонунӣ аст. Фарҳанги шаъну шараф арзиши шахсияти инсонро муқаррар мекунад ва озодӣ ва шарафи шахсият ҷанбаи асосии ғояҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ мебошанд, ки рушди инсон ва ҷомеаро ба фарҳанги шаъну шараф муайян мекунанд. Ин ғояҳо бо таҳқиқи шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мувофиқат мекунанд.

Анъана низоме маҳсуб меёбад, ки навовариро пазируфта, онҳоро ҳамоҳанг месозад. Дар чунин вазъият, мафҳуми ҷомеаи навгароёнаро дар муқоиса ба ҷомеаи анъанавӣ ба сифати баёни навъҳои гуногуни ҳамкории иҷтимоӣ-фарҳангӣ дидан мумкин аст, ки дар он ҷараёни пуршиддати навовариҳо ба анъанаҳои нисбатан ором таъсир мерасонад.

Принсипи фарҳангмувофиқӣ дар тарбия мавқеи асосӣ буда, ба инкишофи шахсият дар муҳити фарҳангӣ-таърихӣ нигаронида шуда, ҳадаф, мазмун ва технологияҳои таълимиро муайян мекунад. Принсипҳои фарҳангӣ дар тарбия дар асоси фарҳанги умумибашарӣ ва арзишҳои миллии халқи тоҷик, муносибат ба мероси таърихӣ, забон, адабиёт, санъат ва анъанаҳои миллӣ ташаккул меёбанд. Ин принсипҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф инъикос ёфтаанд ва ба таъмини ҳуқуқи ҳар як фард ба омӯзиш ва азхудкунии мероси фарҳангӣ равона карда шудаанд.

Мавқеи асосии принсипҳои фарҳангмувофиқӣ дар тарбия дар он зоҳир мегардад, ки таълим набояд аз решаҳои фарҳангии худ дур шавад. Азхудкунии фарҳанг, аз ҷумла забон, адабиёт ва санъат, шавқи кӯдаконро ба омӯзиш афзун гардонида, тафаккури эҷодии онҳоро тақвият медиҳад. Ин имкон медиҳад, ки ҷавонон на танҳо дониши мушаххас, балки арзишҳои ахлоқӣ, эстетикӣ ва маънавиро низ аз худ кунанд, ки барои ташаккули шахсияти комил муҳим аст.

Истифодаи ғояҳои ҳамгироии илмҳо дар педагогика асоснок нест, зеро бесарусомонӣ метавонад механизми худташкилкунӣ бошад,

низомҳои мураккаб роҳҳои гуногуни рушд доранд ва роҳҳои рушди онҳоро таҳлил кардан имкон надорад. Таҳқиқоти гузаронидаи мо собит сохт, ки худмубрамсозӣ инноватсияҳоро ҳамгиро ва муттаҳид месозад.

Чӣ тавре ки С.Г. Григорьева қайд мекунад, «ҳамгироӣ дар илми педагогика имконият медиҳад, ки равандҳои таълим ва тарбия ҳамчун низомҳои мураккаб ва худтанзимшаванда, ки дар онҳо таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла номуайянӣ ва тасодуф, ба назар гирифта мешавад, баррасӣ карда шаванд. Ин муносибат, мувофиқи дидгоҳҳои олимон, имконият медиҳад, ки дар низоми таълим ҳолатҳои номуайяниро муайян намуда, самтҳои эҳтимолии рушдро пешгӯӣ намоем. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки татбиқи ғояҳои синергетикӣ дар педагогика бояд бо назардошти хусусиятҳои фардии таълимгирандагон ва муҳити иҷтимоию фарҳангӣ амалӣ карда шавад. Фарҳанги инноватсионӣ ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазири таҳсилот маънидод мешавад, ки асли он, муҳтаво ва усулҳои татбиқи фаъолона ва азмудашудаи навовариҳоро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар бар мегирад. Ин мафҳум ҳадафҳо, ҷараён ва натиҷаҳои тайёр кардани мутахассисони ба инноватсияҳо ҳавасманд ва қодирро, ки барои таҳия ва истифодаи онҳо омодаанд, мушаххас мекунад. Ба ибораи дигар, фарҳанги инноватсионӣ заминаи мусоидро барои равишҳои эҷодкорӣ дар раванди таълим фароҳам меорад. Он на танҳо дониш, балки малака ва арзишҳоеро дар бар мегирад, ки ба рушди шахсияти инноватсионӣ мусоидат мекунанд» [59. с. 72].

Дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ робитаи мутақобилаи мазмун ва технологияҳои таълим дар заминаи фарҳанги инноватсионӣ асоснок шудааст. Фарҳанги инноватсионӣ як намуди махсуси фарҳанг ва ҳамчун унсуре, ки дар ҳар як намуди фарҳанг ҳузур дорад, баррасӣ мешавад. Фарҳанги инноватсионӣ соҳаи ҳамҷояшавии намудҳои гуногуни фарҳангҳо мебошад. Он тамоми фаъолияти ҳаётии ҷомеа ва инсонро муайян мекунад.

Фарзия оид ба инкишофи шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ тавассути технологияҳои нави дидактикӣ тасдиқ

гардида, моҳият ва мазмуни технологияҳои пешқадами педагогӣ муайян карда шуда, арзиш ва аҳамияти касбии онҳо барои омӯзгорон баррасӣ карда шуд.

Дар заминаи таҳқиқот муайян гардид, ки истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълим имкон медиҳад, ки сатҳи фаъолнокии таълимӣ ва мустақилияти донишҷӯён баланд бардошта шавад. Ҳамчунин, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ба ташаккули малакаҳои корӣ бо иттилоот, таҳлил ва синтези онҳо, инчунин ба қабули қарорҳои мустақилона дар шароитҳои мураккаб мусоидат менамояд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки мазмуни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад ва донишҷӯёнро бо малакаҳои зарурӣ барои фаъолияти касбӣ дар шароити рақобати шадид таъмин намояд. Истифодаи технологияҳои таълимӣ, аз ҷумла усулҳои фаъоли таълим, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва шаклҳои гуногуни таълими интерактивӣ, ба баланд бардоштани самаранокии раванди таълим мусоидат мекунанд.

Дар рафти таҳқиқот мубрамсозии шахсияти донишҷӯён чун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар фаъолияти педагогӣ муайян гардид. Мафҳумҳои калидӣ, аз қабили диалектикаи анъанаҳо ва инноватсияҳо, фарҳанги инноватсионӣ, принсипи фарҳангмувофиқӣ, шахсияти донишҷӯён, консепсияи худогоҳӣ, фарҳанги инноватсионии педагогӣ, нерӯи педагогии муассисаи таҳсилоти олӣ, фарҳанги корпоративӣ, мубрамсозии шахсияти донишҷӯён, консепсияи фасилитатсияи педагогӣ ва механизми идоракунии педагогӣ мавриди таҳлил қарор гирифтанд ва таъриф шуданд.

Намунаи муосири таҳсилоти олии касбӣ тақозо мекунад, ки донишҷӯён на танҳо соҳиби донишҳои касбӣ гарданд, балки ҳамчун субъектони фаъоли фарҳанги инноватсионӣ ташаккул ёбанд. Дар ин замина, мубрамсозии шахсияти донишҷӯён, яъне фароҳам овардани шароит барои рушди худшиносӣ, масъулиятнокӣ ва қобилияти эҷодии онҳо ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, аҳамияти калидӣ

пайдо мекунад. Ин раванд бояд дар асоси принсипи фарҳангмувофиқӣ сурат гирифта, аз арзишҳои милливу умумибашарӣ ва талаботи ҷомеаи муосир бархӯрдор бошад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи ташаккули шахсияти донишҷӯён дар аз нуктаи назари фарҳанги инноватсионӣ ҳоло ҳам ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Ҳарчанд, ки корҳои алоҳидаи олимони соҳаи педагогика ва психология ва дигарон ба масъалаҳои худшиносӣ, худмуайянкунӣ ва рушди шахсӣ бахшида шуда бошанд ҳам, хусусиятҳои мубрамсозии шахсияти донишҷӯён дар муҳити таҳсилоти олӣ, бахусус, дар қаринаи фарҳанги инноватсионӣ, таҳқиқи ҷиддиро талаб мекунад.

Бо назардошти гуфтаҳои болозикр, муайян намудани омилҳои муассири мубрамсозии шахсияти донишҷӯён дар фаъолияти педагогӣ, инчунин таҳияи барномаҳои таълимӣ ва методҳои педагогии инноватсионӣ, ки ба рушди худшиносӣ, масъулиятшиносии донишҷӯён равона шудаанд, зарур мебошад. Ин имкон медиҳад, ки донишҷӯён ҳамчун мутахассисони рақобатпазир ва барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар ҷомеа мавқеи арзанда дошта бошанд.

Низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ дастовардҳои қаблиро нигоҳ дошта, бо истифода аз имконоту шароитҳо барои рушди соҳа ва гузариш ба меъёрҳои таҳсилоти байналмилалӣ муносибатҳои нави таълимиро ба амал мебарорад. Имрӯз бояд раванди таълим на ба гирифтани донишҳои тайёр, балки ба салоҳиятмандии хонандагон нигаронида шавад.

Имрӯз ҷомеаи муосир дар донишҷӯ як қатор талаботҳои мушаххасро пешниҳод мекунад: амал кардан дар вазъиятҳои проблемавӣ ва ношинос; мустақилона эҷод кардан мувофиқи нерӯи зеҳнӣ; самтёбӣ кардан дар ҷараёнҳои иттилоот; иртиботнок будан; устувор будан аз нуқтаи назари мавқеи муносибати босалоҳият ва ғайра.

Аз мавқеи фарҳанги инноватсионӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ илова ба вазифаҳои ба таври умумӣ қабулшуда, инчунин татбиқи

вазифаҳои зерин имконпазир аст: маҳорати дар донишҷӯён рушд додани қобилиятҳои самарабахши дар вазъиятҳои проблемавию ношинос зимни фаъолияти таълимӣ ва ҳаётӣ воқеӣ; ташаккул ва рушди зеҳни донишҷӯён, талабот ба фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар донишандӯзӣ; омодасозии назариявӣ-амалӣ бо мақсмади ташаккули ҳавасмандии маърифатӣ, аксуламал ба ин ё он ҳолату вавзъияти рухдода, хоҳиши зарурати рафъи мушкилоти маърифатӣ, мушкилоти ҳангоми ба ҳаяҷон омадан; фаҳмидан ва аз худ кардани намунаҳо ва усулҳои фаъолияти маърифатӣ, рушди нерӯи эҷодӣ, ташаккули қобилияти эҷодӣ; азхудкунии усулҳои нав ҷиҳати татбиқи онҳо дар рафторҳои амалӣ; муносибат ба худшиносӣ; ташаккули муносибати мусбат ба таҳсил, маҳоратҳои баён кардани эҳсосоти худ ба тарзи созанда ва ғайра.

## Хулосаи боби дуюм

Дар боби мазкур муҳимияти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим бо назардошти мутобиқ гардонидани онҳо ба талаботи ҷомеаи муосир, ки дар он донишҳои нави азхудкардашуда ҳар лаҳза тағйир меёбанд ва малакаҳои эҷодӣ, зеҳнӣ таҳлилӣ аҳамияти калон пайдо мекунанд. Дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, ба монанди омӯзиши ҳамкорӣ, истифодаи методҳои фаъоли таълим, моделсозии компютерӣ ва ғайра, шароит фароҳам меоранд, ки раванди таълим боло бурда шуда, донишҷӯён ба фаъолияти мустақилона ва эҷодӣ худро омода созанд.

Дар масъалаи фарҳанги инноватсия, шахсияти донишҷӯ ҳамчун субъекти фаъоли фаъолияти эҷодӣ, ки қодир аст ба тавлиди ғояҳои нав, қабули қарорҳои ғайримуқаррарӣ ва амалӣ намудани онҳо нигаронида шудааст, ташаккул меёбад. Дар татбиқи ин раванд, омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд, ки ӯ вазифадор аст фазои мусоидро барои рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён фароҳам оварад, онҳоро ба таҷрибаҳо ҳавасманд созад ва дар ҷустуҷӯи

роҳҳои нави ҳалли масъалаҳо дастгирӣ намояд.

Таҳлили вазъи муосири таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки барои муваффақ шудан ба мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, зарурати таҷдиди назар ба муносибатҳо дар раванди таълим ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ вуҷуд дорад. Дар ин самт, таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, ки дар он технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим ба таври васеъ истифода мешаванд, метавонад муфид бошад. Ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар раванди мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ имкон медиҳад, ки рақобатпазирии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бозори меҳнат таъмин гардад ва ба рушди иқтисодиёти инноватсионии кишвар мусоидат намояд.

Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ-педагогӣ ва дар ин зимн муайян кардани диалектикаи анъана ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва маориф, арзёбии технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун падидаи фарҳанг ва маориф ба мо имконият дод, ки дар тавсифи дастгоҳи илмии масъалаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ масъалаҳои калидиро муайян созем.

Муносибати фарҳангӣ дар таҳсилот имкон медиҳад, ки тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ва қобилияти ҳалли мушкилоти мураккаб дар заминаи байнифарҳангӣ инкишоф дода шавад. Муҳайё сохтани муколамаи мусоиди фарҳангҳо ва эҳтироми гуногунандешӣ муҳити мусоидро ҷиҳат рушди шахсияти инноватсионӣ фароҳам меорад, ки қодир аст дар ҷомеаи муосир нақши фаъол дошта бошад. Озмоиш нишон медиҳанд, ки барномаҳои махсуси корҳоитарбиявӣ сатҳи ҷалби донишҷӯёнро ба раванди таълим баланд бардошта, натиҷаҳои таълимро низ беҳтар мекунанд.

Фаҳмиши раванди таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ масъалаи афзалияти шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони

фарҳанги инноватсионӣ ба миён мегузорад. Муносибатҳои байнишахсии донишҷӯён дар раванди таълимӣ бояд ба принсипҳои эҳтиром, ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамдигар асос ёбанд. Ин муносибатҳо бояд фазои мусоидро барои мубодилаи афкор, эҷодиёти гурӯҳӣ ва рушди шахсии ҳар як донишҷӯ таъмин намоянд. Дар ин раванд, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олии ксбӣ бо корхонаҳо ва созмонҳои инноватсионӣ низ метавонад саҳми бориз гузорад.

Роҳи ҳалли он рушди минбаъдаи принсипи бунёдии педагогика ва фарҳангмувофиқии рушди шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инновватсионӣ дар намунаи инсондӯстӣ мебошад. Ҳалли масъала дар заминаи методологии назарияи дарки бошуронаи таҷрибаи шахсият имконпазир аст, ки мувофиқи он инкишофи қобилиятҳои шахс тавассути худмубрамсозӣ, худтакмилдиҳӣ сурат гирад, ки идоракунии педагогӣ, аз ҷумла донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ тақозо мекунанд.

Дар ин замина, муҳим аст, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба рушди қобилиятҳои шахсии донишҷӯён, махсусан қобилияти таҳлил, ҷамъбасткунӣ, арзёбӣ ва ҳалли масъалаҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд. Ҳалли ин вазифаҳо тақозо менамояд, ҳамоҳангсозии таълимӣ-методии курсҳои таълимӣ дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таъмин гардад; шароити педагогии татбиқи самаранокии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ асоснок карда шавад. Ҳар яке аз ин вазифаҳо бо меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои мушаххас муайян карда мешавад, ки мавҷудияти хислатҳои муайяни шахсият, аз қабили қобилияти эҷодкорӣ, таҳлили танқидӣ, ҳалли масъалаҳо, қабули хатар ва шавқу завқи донишҷӯёнро нисбат ба фикру ақидаҳои нав инъикос мекунанд.

# БОБИ III. ТАТБИҚИ КОНСЕПСИЯИ ИДОРАКУНИИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ МУБРАМСОЗИИ ШАХСИЯТИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН БАРАНДАГОНИ ФАРҲАНГИ ИННОВАТСИОНӢ

## 3.1. Марҳилаи муқарраркунандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ

Мақсади марҳилаи муқарраркунанда муайян кардани ҳолати ибтидоии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ маҳсуб меёфт.

Дар ин зербанд натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоиширо дар намунагирии аввал: маълумоти 189 посухдиҳанда пешниҳод карда мешаванд. Дар ибтидо ба натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар байни 81 нафардонишҷӯён гузаронида шуд, истода мегузарем. Ба донишҷӯён навиштани иншо «8 роҳи худмубрамсозии шахсият» тибқи А. Маслоу [150, с. 284] пешниҳод карда шуд. Бо кумаки методикаи мазкур имконияти ба даст овардани маводи муҳимми таҷрибавӣ пайдо шуд, ки хислатҳои шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ (ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулият) ошкор мекунад, ки бавосита ва бевосита дар бораи ҳузури онҳо дар посухдиҳандагон, инчунин дар маҷмӯъ, дар бораи ҳолати мубрамсозии шахсияти донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти мушаххас шаҳодат медиҳад. Мо инро дар назарияи худмубрамсозии шахсият, дар ғояи ба он наздики айнияти консепсияи худмубрамсозӣ, ҳамоҳангии консепсияи идоракунии педагогии мо, ки ба татбиқи қувваҳои эҳтимолии моҳиятии инсон нигаронида шудааст, мебинем. Ин метавонад худ ба худ рух диҳад ва он гоҳ хатари рукуд ва ҳатто таназзули шахсияти ҳар гуна ҷинс ва синну сол ба маротиб меафзояд. Раванди мақсадноки таҳсилотӣ бошад, ба бартараф кардани «бетартибӣ» дар асоси «ботартибӣ»-и бадастомада мусоидат мекунад. Дар Маслоу, ба назари мо, бо роҳи боло рафтани шахсият аз эҳтиёҷоти ҳаётан муҳим ба худмубрамсозӣ дар чизи эҷодӣ, маънавӣ ва

ахлоқӣ ба даст меояд. Роҳи худшиносӣ ҳамеша душвор буд, вале имрӯз, ки дар ҳаёт, фарҳанг ва маориф на танҳо омилҳои мусоидаткунанда ба тараққиёти ҷисмонӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ таъсир мерасонанд, балки омилҳои нобудкунанда ва шаклдигаркунанда низ вуҷуд доранд, ин роҳ мушкилтар мегардад. Ҳамин тариқ, мо дар таҳқиқоти худ ҳолати аввалиндараҷаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун ҳамилони фарҳанги инноватсионӣ муайян кардем.

Натиҷаҳои пурсиши донишҷӯён (110 нафар донишҷӯ) нишон доданд, ки масъалаи худмубрамсозии шахсияти донишҷӯён нисбатан бомуваффақият сурат мегирад. Аз ҷумла, 77% посухдиҳандагон иброз доштанд, ки дар ҳаёт бо интихоби гуногун рӯ ба рӯ шудаанд; 3% ҳанӯз интихоб накардаанд; ҳамин қадар ба савол ҷавоб дода натавонистанд; ва 1,5% ба тавакал такя мекунанд. Аммо, танҳо 18,5% посухдиҳандагон ба рушди шахсиятии худ мароқ зоҳир намуданд. Дар ин бора натиҷа дар диаграмма чунин аст.




*Диаграммаи 3. Пешравӣ дар худмубрамсозии шахсияти донишҷӯён*

Таҳлили мазмуни натиҷаҳои иншои мазкур зикри чунин хислатҳои шахсияти барандагони фарҳанги инноватсионӣ, аз қабили кушода будан, худмубрамсоз буданро нишон дод. Ҳамзамон, вазъияти таҷрибаи нокифоя дар бораи масъулияти шахсӣ барои интихоби кардашуда, дурнамоҳои рушди эҷодкорӣ ва боварибахшӣ ошкор карда шуд. Таҳлили

таҷрибаҳои гузаронидашуда бо донишҷӯён имкон дод, ки дар бораи ғайри чашмдошт будани раванди мубрамсозии шахсияти барандагонифарҳанги инноватсионӣ, таҷрибаи нокифояи донишҷӯён хулоса бароварда шавад (ҳамагӣ 70 нафар донишҷӯ). Дар ин бора натиҷа дар диаграмма чунин ба назар мерасад.




*Диаграммаи 4. Натиҷаҳои иншои «8 усули худмубрамсозии шахсият» тибқи А. Маслоу (интихоб кардан рост омад)*

Ба таври мушаххас дар бораи таҷрибаи шахсӣ ҷавобҳои донишҷӯён ба саволи «Оё онҳо худро барои амалҳо мепурсанд», шаҳодат медиҳад. Аён гардид, ки 68%-и посухдиҳандагон барои амали худ аз худ мепурсанд; 20% баъзан анҷом медиҳанд, дар ин бора фикр намекунанд – 12%. Ин манзар дар диаграмма чунин аст.




*Диаграммаи 5. Оё донишҷён худро барои амалҳо мепурсанд?*

Ба таври мушаххас дар бораи таҷрибаи шахсӣ ҷавобҳои донишҷӯён ба саволи «Оё онҳо худро барои амалҳо мепурсанд», шаҳодат медиҳад. Аён гардид, ки 68%-и посухдиҳандагон барои амали худ аз худ мепурсанд; 20% баъзан анҷом медиҳанд, дар ин бора фикр намекунанд – 12%. Ин манзар дар диаграмма чунин аст.




*Диаграммаи 6. Натиҷаҳои иншои «8 усули худмубрамсозии шахсият» тибқи А. Маслоу (аз худ дар бораи кирдорҳои худ мепурсанд)*

Натиҷаҳои таҳқиқи донишҷӯёни ихтисоси Омӯзгори биология, Омӯзгори химия (95 нафар) бо истифодаи методикаи «8 усули худмубрамсозии шахсият» ба даст оварда шуданд. Аксарият қайд карданд, ки ба онҳо рост омад чанд маротиба интихоб кунанд – 79%; 2% ҳанӯз интихоб накардаанд. Аммо танҳо 19% посухдиҳандагон ба ҷонибдории рушди шахсиятӣ интихоб карданд.

Ба саволи «Оё онҳо аз худ барои кирдорҳои худ мепурсанд?» – 64% мусбат ҷавоб доданд; 14% интихоб намекунанд; баъзан мепурсанд – 12% ва 10% бо савол ҷавоб доданд: «Чаро худро шиканҷа диҳам? Аз болои он, ки чӣ тавр ту рафтор кардӣ, фикр кардан даркор нест».

Натиҷаи бадастомада, ба фикри мо, масъалаҳои ташаккули хислатҳои таҷрибаи шахсияти донишҷӯён, аз ҷумла ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсиониро мубрам месозанд. Худмубрамсозиро ба хислатҳои шахсияти барандагони фарҳанги инноватсионӣ нисбат дода, мо дар маълумотҳои овардашуда мебинем, ки, аз як тараф, дар қисми посухдиҳандагон кушода будан, хоҳиши худмубрамсозӣ ва, аз тарафи дигар, дар бисёриҳо мавҷуд набудани чунин хусусиятҳо, ба монанди масъулият, боварибахшӣ ва эҷодкориро мебинем.

Қайд менамоем, ки қуллаи намунаи талабот ба худмубрамсозӣ, хоҳиш ва кӯшиши шахсият барои шудани он касе, ки метавонад дар ҷомеа мавқеи фаъол дошта бошад, маҳсуб меёбад. Тибқи фарзияи мо, агар ин хислати муҳимтарини барандагони фарҳанги инноватсионӣ рушд ёбад, пас нерӯи шахсиятӣ амалӣ мешавад. Мо дар ин вазифаи педагогӣ –

мусоидат намудан ба саъю кӯшиши шахсияти донишҷӯён ба худтакмилдиҳӣ, баҳогузории муносиби худ дар солҳои донишҷӯӣ, аз ҷумла дар зинанизоми талаботро мебинем. Мо боварӣ дорем, ки дар роҳи идоракунӣ омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба раванди мазкур дар ҳамбастагӣ ва мукаммалсозии мутақобилаи педагогика ва андрагогика мусоидат мекунанд.

Дар заминаи мазкур, ба натиҷаҳои иншои иҷрошуда баргашта, қайд менамоем, ки 72% донишҷӯён дар бораи таъйиноти худ фикр мекунанд; 14% инро баъзан инҷро мекунанд ва ҳамин қадар, яъне 14%- дигар ҳеҷ гоҳ дар бораи ин фикр намекунанд Далелҳои зикршуда, ба фикри мо, муҳиммияти масъалаи таҳқиқшавандаро тақвият медиҳанд.




*Диаграммаи 7. Натиҷаҳои иншои «8 усули худмубрамсозии шахсият» тибқи А. Маслоу (дар бораи таъйиноти худ фикр мекунанд).*

Дар мавриди таҳлили ҷавобҳо оид ба кашфи худ ба маънои аслии калима бошад, далелҳои камтар натиҷанок ошкор карда шуданд: 36% – ҳа; 20% – не; қисман «кашфи худ» – 35%; 9% посухдиҳандагон дар ҷавоб душворӣ кашиданд. Натиҷаҳои ба даст овардашударо бо хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мавриди муқоиса қарор дода, мо дар бораи масъалаи умумипедагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён дар шароити паҳншавии бештари фарҳанги инноватсионӣ ҳарф мезанем.

Ин маълумотро бо натиҷаҳои дигари ҷавобҳои донишҷӯён мавриди муқоиса қарор дода, ошкор кардем, ки донишҷӯён «худро кашф» кардаанд – 43%; худро кашф накардаанд – 21%; қисман кашф кардаанд –

ҳамин қадар; дар ҷавоб додан душворӣ кашиданд – 15%-ро ташкил дод. Маълум шуд, ки ба «кашфи худ «танбалӣ», «шармгинӣ», «хусусиятҳои хислат», «таҷрибаи бештари ҳаётӣ лозим аст», то ба худ чунин саволҳо дода шаванд, халал мерасонанд.

Мо чунин мешуморем, ки ба миён гузоштани чунин саволҳои муҳим дар фазои таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, оила ва ҷомеа масъалаи инфантилизми (мувофиқи синну соли худ камол наёфтан) иҷтимоии донишҷӯён, аспирантҳо ва аз ин рӯ, масъалаҳои идоракунии саривақтии донишҷӯён ва унвонҷӯёнро мубрам месозад.

Таҳқиқотро дар марҳилаи муқарраркунандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ идома дода, ба мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, муносибатҳои байнишахсиятӣ (дар оила, дӯстӣ) таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, мо ба баррасии таҷрибаи ҳаётии донишҷӯёнмуроҷиат кардем. Категорияи мазкур, ки аз ҷониби А. С. Белкин ва пайравони ӯ (Н.О. Вербитская, Н.Г. Свинина) ҳамчун таҷрибаи худшиносӣ, худмубрамсозӣ, худлоиҳасозӣ мавриди таҳқиқ қарор дорад, таъйиноти асосии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён мебошад. Дар ин ҷо омилҳои зерин ба монанди оила, гармии волидойн, ҳурмату эҳтироми тарафайн ва муҳаббат дар оила, эътимод ба якдигар; басомад ва шиддатнокии тамос бо волидон; муҳити солими оилавӣ; дараҷаи мустақилиятнокӣ, ки ба ташаккули шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ таъсири амиқ мерасонанд, ё мавҷуд набудани онҳо раванди мазкурро мураккаб месозад, муҳим арзёбӣ мегардад.

Мо мақоми оиларо ҳамчун омили муҳимтарини ташаккул ва рушди шахсияти донишҷӯён эътироф карда, адабиёти илмиии ба проблемаи мавриди назар таалуқдоштаро омӯхта, се шакли муносибатҳоро дар оила муқаррар кардем, ки мустақиман ва бавосита, ба андешаи мо, ба рушди шахсияти донишҷӯён дар маҷмӯъ ва ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ аз ҷумла таъсир мерасонанд. Мо боварӣ дорем, ки оилаи муосир ба рушди чунин хислатҳои шахсияти донишҷӯён ҳамчун

барандагони фарҳанги инноватсионӣ, аз қабили: ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулият мусоидат мекунад, аммо он метавонад инчунин монеа эҷод кунда, ки дар амалияҳои идоракунанда аз аҳамияти хос бархӯрдор аст. Дар бораи хусусиятҳои муносибатҳои оилавӣ, ки ба ин мусоидат мекунанд ё халал мерасонанд, истода мегузарем.

Навъи якуми муносибатҳо самимона, дилгармона мебошанд, ки ба зоҳир намудани эҳтиром ба падару модарон, ба ваҷд омадан онҳо ва хоҳиши ба онҳо монанд шудан мусоидат мекунанд. Кӯдакон ва наврасоне, ки таҳаммулпазирӣ, ғамхорӣ, муҳаббат ва эътимоди калонсолонро нисбат ба худ эҳсос мекунанд, имкон доранд, ки бо дигарон низму носибат карданро ёд гиранд.

Бо истифода аз методҳое, ки ба ташаккули хударзёбӣ, худидоракунӣ, ба дарк ва қабули ботинии арзишҳо ва меъёрҳои муайян равона гардидаанд, волидон ба он натиҷа мерасанд, ки наврас майл пайдо мекунад, ки онҳоро гӯш ва қабул кунад. Чунин наврас ба тағйирот беҳтар мутобиқ шуда, мустақилиятро муҳокимаронӣ ва кирдорҳо ошкор мекунад. Дар маҷмӯъ, он, ба назари мо, дорои сифатҳои фарҳанги инноватсионӣ мебошад.

Навъи дуюм – онҳое, ки дар муҳити таҳаммулнопазирӣ ва адоват зиндагӣ мекунанд, худро бо «хушунатгар» айният медиҳанд. Волидоне, ки нотаҳаммулпазириро зоҳир карда, чораҳои ҷазоро истифода мебаранд, аксар вақт ба мақсадҳои гузошташуда ноил намегарданд. Башумори онҳо инчунин тарбияи интизом, яъне худташкилкунӣ низдохил аст. Дар мавриди чунин хислатҳои шахсият, ба монанди кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, худмубрамсозӣ, масъулият, маҳорати ҳамкорӣ карда тавонистан бо дигарон дар асоси таҳаммулпазирӣ бошад, дар чунин вазъият ин нисбатан мураккаб аст. Барои мисол, рво дидани ҷазоҳои бераҳмона, алахусус дар заминаи афзоиши муносибатҳои манфӣ, ба он оварда мерасонанд, ки кӯдакон ё наврасон сангдил, бепарво ба воя мерасанд. Онҳо гапнодаро шуда,  нисбат ба дигарон серталаб мегарданд.

Барои чунин кӯдакон ва наврасон мутобиқ шудан ба дигаргуниҳо, зоҳир кардани эҷодкорӣ ва муошират бо одамон мураккабтар аст.

Навъи сеюми муносибатҳо дар оила, ки ба пайдарпай набудани талаботе, ки аз ҷониби падару модарон пешниҳод мешавад, тавсиф ёфта, дар оила муҳити ноустувор, асабониро ба вуҷуд оварда, аксар вақт боиси нисбат ба якдигар бегонашавӣ ва адоват мегардад. Гузашт кардан, беэътиноӣ аз ҷониби падару модарон ва дигар аъзои оила низ боиси душвориҳо дар иҷтимоишавӣ ва худмубрамсозии ҳангоми ба даст овардани интихоби асоснок ва маҳорати назорат кардани худ, масъулият барои амалҳои худ мегардад. Дар сурати мавҷуд набудани танзими дуруст наврас дар номуайянии интихоб байни некиву бадӣ қарор гирифта, дар вазъияти радшуда аз ҷониби ҳамсолони худ афтода, бо надоштанимуҳити маънавӣ, аксарияти наврасон танҳоӣ, нороҳатиро таҷриба карда, эҳтимолан, сангдил мешаванд. Чунин ташаккули хислатҳои шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ: ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, боварбахшӣ, масъулиятро душвор мегардонад.

Дар асоси типологияи дар боло овардашуда, мо дар бораи зарурати раванди мақсаднок дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба хулоса омадем, ки метавонад дар шакли самтдиҳии фаъолонаи раванди таълимӣ ба тарбияи ахлоқии шахсият, рушди чунин сифатҳоро, ба монанди ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулиятнок буданро ташаккул диҳад. Дар ин мо маънои асосии таҳсилот ва натиҷаи он – рушди шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мебинем.

Дар робита ба ин, вазифа гузоштем, ки моҳияти таҷрибаи шахсии донишҷӯёнро маълум созем, то ки нақшеро, ки волидон дар рушди шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ бозӣ мекунанд, дарк намоем. Барои ин, мо пурсиши 94 нафар донишҷӯёни Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи

Рӯдакиро анҷом додем. Дар бораи таҳлили натиҷаҳои пурсиши гузаронидашуда истода мегузарем.

Таҳлили посуххои донишҷӯён имкон дод, ки дидгоххои насли навро нисбат ба волидони арзанда мушаххас созем. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти донишҷӯён волидони худро «бофаҳм ва боэътимод» (32%) меҳисобанд. Қисми назарраси дигар (25%) изҳор доштанд, ки «Ман падару модари беҳтарин дорам», дар ҳоле ки 20% волидони худро «серталаб ва принсипнок» арзёбӣ кардаанд. 17% донишҷӯён волидони худро «ғамхор ва бодиққат» номидаанд ва 6% баён доштанд, ки «падару модарро интихоб намекунанд».




*Диаграммаи 8. Дидгоҳҳои донишҷӯён нисбат ба волидони арзанда*

Дар робита ба саволи «Дар кадом соҳаи ҳаёти Шумо созиши бештарин бо падару модар ва ҳамсолон ҷой дорад?», маълум гардид, ки донишҷӯён бештар дар масъалаҳои таҳсилот бо модарони худ мувофиқат мекунанд, гарчанде ки бо падарони худ ҳамфикр бошанд ҳам. Дар интихоби дӯстон низ донишҷӯён бештар бо модар мувофиқа мекунанд. Бартарӣ дар интихоби либос низ бештар бо модарон алоқаманд аст. Мувофиқа бо падар бошад, камтар баммушоҳида мерасад. Таҳқиқот нишон дод, ки дар масъалаҳои ба ҳаёти мустақилона тайёр шудан низ, бештари донишҷӯён бо модар мувофиқат мекунанд. Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки модарон дар ҳаёти донишҷӯён, бахусус дар масъалаҳои марбут ба таҳсил, интихоби дӯстон ва либос, нақши муҳимтар доранд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки модарон аксар вақт дар муносибатҳои наздиктар бо фарзандон саҳм мегузоранд ва дар масъалаҳои ҳассос бештар дастрасанд.

Ҳамин тавр, далелҳои гирифтаи мо шаҳодат доданд, ки якум, дар бораи мавҷудияти муносибатҳои бовариноки байни донишҷӯён ва волидони онҳо маълумот пайдо намоем. Зимнан донишҷӯён бештар бо модарон нисбат ба падарон сирри дилашонро мегуфтанд. Дуюм, нишондиҳандаҳои фоизӣ раванди таҳсилро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба самти мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, аз ҷумла, ба инъикоси таҷрибаи ҳаёти шахсии худ ва ё аз лиҳози рушди минбаъдаи бомуваффақияти он ё бартараф кардани оқибатҳои манфӣ барои шахсиятро самтдиҳӣ мекарданд. Ирмрӯз оилаи муосир аз оилаи пештара ба куллӣ фарқ мекунад. Бинобар ин, он метавонад ба пешрафти хислатҳои ҳассосияти фарҳангӣ, ҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулиятшиносӣ мусоидат кунад ё монеъ шавад. Новобаста аз ин дар ин ҷо мавқеи таҳсилоти олии касбӣ тақвият меёбад.

Дари маҷму, хулоса аз он иборат аст, ки донишҷӯён талаботро нисбат ба муносибатҳои боэътимодона бо волидон (бештар бо модарон нисбат ба падарон), бо ҳамсолон (ба дараҷаи бештар, нисбат ба падару модарон) эҳсос намуда, онҳоро дар муоширати ҳам бо аввалиҳо, ҳам бо дигариҳо қонеъ мегардонанд. Ин чунин маъно дорад, ки масъала оид ба имконот ва зарурати муассисаи таҳсилот ба мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ (ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулият) ба миён меояд.

Барои маълум кардани таъсири таҷрибаи ҳаёти донишҷӯён ба эҳсоси муҳти иотакарда, мо пешниҳод кардем, ки тарсу ҳаросҳое, ки онҳо дар ҳаёт таҷриба мекунанд, номбар кунанд. Натиҷаҳои таҳлилро бо рутбабандӣ аз калонтарин ба хурдтарин меорем:

1. Тарси аз даст додани наздикон (вафоти падару модар) – 56%,

2. Тарс аз бемор шудан (СПИД, саратон) – 11%,

3. Тарс аз маъюб шудан – 10%,

4. Тарс ҳангоми дохил шудан ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

(коллеҷ) – 17%,

5. Тарс дар соли 1-ум аз он, ки бо омӯзгорону ҳамсинфони нав рӯ ба рӯ шудан – 6%. Ин манзара дар ҷадвали зер чунин ба назар менрасад.




*Диаграммаи 9. Ошкор кардани таъсири таҷрибаи ҳаёти донишҷӯён ба эҳсоси муҳти иҳотакарда.*

Мутобиқшавии ҷавонон ба шароити нави таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла кӯчидан ба шаҳри дигар, таваҷҷӯҳи падару модарон ва омӯзгоронро тақозо менамояд. Таҳлил нишон дод, ки донишҷӯён аз даст додани наздиконро ҳамчун тарси бузург номбар кардаанд ва ҳамзамон, қисми муайяни донишҷӯён ба ҳиссиёти ботинии худ гӯш мекунанд.

Дар таҳқиқот рушди эҳсосотии донишҷӯён ҳамчун ҷузъи муҳими худмубрамсозии шахсият муайян карда шуд. Пурсиши донишҷӯён нишон дод, ки эҳсосоти равшантарин «ноил шудан ба мақсади гузошташуда (13%), «тағйир ёфтани рукнҳои зиндагӣ» (10%) ва «муҳаббат» (12%) мебошанд. 65% посухдиҳандагон ба худ гӯш карда, аломатҳои ботиниро эҳсос мекунанд. Рушди хислатҳои шахсияти донишҷӯён, аз қабили ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазирӣ, худмубрамсозӣ ва масъулият, зарур аст.




*Диарраммаи 10. Рушди эҳсосотии донишҷӯён ҳамчун ҷузъи муҳими худмубрамсозии шахсият*

Ин ҳолат зарурати таҳия ва татбиқи барномаҳои мушаххаси равонӣ-педагогиро тақозо менамояд, ки ба донишҷӯён дар мутобиқшавӣ ба муҳити нави таълимӣ, идоракунии стресс ва рушди хислатҳои шахсиятии мусоид мусоидат намоянд. Таҷриба нишон медиҳад, ки барномаҳои омӯзишии равонӣ, ки усулҳои фаъоли омӯзиш, аз қабили гурӯҳҳои муҳокимавӣ, бозиҳои нақшӣ ва омӯзиши худтанзимкуниро истифода мебаранд, дар баланд бардоштани устувории равонӣ ва малакаҳои иҷтимоии донишҷӯён самараноктар мебошанд.

Барои пешгирии мушкилоти равонӣ ва иҷтимоӣ, ташхиси дақиқи ҳолати равонии донишҷӯён дар марҳилаҳои аввали таҳсил муҳим аст. Методологияҳои стандартишудаи ташхисӣ, аз қабили саволномаҳо, мусоҳибаҳо ва санҷишҳои психологӣ, метавонанд дар муайян кардани донишҷӯёне, ки ба дастгирии иловагӣ ниёз доранд, кӯмак расонанд.

Дар ин бора В.И. Андреев таъкид менамояд дод, ки «хоҳиши донишҷӯён ба худтакмилдиҳӣ, худмуайянкунӣ ва худташкилкунӣ аз ҷузъҳои ҳавасмандкунанда ва эҳсосотӣ ташаккул мeёбад. Ҳавасмандӣ намудҳои муайяни рафторро ҳавасманд менамояд, дар ҳоле ки эҳсосот ба таҷрибаҳои субъективӣ мансубанд. Ҷузъи эҳсосотии хоҳиши худтакмилсозӣ, худмуайянкунӣ ва худташкилкунӣ аз қаноатмандӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти шахсии худ иборат аст. Некбинии иҷтимоӣ ҳамчун хусусияти муҳимтарини шахсияти донишҷӯён ва ҳомили фарҳанги

инноватсионӣ ба ҳисоб меравад ва бо ҳассосияти фарҳангӣ, таҳаммулпазирӣ, масъулият ва кушода будан ба инноватсияҳо алоқаманд аст» [7, с. 66].

Бо ин мақсад, мо пешниҳод кардем, ки ба саволи глобалӣ ҷавоб гирем: «Оё вазъияти корҳо дар сайёра, ба назари шумо дар 10 соли оянда беҳтар хоҳад шуд ё бадтар?» Мо натиҷаҳои зеринро ба даст овардем: бад хоҳад шуд – 45%, беҳтар хоҳад шуд – 55%. Оид ба ҳаёти шахсӣ бошад, 85% онҳо боварӣ доранд, ки ҳаёташон беҳтар хоҳад шуд, 11% – намедонанд ва 3% – бадтар хоҳад шуд.

Муқоисаи «глобалӣ»-и дур ва «шахсиятӣ»-и наздик аз он гувоҳӣ медиҳад, ки посухдиҳандагон бештар ба дастовардҳои шахсиятӣ самтгирӣ менамоянд. Ноумедӣ азояндаи сайёра бо хушбинӣ дар бораи талафоти ҳаёти шахсӣ омезиш меёбад, ки дар шароити рушди ҷаҳон тарҳрезии роҳи шахсии худро душвор менамояд.

Бо дарназардошти он, ки замони муосир бештар бо низоъҳо, адоват, террор, ғайритаҳаммулпазирӣ, муқовимат дар сатҳҳои гуногун пур аст, мо масъалаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, рушди тамоми хусусиятҳои он: ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулиятро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар шароити лоиҳасозии мувофиқи муҳити муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва фарҳанги муштараки он ба миён мегузорем. Инро далелҳои дар боло овардашуда, ки дар марҳилаи муқарраркунандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ба даст омада буду шахсияти донишҷӯёни муосирро тавсиф мекунанд, бовар мекунонанд.

Дар асоси таҳлили пурсиши донишҷӯён маълум гардид, ки аксарият (66%) истилоҳи «Фарҳанги инноватсионӣ»-ро истифода мебаранд, дар ҳоле ки истилоҳоти «Ҳомили фарҳанги инноватсионӣ» (15%), «Шахсияти барандагони фарҳанги инноватсионӣ» (10%) ва «Хислатҳои шахсияти барандагони фарҳанги инноватсионӣ» (9%) камтар маъмул мебошанд. Қариб сеяки донишҷӯён (24%) ин мафҳумҳоро истифода мебаранд, дар

ҳоле ки боқимонда (71%) то радди қатъӣ («Ман ҳангоми пешравӣ арзиш ва анъанаҳои пешинро нигоҳ медорам» (5%)) истифода намебаранд. Дар муайян кардани хислатҳои шахсияти ҳомили фарҳанги инноватсионӣ ихтилофи назарҳо вуҷуд дорад: аз мутобиқшавӣ ва кушода будан то рафтори ғаразнок. Донишҷӯён барандагони фарҳанги инноватсионӣ буда, воситаҳои онро ихтиёран ба даст меоранд, вале дар ошкор ва муайян кардани хислатҳои шахсияти барандагони фарҳанги инноватсионӣ душворӣ мекашанд ва дар ин падида таҷрибаи ҳаётии худро камтар истифода мебаранд. Аз ин рӯ, моделсозии раванди мазкур дар муассисаи таҳсилоти олӣ барои рушди бомуваффақияти шахсияти донишҷӯён зарур аст.

Бо вуҷуди ин, ҳангоми гуфтугӯ бо донишҷӯён маълум гардид, ки инноватсияҳо дар фарҳанг бо истифодаи технологияҳои иртиботӣ-иттилоотӣ алоқамандманд, сарчашмаи дастраси маърифат ва ба даст овардани донишҳо гуногун мебошанд, дорои нерӯи бесобиқа барои таҳсил ва кори бомуваффақият, барои муошират байнишахсиятӣ ва барои шуғли дӯстдошта доранд. Донишҷӯён инчунин оқибатҳои манфии инноватсияҳои марбут ба истифодаи Интернет, гаҷетҳо аз мавқеъҳои физиологӣ, психологӣ ва иҷтимоиро қайд карданд. Имконияти тамаркуз ба муколама бо донишҷӯён моро бо масъалаи шахсият рӯ ба рӯ гардонид, ки инноватсияро истифода мебарад, аммо ин ба таври стихиявӣ аст. Муҳим далели зикри технологияҳои инноватсионии дидактикӣ гардид, гарчанде дар суҳбат, ҳангоми ба онҳо хотиррасон кардани ин онҳо бо он розӣ мешуданд, ки баъзе омӯзгорон онҳоро дар лексияҳо ва семинарҳо, дар кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ бо донишҷӯён истифода мебаранд.

Лозим ба тазаккур аст, ки тарси аз даст додани наздикон бузург буда, нерӯи шахсро маҳдуд мекунад. Ин масъала дар ҷавобҳои донишҷӯён аён гардид. Дар иншои донишҷӯён бо методикаи «8 усули худмубрамсозии шахсият», посухдиҳандагон аз даст додани наздиконро номбар карданд. Ҷавобҳои дигар муҳаббатро ифода карданд. Инчунин дар байни ҷавобҳо супоридани имтиҳоноти ягонаи давлатӣ, дохилшавӣ ба муассисаи

таҳсилоти олии касбӣ ва ғайра низ ишора шуданд. Ҳамзамон, дар мавриди дигар қисми зиёди посухдиҳандагон изҳор карданд, ки ба худ гӯш карда, аломатҳои дохилиро ба инобат мегиранд. Мекунанд. Қисми ками донишҷӯён гуфтанд, ки баъзан ба худ гӯш мекунанд, як қисми ками донишҷӯён ҷавоби манфӣ доданд ва баъзеҳо дар ҷавоб додан душворӣ кашиданд. «Эҳсосоти равшан» ва хотираи дӯстдоштаи айёми кӯдакӣ нишон доданд, ки рушди эҳсосотии донишҷӯён як ҷузъи муҳимми мубрамсозии шахсияти барандагони фарҳанги инноватсионӣ мебошад.

Натиҷаҳои пурсиши донишҷӯён нишон доданд, ки эҳсоси равшантарин «ноил шудан ба мақсади гузошташуда», «рукнҳои зиндагӣ тағйир ёфтанд», «муҳаббат» мебошад. Дар баробари ин, 80% посухдиҳандагон гуфтанд, ки ба худ гӯш карда, аломатҳои ботинии худро гӯш карда метавонанд, 22% баъзан инро мекунанд. Муқоисаи натиҷаҳо аз рӯйи принсипи синну солӣ имкон медиҳад, ки дар бораи зарурати рушди хислатҳои шахсияти ҳамаи донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ҳарф занем: ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулият.

Таҳлили нишон медиҳад, ки тарси аз даст додани наздикон барои донишҷӯён мубрамтарин масъала аст. Дар маҷмӯъ посухдиҳандагон ба аломатҳои дохилии худ гӯш медиҳанд. Натиҷаҳои пурсиш инчунин нишон доданд, ки «Ноил шудан ба мақсади гузошташуда» эҳсоси равшантарин барои донишҷӯён аст. Инчунин қисми бештари иштирокчиён қодиранд ба худ гӯш диҳанд. Дар маҷмӯъ, зарурати рушди хислатҳои шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ таъкид шудааст.

Таҳқиқот нишон дод, ки хоҳиши донишҷӯён ба худтакмилдиҳӣ, худмуайянкунӣ ва худташкилкунӣ аз ҳавасмандӣ ва эҳсосот иборат аст. Ҳавасмандӣ рафторро бармеангезад ва бо ирода алоқаманд аст, дар ҳоле ки эҳсосот ба таҷрибаҳои субъективӣ вобаста аст. Ҷузъи эҳсосӣ аз қаноатмандӣ аз натиҷаҳои фаъолияти шахсӣ иборат аст, аммо танҳо қисми ками донишҷӯён ноил шудан ба мақсадҳоро ҳамчун таҷрибаи

равшантарин қайд карданд.

Ин номувофиқатии назаррас нишон медиҳад, ки дар байни ҳавасмандии донишҷӯён ба худтакмилдиҳӣ ва таҷрибаи воқеии онҳо дар раванди таҳсил фарқият вуҷуд дорад. Гарчанде ки ҳавасмандӣ ва эҳсосот ҳамчун омилҳои калидии худмуайянкунӣ ва худташкилкунӣ эътироф шудаанд, натиҷаҳои тадқиқот собит месозанд, ки қонеъ гардидан аз дастовардҳои шахсӣ на ҳамеша як таҷрибаи равшан ва муҳим барои донишҷӯён аст. Ин метавонад ба сабаби фишори баланди рақобат, мушкилоти иқтисодӣ, ё нокифоя будани дастгирии институтсионалӣ бошад.

Муносибати байни ҳавасмандӣ, эҳсосот ва дастовардҳо хеле мураккаб аст ва аз бисёр ҷиҳатҳо вобаста аст. Барои баланд бардоштани сатҳи қаноатмандии донишҷӯён аз дастовардҳо, муҳим аст, ки муҳити таҳсилии мусоид фароҳам оварда шавад, ки дар он донишҷӯён эҳсоси дастгирӣ, арзишмандӣ ва қадршиносӣ дошта бошанд. Инчунин, таъмини имкониятҳои бештар барои рушди шахсӣ, аз қабили тренингҳо, семинарҳо ва барномаҳои менторӣ, метавонад ба донишҷӯён дар ноил шудан ба мақсадҳо ва баланд бардоштани эҳсоси қаноатмандии онҳо кумак кунад.

Азбаски мо хушбинии иҷтимоиро ба хусусияти муҳимтарини шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мансуб медонем ва онро ба хосиятҳои ба монанди ҳассосияти фарҳангӣ, таҳаммулпазирӣ, масъулият, кушода будан ба инноватсияҳо рабт медиҳем, мо кӯшиш намудем фаҳмем, ки нуқтаҳои назари донишҷӯён дар маҷмӯъ чӣ қадар хушбин мебошанд. Бо ин мақсад, мо пешниҳод кардем, ки ба саволи глобалӣ ҷавоб диҳанд: «Оё вазъияти корҳо дар сайёра, ба назари Шумо, дар 10 соли оянда беҳтар хоҳад шуд ё бадтар?» Мо натиҷаҳои зеринро ба даст овардем: бад хоҳад шуд – 32%, беҳтар хоҳад шуд – 68%. Оид ба ҳаёти шахсиии худ 86% боварӣ доранд, ки ҳаёташон беҳтар хоҳад шуд, 12% – намедонанд ва 2% боварӣ доранд, ки бадтар хоҳад шуд.

Муқоисаи «глобалӣ» ва «шахсиятӣ»-и дур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки посухдиҳандагон ба дастовардҳои шахсиятӣ бештар самтгирӣ менамоянд. Ноумедӣ азояндаи сайёра бо хушбинӣ дар бораи талафоти ҳаёти шахсӣ омезиш меёбад, ки дар заминаи рушди ҷаҳон раванди амсиласозии рушдишахсиро душвор менамояд.

Бо дарназардошти он, ки замони муосир бештар бо низоъҳо, адоват, ифротгароӣ, ғайритаҳаммулпазирӣ, муқовимат дар сатҳҳои гуногун пур аст, мо масъалаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯ ёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, рушди тамоми хислатҳои он: ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазирӣ, рефлексивӣ будан, худмубрамсозӣ, масъулият дар соҳаи таҳсилоти олиро дар шароити тарҳрезии дахлдори муҳити муассисаи таҳсилоти олӣ, фарҳанги корпоративии он қарор медиҳем. Ин ба далелҳои дар боло овардашуда, ки дар марҳилаи муқарраркунандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, ки шахсияти донишҷӯёни муосирро тавсиф мекунанд, бовар мекунонанд.

Тадқиқот нишон дод, ки 57%-и донишҷӯён мафҳуми «Фарҳанги инноватсионӣ»-ро истифода мебаранд, дар ҳоле ки мафҳумҳои дигар, аз қабили «Барандагони фарҳанги инноватсионӣ» (35%) ва «Хислатҳои шахсиятии барандагони фарҳанги инноватсионӣ» (25%) камтар истифода мешаванд. 40%-и донишҷӯён ин мафҳумҳоро хеле кам истифода мебаранд. Донишҷӯён дар фарқгузорӣ ва муайян кардани хислатҳои шахсиятии ҳомили фарҳанги инноватсионӣ душворӣ мекашанд. Аз ин рӯ, мо ба хулосае омадем, ки донишҷӯён барандагони фарҳанги инноватсионӣ мебошанд, аммо ин раванд тасодуфӣ аст ва онҳо дар ошкор ва муайян кардани хислатҳои шахсиятии барандагони фарҳанги инноватсионӣ душворӣ мекашанд.

Бо дарназардошти ин вазъ, зарурати таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ ва омӯзишӣ, ки ба ташаккули фаҳмиши амиқи консепсияи «арҳанги инноватсионӣ» ва тавсифи дақиқи «Ислатҳои шахсиятии барандагони фарҳанги инноватсионӣ» нигаронида шудаанд, ба миён

омад. Чунин барномаҳо бояд ба таъмини донишҷӯён бо асбобҳои зарурӣ барои таҳлил ва баҳодиҳии ин падидаҳо, инчунин ба рушди малакаҳои худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ, ки барои ташаккули шахсияти инноватсионӣ муҳиманд, мусоидат намоянд.

Бо вуҷуди ин, ҳангоми гуфтугӯ бо донишҷӯён маълум гардид, ки инноватсияҳо дар фарҳанг бо истифодаи технологияҳои иртиботӣ-иттилоотӣ алоқамандан (100%), сарчашмаи дастраси маърифат ва ба даст овардани донишҳо гуногун мебошанд (96%), дорои нерӯи бесобиқа барои таҳсил ва кори бомуваффақият (92%), барои муоширати байнишахсиятӣ (87%), барои шуғли дӯстдошта (83%) ва ғайра мебошанд. Донишҷӯён инчунин оқибатҳои манфии инноватсияҳои марбут ба истифодаи Интернет, гаҷетҳо аз мавқеи физиологӣ, психологӣ ва иҷтимоиро қайд карданд. Имконияти таваҷҷух ба муколама бо донишҷӯён дар ихтилофи мазкур таваҷҷуҳи моро масъалаи шахсият ҷалб кард, ки аз инноватсияҳо истифода мебарад, аммо инро ба таври тавакалӣ мекунад. Иттилооти муҳим дар он аст, ки аксарияти кулли донишҷӯён (87%) дар бораи технологияҳои нави таълимӣ маълумот доданд, гарчанде ки дар муколама, вақте ки ба ин мавзӯъ ишора карда шуд, онҳо қайд намуданд, ки баъзе аз омӯзгорон ин технологияҳоро дар дарсҳои лексионӣ ва амалӣ, дар фаъолияти мустақилона ва дастаҷамъонаи донишҷӯён истифода мебаранд.

Ҳамин тавр, дар марҳилаи муқарраркунанда масъала дар бораи амсиласозии раванди мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, дар бораи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди хислатҳои шахсиятии барандагони фарҳанги инноватсионӣ ба миён омад, кидар бораи дастовардҳо, масалан, се сатҳҳои паст, миёна ва баланд, аз ин рӯ , таҳияи абзорҳо барои чен кардани сатҳҳои дахлдори дастовардҳои донишҷӯён шаҳодат медиҳанд, ки донишҷӯён барои худбаҳодиҳӣ ва омӯзгорон барои арзёбии дастовардҳои донишҷӯён истифода баранд (миқёсимеъёрӣ – сатҳӣ) истифода бурда метавонанд.

Дар асоси тахминҳои пешакӣ, мо ба хулосае омадем, ки аксари донишҷӯён бидуни роҳандозии консепсияи фасилитатсияи педагогӣ ва модели мувофиқ дар сатҳи заиф қарор доранд; шумораи хеле кам ба сатҳи миёна мерасанд ва ба сатҳи олии ташаккули шахсият ҳамчун интиқолдиҳандаи фарҳанги инноватсионӣ ноил намешаванд.

Хулосаҳои марҳилаи муайянкунанда фарзияи моро тасдиқ намуданд, ки донишҷӯён ба ҳайси интиқолдиҳандагони фарҳанги инноватсионӣ баромад мекунанд, вале ин ҳолат ба таври стихиявӣ ба амал меояд. Бисёр хислатҳои зикршуда дарк нашуда, маҷмӯи пурраи хусусиятҳо, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо инъикос намеёбанд. Аз ин рӯ, татбиқи консепсияи идораи педагогии донишҷӯён ва модели ташаккули шахсияти донишҷӯён дар ин замина, ҳамчун интиқолдиҳандагони фарҳанги инноватсионӣ, амри зарурӣ мебошад.

## 3.2. Марҳилаи ташаккулдиҳандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ

Марҳилаи ташаккулдиҳандаи таҷрибаи озмоишӣ ҳамчун қадами амалӣ дар татбиқи консепсияи роҳбарии педагогӣ муайян гардида, ҳадафи он санҷиши модели сохтории мубрамсозии шахсияти донишҷӯён дар қолиби интиқолдиҳандагони фарҳанги навоварӣ буд.

Ҳалли вазифаҳои санҷиши амсилаи сохтории мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар интихоби 145 посухдиҳандагон (145 нафар)-и донишҷӯён, инчунин 44 нафар омӯзорон татбиқ карда шуд. Ақидаи омӯзгорон мавриди таваҷҷуҳи мо қарор дошт, зеро маҳз омӯзгорон субъектҳои идоракунии педагогии донишҷӯён дар раванди таҳсилот маҳсуб ёфта, байни омӯзгорон ва донишҷӯён муносибатҳои субъект – субъектӣ ташаккул меёбанд. Барои тасдиқи фарзия ва ноил гардидан ба мақсади гузошташуда мо тағйирот ворид карда, методикаҳои гуногунро истифода бурдем. Методикаҳо ба омода ва истифода бурдани Фонди технологияҳои инноватсионии педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ислоҳот даровардан ба

курсҳои лексионию машғулиятҳои амалӣ, истифодаи ҷадвалҳои муваффақият, низоми холӣ – рейтингии баҳогузории донишҷӯён, худбаҳодиҳӣ ва ғайра дахл доштанд.

Хислатҳои шахсиятии донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ бо истифода аз миқёси меъёрӣ – сатҳӣ, яъне ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулият, мавриди таҳқиқ қарор дода, мо муайян кардани далелҳое, ки ба таври муносиб шахсияти донишҷӯ ёнро тавсиф мекунанд, зарур шумурдем. Тавассути истифодаи маҷмӯии методҳои психологӣ – ташхисӣ ва методикаҳои якдигарро пурракунанда мо кӯшиш намудем, ки шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мубрам созем. Дари ин бора мо нуқтаи назари О.Н. Любинро ҷонибдорӣ менамоем, ки менависад: «Усули тавсифи шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ба вокуниши онҳо дар вазъияти мунокишавӣ асос ёфта, ба рушди ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсия, масъулият ва таҳаммулпазирӣ мусоидат мекунад. Ин усул нуқтаи назари шахсро дар вазъияти мунокишавӣ бо ду омил муайян мекунад: дараҷаи муҳимияти натиҷа ва зарурати нигоҳ доштани муносибатҳо. Стратегияҳои рафтор дар низоъ, ки сатҳи исроркорӣ ва ғамхорӣ нисбат ба муносибатҳоро инъикос мекунанд, инҳоянд: ифоқа, созиш, зиддият, рақобат, мутобиқшавӣ ва ҳамкорӣ. Истифодаи усули мазкур барои тавсифи шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои рафтории онҳо дар ҳолатҳои мунокишавӣ, ки нишондиҳандаи муҳими омодагии онҳо ба қабули инноватсияҳо ва мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда мебошанд, арзёбӣ карда шавад. Рафтори мунокишавӣ на танҳо ҳамчун вокуниши ситуатсионӣ, балки ҳамчун ифодаи арзишҳо, эътиқодҳо ва хусусиятҳои шахсии донишҷӯён баррасӣ мешавад, ки онҳоро дар раванди эҷоди инноватсия ва татбиқи онҳо муҳим мегардонад» [144, с. 87].

Рушди ҳассосияти фарҳангӣ дар донишҷӯён, ки яке аз ҳадафҳои

асосии тавсифи шахсияти онҳо ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мебошад, имкон медиҳад, ки хусусиятҳои фарҳангии гуногуни рафтор дар ҳолатҳои низоъ ба назар гирифта шаванд. Таҳаммулпазирӣ, ҳамчун ҷузъи муҳими фарҳанги инноватсионӣ, ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки ба ақидаҳои гуногун эҳтиром гузоранд ва барои ҳалли муштараки мушкилот омода бошанд.

Дар вавзъияти рушди фарҳанги инноватсионӣ, масъулият на танҳо ҳамчун уҳдадорӣ ба иҷрои вазифаҳо, балки ҳамчун омодагӣ ба қабули қарорҳои мустақил ва оқибатҳои онҳо баррасӣ мешавад. Донишҷӯёне, ки дорои ҳисси баланди масъулият мебошанд, одатан, дар ҳолатҳои мунокишавӣ мавқеи фаъолро ишғол мекунанд ва барои ҳалли мушкилот ва ноил шудан ба натиҷаҳои мусбат талош мекунанд. Ҳамин тариқ, истифодаи усули тавсифи шахсияти донишҷӯён дар асоси вокуниши онҳо дар вазъияти мунокишавӣ метавонад барои арзёбии имконияти инноватсионии онҳо муфид бошад.

Ҷадвали 1. Натиҷаҳои санҷиши «Омӯзиши хусусиятҳои вокуниш дар вазъияти мунокишавӣ» (бо фоиз)

| Гурӯҳ/услуби рафтор дар вазъияти мунокишавӣ | Дар гурӯҳи назоратӣ | | Дар гурӯҳи озмоишӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Писарон | Духтарон | Писарон | Духтарон |
| Ифоқа | 11 | 14 | 7 | 11 |
| Созиш | 33 | 58 | 46 | 70 |
| Муқовимат | 11 | 6 | 10 | 4 |
| Рақобат | 17 | 8 | 7 | 4 |
| Мутобиқшавӣ | 17 | 8 | 20 | 7 |
| Ҳамкорӣ | 11 | 6 | 10 | 4 |

Пас аз муайян кардани услуби афзалиятноки рафтори донишҷӯён дар шароити мунокиша, мо фаҳмидани мавқеъгирии донишҷӯёнро ба рафтори собитсозанда, боварибахш зарур донистем. Методикаи пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки сатҳи инкишофи чунин сифатҳои шахсиятидонишҷӯён, барандагони фарҳанги инноватсионӣ, ба мисли

боварибахшӣ, худмубрамсозӣ, масъулиятшинос будан муайян карда шавад.

Аз ҷониби мо пурсишномаи «Рафтори боварибахш» истифода бурда шуд, ки дар ду шакл дар асоси 10 қоидаҳои рафтори боварибахш, ки аз ҷониби Ҷ. Мануэл Смит [194] коркард шудааст, таҳия гардид. Бо вуҷуди ин, муносибати муаллифии мо аз он иборат буд, ки ба донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ пурсишнома бо саволҳои асосӣ – тасдиқҳо пешниҳод гардида, дар гурӯҳи озмоишӣ пурсишнома ба таври иловагӣ боварикунонии мушаххасро дар бар мегирифт.

Тавре ки дар боло қайд карда шуд, дар таҳқиқи масъалаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ба даст овардани малакаҳои рафтори боварибахш дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муҳим аст, зеро баъзе ҷанбаҳои нобоварибахшии шахсро дар самти ба даст овардани хосиятҳои боварибахшӣ бо ду сабаб: якум, ташаккули усулҳои арзандаи худмубрамсозӣ ва худтанқидкунӣ дар раванди таҳсил ва дар зиндагӣ ҳамчун ҳомили фарҳанги инновватсионӣ бо тасаввrот дар бораи озодӣ ва шаъну шарафи шахсият дар ҷомеаи демократӣ; дуюм, имконияти психологӣ-педагогӣ ва дидактикӣ барои аз байн бурдани хислатҳои бадқасдона ва харобкунандаи шахсияти донишҷӯён дар раванди таҳсил ва дар ҷомеа ислоҳ кардан мумкин аст.

Пурсиш дар гурӯҳи озмоишӣ (68 нафар донишҷӯён ва дар гурӯҳи назоратӣ (ҳамагӣ – 67 нафар донишҷӯёни факултети Фарҳанг ва педагогика) гузаронида шуд. Маълум шуд, ки дар гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ рафтори боварибахш баландтар аст:

Ҳуқуқи баҳодиҳии рафтори худ: писарон (100% гурӯҳи озмоишӣ ва 78% гурӯҳи назоратӣ), духтарон (97% гурӯҳи озмоишӣ, гурӯҳи назоратӣ 79%).

Ҳуқуқи хато кардан ва ҷавобгарӣ: писарон (87% гурӯҳи озмоишӣ, 87% гурӯҳи назоратӣ), духтарон (91% гурӯҳи озмоишӣ, 85% гурӯҳи назоратӣ).

Ҳуқуқи тағйири ақида: писарон (71% гурӯҳи озмоишӣ, 62% гурӯҳи назоратӣ), духтарон (87% гурӯҳи озмоишӣ, 69% гурӯҳи назоратӣ).

Гурӯҳи озмоишӣ нишондиҳандаҳои баланди боварибахширо нишон дод. Донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ бо изҳороти «Ман ҳақ дорам» розӣ нестанд, дар ҳоле ки донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ оид ба ҳуқуқҳои дигарон фикр мекунанд.

Ҳадафи пурсиш муайян кардани сатҳи рафтори боварибахш дар байни донишҷӯён буд.

*Натиҷаҳои асосӣ:*

*Ҳуқуқи баҳодиҳии рафтори худ:* Дар ҳарду ҷинс, донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ сатҳи баланди розигиро бо ин изҳорот нишон доданд. Ин нишон медиҳад, ки гурӯҳи озмоишӣ дар худбаҳодиҳӣ бештар боваринок аст.

*Ҳуқуқи хато кардан ва ҷавобгарӣ:* Гарчанде ки фарқият дар ин ҷо камтар назаррас аст, аммо донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ дар ҳарду ҷинс нисбат ба гурӯҳи назоратӣ каме бештар розӣ ҳастанд. Ин метавонад нишон диҳад, ки онҳо нисбат ба хатогиҳо ва ҷавобгарӣ барои онҳо омодагии бештар доранд.

*Ҳуқуқи тағйири ақида:* Дар ин ҷо фарқият ба таври назаррас намоён аст, хусусан дар байни духтарон. Донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ ба таври назаррас бештар ба ин ҳуқуқ боварӣ доранд. Ин метавонад нишон диҳад, ки донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ дар тағйир додани ақидаҳои худ, ҳангоми дучор шудан бо далелҳои нав, кушодатар мебошанд.

*Хулоса:*

*Сатҳи баланди боварибахш дар гурӯҳи озмоишӣ:* Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки гурӯҳи озмоишӣ дар маҷмӯъ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ сатҳи баланди рафтори боварибахшро нишон медиҳад.

*Таваҷҷӯҳ ба ҳуқуқҳои дигарон:* Азбаски донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ бо изҳороти «Ман ҳақ дорам» розӣ нестанд, дар ҳоле ки донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ оид ба ҳуқуқҳои дигарон фикр мекунанд, ин метавонад

нишон диҳад, ки гурӯҳи озмоишӣ ба ҳуқуқҳои дигарон бештар эҳтиром мегузорад ва дарк мекунад.

*Муҳим будани тағйири ақида:* Фарқияти назаррас дар розигӣ бо ҳуқуқи тағйири ақида метавонад нишон диҳад, ки гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ ба фикррони интиқодӣ ва қабули ақидаҳои нав омодатар аст.

Тавре ки аз таҳлилҳо бармеояд, дар гурӯҳи озмоишӣ оид ба чӣ гуна дуруст рафтор кардан шубҳа пайдо шуд, зеро ба ҳар як савол донишҷӯён ба шакли боварикунонии зери шубҳа қарордошта иловаҳо дохил карданд. Мо дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тахмин карда будем, ки дар гурӯҳи озмоишӣ пурсишномае, ки ба изҳорот дар бораи мавҷудияти боварикунониҳои ноустувор илова ворид карда шуда буданд, дар донишҷӯён шубҳа эҷод мекунанд ва ҳама маҷбур мешаванд, ки ба ин ё он савол ҷавоб диҳанд, ки оё ӯ қарори дуруст қабул мекунад, оё ҳуқуқҳои ӯ бо ҳуқуқҳои одамони дигар бархӯрд намекунанд, фикр кунанд. Бояд тазаккур дод, ки саволҳои гузоштаи мо донишҷӯёнро ба ин масъала мӯътақид месохт.

Бояд зикр намуд, ки мо масъалаи рафтори боварибахшро дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ пайваста пайгирӣ менамудем ва ин имкон медод, ки маълумоти аниқро дар ин бора ба даст орем. Тавре ки мо дар рафти тапҳқиқот мушоҳида ҳеҷ гуна ҷавобҳо дар бораи боварикунониҳои шубанок ба мушоҳида намерасид. Дар ин ҷо аз ҷониби донишҷӯён, вокуниш мушоҳида карда шуд, яъне қарор бе дудилагӣ қабул карда мешуд. Воқеан, ҳамин тавр ҳам шуд, яъне фарзияи пешбиникардаи мо дар ин манзара тасдиқ шуд, яъне истифодаи методоҳои истифодашуда ҳангоми корҳои озмоишӣ ба ин моро муътақид сохт. Натиҷаҳои пурсиши донишҷӯён дар ҷадвалҳои 9, 10 оварда шудаанд.

Ҷадвали 2. Натиҷаҳои пурсиши «Рафтори боварибахш» дар гурӯҳи озмоишии донишҷӯё бо фоиз оварда мешавад.

| № | Саволҳо | Комилан розӣ ҳастам | | Қисман розӣ ҳастам | | Рад мекунам | | Варианти худ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Писарон | Духтарон | Писарон | Духтарон | Писарон | Духтарон | Писарон | Духтарон |
| 1. | Ман ҳуқуқ дорам рафтори худ, фикрҳо ва эҳсосоти худро баҳогузорӣ кунам ва барои оқибатҳои онҳо ҷавоб гӯ ям. Боваркунонии шубанок: ман набояд бе мақсад ва новобаста аз дигарон худам ва рафтори худро баҳо диҳам. Дар асл, дар ҳама ҳолатҳо шахсияти маро на худам, балки ягон нафари хирадмандтар ва соҳибэътибортар бояд баҳогузорӣ карда, муҳокима намояд. | 70 | 78 | 21 | 18 | 0 | 4 | 0 | 0 |
| 2. | Ман, ҳақ дорам, ки бахшиш напурсам ва рафтори худро шарҳ надиҳам. Боваркунони шубҳанок: ман барои рафтори худ дар назди одамони дигар ҷавоб мегӯям, хуб аст, ки ман ба онҳо ҳисобот диҳам ва ҳар коре, ки ман мекунам, ба онҳо фаҳмонида, барои кирдорҳои | 25 | 14 | 54 | 50 | 21 | 25 | 0 | 0 |
| 3. | Ман, ҳақ дорам, ки ақидаи худро тағйир диҳам. Боваркунонии шубанок: дар ҳолате, ки агар ман ягон нуқтаи назарро аллакай баён карда бошам, ман ҳеҷ гоҳ набояд онро тағйир диҳам. Ман мебояд бахшиш мепурсидам ё иқрор мешудам, ки хато карда будаам. Ин чунин маъно хоҳад медошт, ки ман салоҳиятдор нестам ва қобилияти ҳал карданро надорам. | 63 | 68 | 35 | 25 | 0 | 7 | 0 | 0 |

Давоми ҷадвали 2.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4. | Ман, ҳақ дорам, мустақилона мулоҳиза ронам, ки оё анбарои ҳаллу фасли мушкилоти одамони дигар умуман ҷавоб мегӯ ям ё то кадом дараҷа ҷавоб мегӯям. Боваркунонии шубанок: ман нисбат ба худам, нисбати баъзе муассисаҳо ва одамон уҳдадориҳои бештар дорам. Хуб аст, ки шаъну шарафи худро фидо кунам ва худро ба шароит мутобиқ созам. | 37 | 30 | 46 | 59 | 17 | 11 | 0 | 0 |
| 5. | Ман, ҳақ дорам хато кунам ва барои хатогиҳои худ ҷавобгар бошам. Боваркунонии шубҳанок: ман набояд хато кунам ва агар ягон хато кунам, ман бояд худро | 88 | 84 | 8 | 14 | 4 | 2 | 0 | 0 |
| 6. | Ман, ҳақ дорам гӯям, ки ман намедонам. Боваркунонии шубанок: матлуб аст, то ки ман ба ҳар гуна савол ҷавоб дода тавонам. | 71 | 71 | 29 | 25 | 0 | 4 | 0 | 0 |
| 7. | Ман, ҳақ дорам, ки аз хайрхоҳии дигарон ва муносибати хуби онҳо мустақил бошам. | 59 | 37 | 37 | 45 | 4 | 18 | 0 | 0 |
| 8. | Боваркунонии шубҳанок: маъқул аст, то ки одамон ба ман хуб муносибат кунанд, то ки манро дӯст доранд, ман ба онҳо ниёз дорам. Ман, ҳуқуқ дорам қарорҳои ғайримантиқӣ қабул кунам. | 46 | 16 | 34 | 52 | 12 | 32 | 8 | 0 |
| 9. | Боваркунонии харобкунанда: матлуб аст, то ки ман мантиқ, ақл, оқилона будан ва асоснокии ҳамаи чизҳоеро, ки ман содир мекунам, риоя кунам. лаззат мебахшад, ки ман ҳама корҳоямро мантиқ, тафаккур, такмил ва асоснок созам. Танҳо он чизе, ки мантиқист, оқилон аст. | 40 | 15 | 32 | 42 | 12 | 30 | 8 | 0 |

Давоми чадвали 2.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 10. | Ман ҳақ дорам, ки бигӯям: «Ман туро намефаҳмам». Боваркунонии харобкунанда: Ман бояд ба талаботи дигарон бодиққат ва ҳассос бошам, ман бояд «фикрҳои онҳоро хонам». Дар ҳолате, ки ман инро намекунам, ман ҷоҳили бераҳмам ва касе маро дӯст намедорад. | 84 | 73 | 12 | 23 | 4 | 4 | 0 | 0 |

Ҷадвали 3. Натиҷаҳои пурсиши «Рафтори боварибахш» дар гурӯҳи назоратӣ (ҳамагӣ 67 нафар донишҷӯён бо фоиз).

| № | Саволҳо | Комилан розӣ ҳастам | | Қисман розӣ ҳастам | | Рад мекунам | | Варианти худ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Писарон | Духтарон | Писарон | Духтарон | Писарон | Духтарон | Писарон | Духтарон |
| 1. | Ман, ҳақ дорам рафтору эҳсосоти худро баҳогузорӣ кунам ва барои оқибатҳои онҳо ҷавоб гӯям | 100 | 98 | 0 | 2 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 2. | Ман, ҳақ дорам бахшиш напурсам ва рафтори худро шарҳ надиҳам. | 6 | 10 | 65 | 64 | 29 | 22 | 0 | 0 |
| 3. | Ман, ҳақ дорам мустақилона мулоҳиза ронам. | 47 | 50 | 41 | 40 | 12 | 10 | 0 | 0 |
| 4. | Ман, ҳақ дорам ақидаи худро тағйир диҳам. | 70 | 86 | 30 | 14 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 5. | Ман, ҳақ дорам хато кунам ва барои хатогиҳои худ ҷавоб гӯям. | 88 | 90 | 12 | 10 | 0 | 0 | 0 | 0 |

Давоми ҷадвали 3.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 6. | Ман, ҳақ дорам бигӯям, ки ман намедонам. | 82 | 78 | 12 | 22 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 7. | Ман, ҳақ дорам аз муносибати хуби дигарон вобаста набошам. | 53 | 56 | 35 | 36 | 12 | 8 | 0 | 0 |
| 8. | Ман, ҳақ дорам, ки қарорҳои ғайри мантиқӣ қабул кунам. | 70 | 34 | 24 | 52 | 6 | 14 | 0 | 0 |
| 9. | Ман. ҳақ дорам бигӯям: «ман туро намефаҳмам». | 82 | 82 | 18 | 16 | 0 | 2 | 0 | 0 |
| 10. | Ман, ҳақ дорам бигӯям: «Ман, ба ин шавқ надорам». | 82 | 58 | 12 | 34 | 6 | 8 | 0 | 0 |

Натиҷаҳои бадастомада зарурати кори психологӣ-педагогӣ оид ба ташаккули малакаҳои рафтори боварибахши донишҷӯёнро нишон медиҳанд, ки дар ҳаёт, касб ва муҳити таълимӣ муҳим аст. Рафтори боварибахш қобили қабул буда, ба донишҷӯён дар муоширот кӯмак мерасонад ва идоракунии педагогӣ барои дарки арзиши он ва ба даст овардани хислатҳои шахсият мусоидат мекунад.

Инчунин, аз сабаби он ки баъзе донишҷӯён омӯзгорони оянда, роҳбарон, сарварони расмӣ мебошанд. Аз ин рӯ, мо ба муайян кардани сифатҳои афзалиятноки сарвар пурсишнома гузаронидем. Ин пурсиш дар мавзӯи: «Сарвар. Сифатҳои сарвар» буд. Ба донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ (73 нафар, факултети Химия ва биология, ихтисоси Химия-экология) ва назоратӣ (69 нафар, Химия-экология) пешниҳод карда шуд, ки ба саволҳои: роҳбар – сарвари муосир бояд дорои кадом сифатҳо бошад? Инчунин, ба донишҷӯён пешнҳод карда шуд, ки дар бораи роҳбарон – сарварони муосире, ки ба онҳо баробар шудан лозим бошад, мисолҳо оранд.

Мувофиқи натиҷаҳои пурсиш, сифатҳои муҳимтарини роҳбар – сарвар, ба ақидаи донишҷӯёни ҳам гурӯҳи озмоишӣ, ҳам гурӯҳи назоратӣ чунин сифатҳо ба монанди қобилиятҳои эмоционалӣ-психикӣ, зеҳн,

масъулият ва маҳорати роҳбарӣ мебошанд. Истифодаи методикаи мазкур ба ташаккули хислатҳои шахии донишҷӯён ҳачмун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ба монанди: боварибахшӣ, масъулият ва эҷодкорӣ мусоидат намуд.

Дар посух ба савол дар бораи сифатҳои роҳбарӣ, донишҷӯён қайд карданд, ки баъзе аз ин сифатҳоро доранд, вале баъзеи дигарро бояд такмил диҳанд. Онҳо масъулият, фаъолнокӣ, зеҳн, мақсаднокӣ, эҷдкорӣ ва саъй ба сӯи чизи навро ҳамчун хислатҳои худ зикр карданд. Ҳамзамон, хоҳиши рушди боварӣ ба худ, рафъи тарсу ҳарос дар назди гурӯҳ ва устувории хислатро изҳор доштанд. Ба саволи: кӣ барои пайравӣ ибрат мебошад, ҷавобҳои гуногун буданд: ҳам шахсиятҳои таърихӣ (Абӯалӣ ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Исмоили Сомонӣ, ва ғ.) ва қаҳрамонони халқи тоҷик (Темурмалик, Муқанна, Восеъ, Спитамен, Шерак ва ғ.) ба даст омадаанд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки бисёре аз донишҷӯён ба сифати роҳбарон – сарварон падар, бародар, холаашонро, ки дар шаҳру ноҳияҳо ба касби омӯзгорию дигар касбҳо машғуланд, ном бурданд. Натиҷаи пурсиш дар ҷадвал оварда шудаанд.

Ҷадвали 4. Пурсиши «Сарвар, сифатҳои сарвар»

| Гурӯҳ/сифатҳои сарвар ва мисол | Дар гурӯҳи озмоишӣ (35 нафар) | Дар гурӯҳи назоратӣ (69 нафар) |
|---|---|---|
| Сифатҳои роҳбар-сарвар (аз рӯйи басомади зикр) | Масъулият, мақсаднокӣ, васеъгии назарҳо, ақл, қобилияти роҳбарӣ, хирад, қобилияти корӣ, хушбаёнӣ, интизомнокӣ, ростқавлӣ, боазмӣ | Зеҳн, масъулият, дурандешӣ, боазмӣ, қобилияти таваккал, эҷодкорӣ, муоширатнокӣ, шӯҳратпарастӣ, қобилияти роҳбарӣ |
| Намунаи роҳбар-сарвар (аз рӯйи басомади зикр) | Исмоили Сомонӣ, Куруши, Кабир, Индира Ганди, И.В. Сталин, Теодор Рузвелт, Маргарет Тетчер, А.В. Суворов | Темурмалик, Муқанна, В. Путин, Наполеон, А.В. Суворов, И.В. Сталин. |

Азбаски дар фарҳанги муосир, аз ҷумла, фарҳанги идоракунӣ, аксар вақт ин ё он сарвар худро ҳамчун шахсияти забонӣ ба таври беҳтарин

нишон намедиҳад, аз ҷумла, носазогӯӣ мекунад, пас мо ин падидаи иҷтимоӣ ва шахсиятиро бо мафҳуми «шахсияти забонӣ» пайваст карда, бевосита ва бавосита барандагони фарҳанги инноватсиониро тавсиф мекунем, то он ҳадде, ки мо кӯшиш кардем диққати донишҷӯёнро ба ин масъала ҷалб намуда, муносибати онҳоро ошкор кунем. Зери носазогӯӣ – ман худро ҳавола медиҳам, ҳамла мекунам) истифодаи манъҳои нутқӣ, ифодаҳои дағалона, куфр, таҳқир ва сухани қабеҳро мефаҳманд.

Барои ошкор кардани муносибати донишҷӯён ба афзоиши нутқи таҳқиромез дар фарҳанги муосир (ВАО, кино, адабиёт, ҳаёти рӯзмарра), дар гурӯҳҳои озмоишии факултети Фарҳанг ва педагогика ҳамагӣ 58 нафар тести «Носазогӯӣ»-ро пешниҳод кардем. Натиҷаҳои коркарди тест дар шакли диаграмма пешниҳод карда шуда, ба таври муфассал таваққуф мекунем. Ба саволи «Чӣ қадар зуд – зуд ба Шумо имкон дода мешуд, ки бидуни ҷазо носазогӯӣ кунед?» донишҷӯён ҷавоб доданд: аксар вақт 14%; баъзан 43%; ҳеҷ гоҳ 43%, Дар ин бора маълумот дар диаграммаи зер оварда мешавад.




*Диаграммаи 11. Бидуни ҷазо носазоигӯӣ кардан*

Ба саволи «Чӣ қадар зуд – зуд Шумо шунидаед, ки модари шумо носазоӣ мекунад?», донишҷӯён ҷавоб доданд: аксар вақт – 18%; баъзан – 34%; ҳеҷ гоҳ – 48% (расми 12).




*Диаграммаи 12. Чӣ қадар зуд – зуд Шумо шунидаед, ки модари шумо носазоӣ мекунад?*

Ба саволи «Чӣ қадар зуд – зуд Шумо шунидаед, ки падари шумо носазогӯӣ мекунад?», донишҷӯён ҷавоб доданд: аксар вакт– 22%; баъзан – 47%; ҳеҷ гоҳ – 31% (расми 13).




*Диаграммаи 12. Эсоси донишҷӯён дар бораи носазоӣ кардани падарон*

Ба саволи «Чӣ қадар зуд – зуд Шумо носазогӯӣ мекунед?», донишҷӯён ҷавоб доданд :баъзан – 82%; ҳеҷ гоҳ – 18% (расми 15).

Дар асоси натиҷаҳои пурсиши мазкур ба хулоса омадем, ки ташаккули «шахсияти забонӣ» дар раванди мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ба яке аз

вазифаҳои мубрам мубаддал мегардад, зеро шумораи зиёди донишҷӯён (82% посухдиҳандагон) носазогӯӣ мекунанд (баъзан). Илова бар ин, 47%-и посухдиҳандагон нисбат ба забони номуайян бепарвоӣ зоҳир мекунанд, ки ин ҳолати ғайрифаъолро нишон медиҳад. Ин чунин маъно дорад, ки коллективи педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ба ташаккули пайгиронаи «шахсияти забонӣ»-и донишҷӯён ва омӯзгорон ҳамчун «шахсияти иртиботӣ», барандагони фарҳанги инноватсионӣ нигаронида шудааст. Онҳо бояд дорои интихоб кардан, қобилият ва омодаанд услуби иртиботӣ, маҷрои иртиботиро интихоб карда, монеаҳои иртиботӣ, аз ҷумла дар муошират шифоҳиро рафъ намоянд. Барои ин, мо кӯшиш намудем, ки низоми пешбари намояндагиро дар донишҷӯён муайян кунем, ба онҳо тарзи муайян кардани онро дар ҳамсӯҳбатон ҳангоми гуфтушунидҳо, вохӯриҳо омӯзонем, то ки дар раванди иртибот самаранок ба таври муштарак фаъолият баранд. Барои ин, технологияи иртибототи муассири барномасозии нейролингвистӣ (NLP) истифода шуд.

### 3.3. Марҳилаи ҷамъбастии таҳқиқоти озмоишӣ ва натиҷаҳои он

Давраи донишҷӯӣ ин давраи фаъоли ғанигардии бошууронаи таҷрибаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Ба таври мустақилона дар муошират ҳаррӯза дар ҷомеа донишҷӯён таҷрибаи мубрамсозии шахсияти худро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ тавассути арзёбии мавқеъҳои маънавии худ, хударзёбии рафтори худ, мушоҳидаҳо аз болои кирдорҳои атрофиён, ҷустуҷӯи қарорҳоро дар вазъиятҳои интихоби маънавӣ касб мекунанд. Дар асоси таҳлили психологию педагогӣ, ҷомеашиносию фарҳангӣ синну соли донишҷӯён муқаррар карда мешавад, ки замини бавуҷудоии ихтилофот, низоъҳои иҷтимоӣ дар марҳилаи фаъол зеҳният ва талаботи маънавии онҳо зоҳир мешаванд, ё ин ки нишондиҳандаҳо баста мешаванд.

Хусусиятҳои ишорашудаи синну соли навҷавонӣ донишҷӯёнро барои

омода будан ба худмубрасозии шахсият ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ водор месозанд, зеро хусусиятҳои асосии ҳадафманди ин синну сол худрушддиҳӣ ва худшиносӣ мебошанд, ки бо интихоби арзишҳо дар асоси дурнамоҳои инкишофи маънавии шахсият, самтнокии он бо такя ба маъниҳои ахлолоқие муайян мешаванд, ки ваҷҳҳо ва ҳадафаҳои фаъолияти аз ҷиҳати маънавӣ муҳимро ошкор месозанд.

Барои мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ давраи худмуайянкунии шахсият муҳим буда, бо таълим дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ марбут мебошад. Равшан аст, ки навҷавонӣ давраест, ки инсон ҳамчун шахсият ташаккул меёбад. Дар ин давраи ҳаёт хусусиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, қобилият ба ҳамдардӣ, ба ҳамкории фаъол бо одамони атроф, ба дилсӯзӣ, азхудкунии нақшҳо, меъёрҳо, қоидаҳои муайяншудаи рафтор дар ҷомеа рушд меёбад. Тағйироти зикршудаи сифатҳои шахсият аз андӯхтан, азхукунӣ ва афзудани маъноҳо ва маъниҳои аз ҷиҳати шахсиятӣ муҳимми таҷрибаи маънавӣ дар раванди фаъолияти ҳаётӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Тибқи омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ба имкониятҳои психологию педагогии ташаккулии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ зеринҳо мансубанд:

– дар сатҳи ҳавасмандӣ, мавҷудияти майлу рағбат ва шавқу ҳавасҳо, ваҷҳҳо ва хоҳишот, ки самтнокии шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ муайян месозанд;

– дар сатҳи сарвати маънавӣ, мавҷудияти донишҳо дар бораи арзишҳои фарҳанги маънавии ҷомеа;

дар сатҳи мавқеи фаъолонаи ҳаёт, қобилият ба худмуайянкунӣ, ки ба инкишофи маънавии шахсият мусоидат менамояд.

Тағйири мавқеи донишҷӯёни дирӯза дар ҳамкорӣ бо олами атроф, саъю талош барои мустақил будан аз он ва аз ин нуқтаи назар муқобилгузории имкониятҳо ва сифатҳои шахсиятии худ ба олам, ба ҷудо кардани донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ягонагии субъективӣ бо ҷомеаи атроф мусоидат менамояд.

Имрӯз ҷавонон бо таъсири бештар ба донишҳои маънавӣ, таваҷҷуҳ ба азхудкунии арзишҳои маънавӣ, яъне бо омодагӣ ба андӯхтани таҷрибаи инсонӣ ва дарки воқеаҳои дар олам дар намуди донишҳо, арзишҳо, маъниҳо ва вуҷуд доштани некӣ дар олами атрофи мо тафовут доранд.

Ислоҳоти морифи Тоҷикистон, ки бо тағйирот дар соҳаҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ марбут мебошад, дар муассисаҳои таҳсилоти олиии касбӣ талаботи ғайристандартиро ба шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мегузорад. Ба ҷомеаи муосир низ шахсияти худмубрамсозандаи аз ҷиҳати маънавӣ ғанӣ зарур аст, ки ба азхудкунӣ ва интиқоли фарҳанги инноватсионӣ дар ҷомеа қодир бошад.

Масъалаи ғанигардонии таҷрибаи такмилёбии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар ҳуҷҷатҳои асосии оид ба соҳаи маориф, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ», инъикос ёфтааст.

Дар ин ҳуҷҷатҳо таъкид шудааст, ки ба ҷомеа ташаккули шахсиятҳое зарур аст, ки дар худ муҳаббат ба ватан, ҳувияти умумимиллӣ ва этникӣ, эҳтиром ба фарҳанг, анъанаҳои дигар халқияту миллатҳоро, ки дар паҳлуи онҳо зиндагӣ мекунанд, омезиш диҳанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба сифати вазифаҳои афзалиятнок ҷорикунии сохтори муосири таҳсилот, ки ташаккули сармояи инсониро таъмин менамояд, вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир ташаккули ҳувияти миллӣ дар насли наврас, пешгирӣ аз экстремизми этникӣ ва динию сиёсӣ дар муҳити ҷавонон қайд карда шудааст.

Синну соли навҷавонӣ ба ғанигардонии таҷрибаи фарҳанги инноватсионӣ хос мебошад, ки ба давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ рост меояд. Пайдошавии қобилият ба худмуайянкунӣ, худтакмилдиҳӣ ва худрушддиҳӣ зимни мавҷуд набудани озодии ботинӣ дар муҳити иҷтимоӣ, саъю талоши шахсият, рушдёбии тафаккур ва хударзёбӣ, дарки чунин хислатҳо, ба мисли нотакрорӣ, самтгирӣ ба

тарҳрезии бошууронаи тай намудани роҳи ҳаёт ва зоҳиркунии самтҳои ҳаётии омодагии донишҷӯёни донишгоҳ ба ғанигардонии таҷрибаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар муҳити бисёрфарҳангии таҳсилотӣ мушкил мебошад.

Дар ин робита масъалаи ҷустуҷӯи воситаҳо, методҳо ва шаклҳои дастгирии педагогии раванди ғанигардонии таҷрибаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мубрам мегардад, ки ин имкон медиҳанд, то таъсироти манфии омилҳои муҳит ба ҳадди ақал расонида шаванд.

Дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ тақозо мекунад, ки донишҷӯён ҳамчун субъектҳои фаъоли фарҳангӣ, ки қодиранд арзишҳои фарҳангиро эҷод, интиқол ва тағйир диҳанд, эътироф шаванд. Ин падида омӯзгоронро вазифадор месозад, ки дар раванди таълим ва ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ на танҳо ба интиқоли дониш, балки ба инкишофи қобилияти донишҷӯён дар муайян кардани мавқеи шахсӣ дар муносибат бо фарҳанг, дарк ва қабули арзишҳои фарҳангии гуногун ва дар татбиқи амалии онҳо дар фаъолияти касбӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд.

Мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар асоси принсипи фарҳангмувофиқӣ бояд усулҳои фаъоли таълим, аз қабили омӯзиши лоиҳавӣ, муҳокимаҳои гурӯҳӣ, таҳлили ҳолатҳо ва моделиронӣ дар вазъиятҳои касбиро дар бар гирад. Ин усулҳо ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки дониш ва малакаҳои худро дар амал татбиқ намуда, таҷрибаи мустақили фаъолияти эҷодиро ба даст оранд. Бар илова, ба барномаҳои таълимӣ ворид намудани курсҳои интихобӣ оид ба фарҳангшиносӣ, сотсиологияи фарҳанг ва антропологияи фарҳангӣ барои тавсеаи ҷаҳонбинии фарҳангии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Аз ин лиҳоз бояд омӯзгорон ҷиҳати ба таври комил ба ин ҳадафҳо расидан, бояд ба омода намудани барномаҳои таълимии муосир, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ бошанд, диққати ҷиддӣ диҳанд. Ин

барномаҳо бояд ба рушди малакаҳои калидии донишҷӯён, аз қабили тафаккури интиқодӣ, ҳалли масъалаҳо, коммуникатсия ва кор дар гурӯҳ нигаронида шаванд. Бояд илова намуд, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо технологияҳои муосир таъмин карда шаванд ва омӯзгорон баҳри истифодаи самараноки ин технологияҳо дар раванди таълим омӯзонида шаванд.

Дар таҳқиқоти диссертатисонии мо, ки ба ошкор кардани омилҳои бартаридоштаи фарҳанги инноватсионӣ нигаронида шудааст, мо ба хусусиятҳои шахсиятии донишҷӯён, ки мустақиман ба ин фарҳанг таъсир мерасонанд, афзалият додем. Аз ҷумла, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ ва масъулиятшиносӣ ҳамчун хусусиятҳои калидии шахсият, ки барои рушди фарҳанги инноватсионӣ муҳиманд, муайян карда шуданд. Зеро мо бо назардошти он амал кардем, ки ошкор кардани омилҳои бартаридоштаи фарҳанги инноватсионӣ аз мавҷудияти хислатҳои шахсият вобаста аст.

Ҳамзамон, омӯзиш моро ба чунин хулоса овард, ки фарҳанг дар худ тартиби муҳофизати арзишҳо ва меъёрҳои асосиро дорад. Ин низом тавассути институтҳои иҷтимоӣ, аз қабили оила, мактаб ва дин амалӣ мешаванд. Онҳо насли навро бо арзишҳои фарҳангӣ ошно сохта, ба ин васила, ба идомаи он мусоидат мекунанд. Ин нуктаро олимони соҳаи педагогика ва психологӣ, аз қабили Л.С. Виготский ва Ж. Пиаже, низ таъкид кардаанд, ки ба нақши муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар рушди шахсият диққати махсус додаанд.

Дар таҳқиқот инчунин масъалаи тағйирёбии фарҳанг дар шароити ҷаҳонишавӣ баррасӣ гардид. Муайян шуд, ки ҷаҳонишавӣ, бо вуҷуди таъсири мусбат ба рушди иқтисодӣ ва мубодилаи фарҳангҳо, метавонад боиси хатарҳои марбут ба якхелашавии фарҳангӣ гардад. Барои пешгирии ин хатарҳо, зарурати ҳифзи мероси фарҳангӣ ва гуногунии фарҳангӣ таъкид гардид. Дар ин росто, корҳои ЮНЕСКО оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ ва дастгирии гуногунии фарҳангӣ (UNESCO, 2009) ҳамчун намунаи муҳим зикр карда шуданд.

Дар натиҷа, таҳқиқот ба хулосае овард, ки фарҳанг на танҳо як зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ аст, балки омили муҳими рушди ҷомеа, фарҳанг ва инсон мебошад. Ҳифз ва рушди фарҳанг, дар шароити ҷаҳонишавӣ, вазифаи муҳими ҳар як ҷомеа мебошад, зеро он ба таъмини идомаи таърихӣ ва худшиносии миллӣ мусоидат мекунад. Барои расидан ба ин ҳадаф, зарур аст, ки стратегияҳои мушаххаси сиёсати фарҳангӣ таҳия карда шаванд, ки дар асоси арзишҳои онтологӣ, гносеологӣ ва аксиологӣ бунёд ёфтаанд.

Таҳқиқот нишон дод, ки арзишҳои номутаносибӣ ва зиёдатӣ аз арзишҳои танқидӣ зиёд нестанд, ки аз тақсимоти мӯътадили нишондиҳандаҳо аз рӯйи миқёсҳои мавриди таваҷҷуҳи мо гувоҳӣ медиҳад. Ҳангоми муқоисаи тасаввуроти донишҷӯён бо арзишҳои стандартӣ ошкор карда шуд, ки дар маҷмӯъ аз рӯйи намуна баландшавии ночиз аз рӯйи миқёсҳои бартаридошта ба мушоҳида мерасад. Аз рӯйи миқёсҳои боқимонда арзишҳои бадастомада дар фосилаи мобайнии меъёр қарор доранд.

Барои маълум кардани он ки оё писарон ва духтарон аз рӯйи самтҳои мавриди таваҷҷуҳи мо фарқ мекунанд, сатҳи миқёсии меъёри рафтори донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ истифода шуд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда ошкор сохт, ки дар байни писарон ва духтарон аз ҷиҳати сатҳи изтироб фарқияти назаррас ба мушоҳида мерасад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки сатҳи изтироб дар духтарон нисбат ба писарон каме баландтар аст, ки ин метавонад аз хусусиятҳои психологӣ ва иҷтимоии гендерӣ вобаста бошад. Ҳамчунин, дар самти қатӣ будан дар ҳалли вазифаҳои ба миёномада байни духтарон ва писарон дар сатҳи тамоюл фарқиятҳо мушоҳида шуданд, яъне ин нишондиҳанда дар писарон нисбатан баландтар аст, ки ин метавонад ба омодагии бештари онҳо барои ҳалли масъалаҳо ва муқовимат ба душвориҳо ишора кунад.

Бо мақсади таҳлили амиқи масъала, дар таҳқиқот донишҷӯёни соли дуюми таҳсил аз рӯи ду ихтисоси гуногун иштирок карданд: «Донишҷӯёни ихтисоси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ» (33 нафар) ва «Донишҷӯёни

ихтисоси химия-биология» (38 нафар). Интихоби ин ихтисосҳо ба мо имкон дод, ки хусусиятҳои махсуси психологӣ ва шахсиятии донишҷӯёне, ки дар самтҳои гуногуни фаъолияти касбӣ таҳсил мекунанд, муқоиса карда шаванд. Натиҷаҳои муфассали таҳлили муқоисавӣ дар ҷадвали зер пешниҳод шудаанд, ки дар он нишондиҳандаҳои гуногуни психологӣ ва шахсиятӣ барои ҳар ду гурӯҳи донишҷӯён оварда шудаанд.

Ҷадвали 5. Фарқиятҳо аз рӯйи самтгириҳои гуногун

| Сифатҳои шахсӣ | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бартарӣ | Далерӣ | Тахайюлот | Изтироб | Қатъият | Бероҳатӣ | Худназо раткунӣ |
| 7, 11 | 7,35 | 6,63 | 7, 30 | 6,79 | 2,38 | 0,66 |
| 7, 33 | 7, 30 | 7, 16 | 7, 65 | 7, 68 | 0, 53 | 0, 96 |
| 5, 78 | 5, 48 | 6Д7 | 7,30 | 6, 11 | 2, 55 | 0, 63 |
| 7, 39 | 6, 83 | 8, 42 | 7, 65 | 7, 37 | 5, 28 | 0, 25 |
| 6, 67 | 7, 70 | 8, 00 | 7, 95 | 7, 37 | 6, 19 | 0, 18 |
| 4, 28 | 5, 13 | 5, 32 | 5, 05 | 5, 16 | 2, 81 | 0, 58 |
| 8, 06 | 7, 48 | 6, 95 | 7, 00 | 7, 95 | 5, 03 | 0, 27 |

Таҳлилҳои аввалияи маълумот нишон доданд, ки дар нишондиҳандаи мавриди таваҷҷуҳи мо, яъне дар он нишондиҳандае, ки мо интизор доштем байни гурӯҳҳои гуногун фарқиятҳои назаррасро мушоҳида кунем, фарқиятҳои аз ҷиҳати оморӣ боэътимод ошкор карда нашуданд. Ин натиҷа моро водор сохт, ки фарзияҳои худро аз нав дида бароем ва равишҳои таҳқиқотии худро иваз намоем, то омилҳои дигареро, ки метавонанд ба раванди азхудкунии фарҳанги инноватсионӣ таъсир расонанд, омӯзем.

Бо назардошти ин, мо бо мақсади амиқтар омӯхтани раванди азхудкунии фарҳанги инноватсионӣ, тасмим гирифтем, ки робитаи эҳтимолии ин равандро бо маънои ҳаёт дар байни донишҷӯён муайян

созем. Мо бар он назар будем, ки эҳсоси маъно дар ҳаёт метавонад ба ташаккули муносибати мусбат ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ ва омодагӣ ба қабули тағйирот мусоидат кунад. Барои ин, мо аз тести тамоюлоти маънии ҳаёт истифода бурдем, ки ҳамчун абзори ташхисии стандартишуда барои арзёбии дараҷаи дарки маънои ҳаёт аз ҷониби шахс хизмат мекунад.

Ин методика на танҳо ба арзёбии сатҳи маънои ҳаёт нигаронида шудааст, балки инчунин мақсади тасдиқи таҷрибавии як қатор тасаввуроти назариявиро, аз ҷумла, тасаввуротро дар бораи таъсири маънии ҳаёт ба рушди шахсият ва омодагии ӯ ба қабули фарҳанги инноватсионӣ, пайгирӣ мекард.

Дар методикаи мазкур мавриди таваҷҷуҳи мо ошкор кардани нишондиҳандаҳои муҳимтарини мақсади ҳаёт ва василаҳои ноил шудан ба он, маҳалли назорати берунӣ ва дохилӣ ҷалб менамояд.

Таҳлилҳо аз натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ нишон дод, ки арзишҳои номутаносибӣ ва зиёдатӣ аз сатҳи танқидӣ ба таври назаррас баланд мебошанд, ки аз каҷравӣ аз тақсимоти муътадили нишондиҳандаҳо аз рӯйи ҳамаи миқёсҳои тамоюлоти маънии ҳаёт гувоҳӣ медиҳад. Номутаносибии ба таври равшан ифодаёфтаи манфӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар намунаи мазкури донишҷӯён асосан ҷавобҳое бартарӣ доранд, ки бо бошуурии баланд ва пуррагии ҳаёт, тасаввуроти донишҷӯён дар бораи худ ҳамчун назораткунандагони рӯйдодҳое алоқамананд, ки мақсадҳои ҳаётӣ дошта, ба чизе, ки бо онҳо сурат мегирад, шомил шудаанд.

Дар ҷараёни гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ барои муайян кардани он ки кадом арзишҳо барои намунаи посухдиҳандагон дорои муҳиммияти бештар мебошанд, таҳлили муқаддамотии нисбат додани ин ё он арзиши мартабаи муайян гузаронида шуд. Дар ҷадвали 22 таносуби фоизии интихобҳои мартабавӣ барои арзишҳои ниҳоӣ пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 6. Маълумот дар бораи дучоршавии  арзишҳои ниҳоӣ бо мартабаи муайян бо фоиз.

| Дараҷа | Ҳаёти фаъол | Майлу рағбат | Ҷомеа | Маърифат | Маҳсул | Озодӣ | Хушбахтӣ | Эҷодиёт | Боварӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 12,05 | 0,00 | 0,00 | 2,41 | 2,41 | 3,61 | 1,20 | 0,00 | 9,64 |
| 2. | 4, 82 | 0, 00 | 2, 41 | 0, 00 | 4, 82 | 4, 82 | 0, 00 | 4, 82 | 6, 02 |
| 3. | 3, 61 | 8, 43 | 2, 41 | 2, 41 | 1, 20 | 6, 02 | 0, 00 | 1,20 | 10, 84 |
| 4. | 8,43 | 10,84 | 4, 82 | 2, 41 | 2, 41 | 4, 82 | 1, 20 | 0,00 | 6, 02 |
| 5. | 4, 82 | 4, 82 | 1, 20 | 6, 02 | 3, 61 | 3, 61 | 0, 00 | 3,61 | 7, 23 |
| 6. | 4, 82 | 8, 43 | 2, 41 | 7, 23 | 4, 82 | 6, 02 | 2, 41 | 7, 23 | 10, 84 |
| 7. | 8.43 | 6,02 | 7, 23 | 3, 61 | 3, 61 | 1, 20 | 8, 43 | 3, 61 | 4, 82 |
| 8. | 7, 23 | 4, 82 | 4, 82 | 4, 82 | 4, 82 | 8, 43 | 2, 41 | 3, 61 | 6, 02 |
| 9. | 6.02 | 7, 23 | 2, 41 | 10, 84 | 8, 43 | 9, 64 | 2, 41 | 3, 61 | 9, 64 |
| 10. | 7, 23 | 12, 05 | 6, 02 | 7, 23 | 7, 23 | 8, 43 | 2,41 | 0, 00 | 8, 43 |
| 11. | 2, 41 | 8,43 | 9, 64 | 8.43 | 10.84 | 8,43 | 2,41 | 3.61 | 3, 61 |
| 12. | 6,02 | 7, 23 | 3, 61 | 6, 02 | 7,23 | 8, 43 | 3, 61 | 2, 41 | 7, 23 |
| 13. | 8, 43 | 7, 23 | 13, 25 | 8, 43 | 10, 84 | 6, 02 | 6, 02 | 3, 61 | 3, 61 |
| 14. | 3,61 | 3,61 | 8.43 | 10,84 | 8, 43 | 3.61 | 7, 23 | 3.61 | 0,00 |
| 15. | 1, 20 | 4, 82 | 9, 64 | 7, 23 | 9, 64 | 3, 61 | 14, 46 | 7, 23 | 1, 20 |
| 16. | 6,02 | 2,41 | 3, 61 | 4,82 | 6,02 | 8,43 | 15, 66 | 14.46 | 3,61 |
| 17. | 1,20 | 2, 41 | 10, 84 | 3, 61 | 0, 00 | 1, 20 | 12, 05 | 28, 92 | 1, 20 |
| 18 | 3,61 | 1, 20 | 7, 23 | 3, 61 | 3, 61 | 3, 61 | 18, 07 | 8, 43 | 0, 00 |
| I | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

Таҳлили маълумоти пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки басомади интихоби арзишҳои гуногуни ниҳоӣ дар байни донишҷӯён яксон нест. Ин маънои онро дорад, ки баъзе арзишҳо нисбат ба дигарон дар иерархияи арзишҳои шахсии донишҷӯён мавқеи баландтарро ишғол мекунанд.

Масалан, арзиши «Ҳаёти фаъол» аз ҷониби 12,05% посухдиҳандагон (10 нафар аз 83 нафар) дар ҷойи аввал гузошта шудааст. Ин нишон медиҳад, ки барои ин гурӯҳи донишҷӯён, фаъолият, ҳаракат ва иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ аҳамияти махсус дорад. Арзиши «Боварӣ ба худ» низ аз ҷониби як қисми донишҷӯён хеле баланд арзёбӣ шудааст: 9,64% (8 аз 83 донишҷӯ) онро дар ҷойи аввал, 6,02% дар ҷойи дуюм ва 10,84% дар ҷойи сеюм гузоштаанд. Дар маҷмуъ, се дараҷаи аввали ин арзиш 26,4%-ро

ташкил медиҳанд, ки ин нишондиҳанда аз аҳамияти баланди эътимод ба худ ва қобилияти шахсии донишҷӯён шаҳодат медиҳад. Ин маълумотҳо бо боварибахшии шахсияти донишҷӯён хеле қобили муқоиса мебошад ва метавонад ба таҳлили минбаъдаи хусусиятҳои шахсӣ ва арзишҳои онҳо асос гузорад.

Дар ҳоле ки масалан, арзишҳои «Кори ҷолиб», «Эътирофи ҷамъиятӣ», «Эҷодкорӣ» аз рӯйи муҳиммияти худ ба сифати аввалиндараҷа аз ҷониби ягон нафар аз донишҷӯён муайян карда нашуданд. Дар маҷмӯъ, бояд қайд кард, ки арзиши «Боварӣ ба худ» ҷойҳои аввалро ишғол мекунад, дар ҳоле ки арзишҳои «Хушбахтии дигарон» ва «Эҷодкорӣ» аксар вақт ҷойҳои охиринро ишғол менамоянд.

Дар ҷадвал таносуби фоизии интихобҳои мартабавӣ барои арзишҳои ниҳоӣ пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 7. Маълумот дар бораи арзишҳои ниҳоӣ бо мартабаи муайян дар намунаи донишҷӯён (%)

| Рутба | Дархостҳои баланд | Мустақи-лият | Таҳсил-гирифта | Масъулият | Оқилона будан | Боирода будан | Далерӣ дар дифои ақидаи худ | Таҳаммул-пазирӣ | Самаранокӣ дар корҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 7, 23 | 9, 64 | 12, 05 | 7, 23 | 4, 82 | 4, 82 | 3, 61 | 0, 00 | 4, 82 |
| 2. | 3, 61 | 3, 61 | 8, 43 | 20, 48 | 2, 41 | 6, 02 | 3, 61 | 3, 61 | 4, 82 |
| 3. | 1, 20 | 8, 43 | 4, 82 | 7, 23 | 9, 64 | 8, 43 | 4, 82 | 3, 61 | 2, 41 |
| 4. | 3, 61 | 3, 61 | 4, 82 | 6, 02 | 4,82 | 8, 43 | 7, 23 | 7, 23 | 8, 43 |
| 5. | 0, 00 | 1, 20 | 8, 43 | 8, 43 | 3, 61 | 6, 02 | 9, 64 | 2, 41 | 4, 82 |
| 6. | 2, 41 | 8.43 | 3.61 | 12, 05 | 3, 61 | 6.02 | 7,23 | 6.02 | 13, 25 |
| 7. | 2, 41 | 2, 41 | 4, 82 | 7, 23 | 7, 23 | 6, 02 | 3, 61 | 7, 23 | 2, 41 |
| 8. | 2, 41 | 7.23 | 3.61 | 1, 20 | 8, 43 | 4.82 | 12, 05 | 6,02 | 6, 02 |
| 9. | 3, 61 | 7, 23 | 4, 82 | 4, 82 | 6, 02 | 3, 61 | 6, 02 | 2,41 | 4, 82 |
| 10. | 0, 00 | 4, 82 | 4, 82 | 2, 41 | 8, 43 | 8, 43 | 6, 02 | 3, 61 | 3, 61 |
| 11. | 4, 82 | 7, 23 | 7, 23 | 4, 82 | 4, 82 | 6, 02 | 3, 61 | 4, 82 | 9, 64 |
| 12. | 2, 41 | 7, 23 | 4, 82 | 4, 82 | 9,64 | 4, 82 | 8, 43 | 3, 61 | 7,23 |
| 13. | 2, 41 | 7, 23 | 4, 82 | 2, 41 | 10,84 | 723 | 2, 41 | 12, 05 | 4, 82 |
| 14. | 2.41 | 7, 23 | 7, 23 | 3, 61 | 0,00 | 4.82 | 3, 61 | 6, 02 | 7, 23 |
| 15. | 8, 43 | 2, 41 | 7, 23 | 4, 82 | 2, 41 | 9, 64 | 6, 02 | 9, 64 | 10, 84 |
| 16. | 13, 25 | 7, 23 | 4, 82 | 0, 00 | 4, 82 | 2, 41 | 4, 82 | 4, 82 | 1, 20 |
| 17. | 14, 46 | 1, 20 | 2, 41 | 2, 41 | 6, 02 | 120 | 7, 23 | 10, 84 | 3, 61 |
| 18. | 25, 30 | 3, 61 | 1, 20 | 0, 00 | 2, 41 | 1, 20 | 0, 00 | 6, 02 | 0, 00 |
| I | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

Аз маълумоти пешниҳодшуда бармеояд, ки басомади дучоршавии арзишҳои гуногун бо мақоми муайян низ якхела намебошад. Масалан,

арзиши «Таҳсилгирифта» ба ҷойи 1 бо 12,05% (10 аз 83 посухдиҳандагон), арзиши «Масъулият» дорои мақоми 1 бо 7,23%, ва макоми 2 бо 20.48% қарор дода шуданд. Арзиши «Истиқлолият» бо 9,64% ҷои 1-ум ва бо 12,04% ҷойҳои 2 ва 3-ро ишғол мекунанд. Мақомҳои пастро (аз 13 то 18) арзишҳои «Дархостҳои баланд» (66 – 67%-и донишҷӯён) ва «Таҳаммулпазирӣ» (49, 40%-и донишҷӯён) ишғол мекунанд. Арзишҳои номбаршударо бо хислатҳои шахсиятии донишҷӯён, ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ: масъулият, боварибахшӣ ва ҳассосияти фарҳангӣ муқоиса мекунем.

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки фарқиятҳои назаррас дар афзалиятҳои арзишӣ байни донишҷӯён амалан вуҷуд надорад. Истисноро арзишҳои «Кори ҷолиб» ва «Дархостҳои баланд» ташкил медиҳанд. Ва маҳз «Кори ҷолиб» ва «Дархостҳои баланд» назаррас аст. Дар ҷадвали зер таносуби фоизи интихобҳои мақомии арзишҳо пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 8. Таносуби фоизии писарон ва духтарон, ки мақомҳои гуногунро ба арзишҳои «Кори ҷолиб» ва «Дархостҳои баланд» нисбат додаанд

| | Духтарон | | Писарон | |
|---|---|---|---|---|
| Мақом | Кори ҷолиб | Дархостҳои баланд | Кори ҷолиб | Дархостҳои баланд |
| 1. | 0, 00 | 0,00 | 0, 00 | 17, 65 |
| 2. | 0, 00 | 0, 00 | 0.00 | 8,82 |
| 3. | 10, 20 | 2, 04 | 5, 88 | 0, 00 |
| 4. | 14, 29 | 2,04 | 5, 88 | 5, 88 |
| 5. | 6, 12 | 0, 00 | 2, 94 | 0, 00 |
| 6. | 8, 16 | 2, 04 | 8, 82 | 2, 94 |
| 7. | 8.16 | 0, 00 | 2, 94 | 5, 88 |
| 8. | 6, 12 | 2, 04 | 2, 94 | 2, 94 |
| 9. | 8, 16 | 4.08 | 5, 88 | 2, 94 |
| 10. | 8, 16 | 0, 00 | 17, 65 | 0, 00 |
| 11. | 10, 20 | 6, 12 | 5, 88 | 2, 94 |
| 12. | 10.20 | 2, 04 | 2,94 | 2, 94 |
| 13. | 4, 08 | 4, 08 | 11, 76 | 0, 00 |
| 14. | 0, 00 | 4.08 | 8, 82 | 0, 00 |
| 15. | 4, 08 | 14, 29 | 5, 88 | 0, 00 |
| 16. | 2, 04 | 14, 29 | 2, 94 | 11, 76 |
| 17. | 0, 00 | 12, 24 | 5.88 | 17.65 |
| 18. | 0, 00 | 30, 61 | 2, 94 | 17, 65 |
| (%) | 100 | 100 | 100 | 100 |

Аз маълумоти ҷадвали 25 бармеояд, ки бо 30,61% духтарон ба арзиши “Кори ҷолиб” мартабаҳои ба таври кифоя баланд (3 – 5), ва бо10,2% бошад, мақомҳои паст – мақомҳои пастро (13 – 18) нисбат медиҳанд. Писарон, баръакс, бо 38,24% ба макоми «Кори ҷолиб» мақомҳои нисбатан паст (13 –18), ва бо 14,17% бошад, мақомҳои баландро (3 – 5) нисбат медиҳанд. Дар мавриди арзиши «Дархостҳои баланд» бошад, дар ҳолати мазкур тасвири муқобил танҳо барои духтарон ба мушоҳида мерасад: 4,08% духтарон арзиши мазкурро дар ҷойҳои аввал (дар рутбаҳои 1 – 5), ва 79,59 % духтарон – ба охириҳо (мақомҳои 13–18) мегузоранд. Барои писарон тасвири «ғайрихаттӣ» хос аст, алахусус: шумораи ба таври кифоя зиёди писарон арзиши «Дархостҳои баланд»-ро дар ҷойҳои аввал (мақомҳои 1,2 ва 5; 32, 35%) ва ҷойҳои охирин (мақомҳои 16 – 18; 47,06%) қарор доданд.

Бояд қайд кард, ки дар рафти таҳқиқот донишҷӯёни соли 2-юми таҳсил, ки аз рӯйи самтҳои гуногун (Химия-биология (34 нафар), омӯзгори синфҳои бтидоӣ 21 нафар) таълим мегиранд, иштирок карданд. Дар ҷадвали 26 натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ ба иҷро расидааст, пешниҳод шудаанд.

Ҷадвали 9. Фарқиятҳо дар афзалиятҳои арзишӣ байни донишҷӯёне, ки аз рӯйи самтҳои гуногуни таълим таҳсил мекунанд.

| Тартиби рақам | Сифатҳои шахсӣ | Нишондиҳандаҳо | Нишондиҳандаҳо | Нишондиҳандаҳо | Нишондиҳандаҳо | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳаёти фаъол | 9 | 6,3 | 8,76 | 4,22 | 0,12 |
| 2. | Кори ҷолиб | 10 | 9,95 | 7,5 | 8, 61 | 0, 01 |
| 3. | Эътирофи ҷамъиятӣ | 13 | 11,6 | 11,2 | 2,33 | 0,31 |
| 4. | Маърифат | 11 | 10,2 | 11,1 | 0,89 | 0, 63 |
| 5. | Ҳаёти пурмаҳсул | 8,1 | 9,7 | 10,5 | 1, 46 | 0,48 |
| 6. | Озодӣ | 8,7 | 9,85 | 9, 91 | 1,47 | 0,47 |
| 7. | Хушбахтии дигарон | 12 | 14,9 | 15, 1 | 14, 70 | 0, 001 |
| 8 | Эҷодкорӣ | 12 | 14 | 13, 6 | 3,70 | 0,15 |
| 9 | Боварӣ бахуд | 7,5 | 7,25 | 6, 53 | 0,63 | 0,72 |
| 10. | Дархостҳои баланд | 13 | 13,4 | 12,8 | 0,44 | 0,80 |
| 11. | Мустақилият | 9,1 | 9,55 | 8, 79 | 0,11 | 0,94 |
| 12. | Таҳсилгирифта | 10 | 7,1 | 7, 29 | 5, 10 | 0,07 |
| 13. | Масъулият | 8,3 | 4,95 | 5, 65 | 5, 88 | 0,05 |

Давоми ҷадвали 9.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 14. | Оқилона будан | 10 | 9,2 | 8, 59 | 1,10 | 0,57 |
| 15. | Мустақилият | 8,6 | 9,5 | 7, 85 | 1,13 | 0,56 |
| 16 | Далерӣ | 9,2 | 10,1 | 8, 32 | 0,43 | 0,51 |
| 17 | Таҳаммулпазирӣ | 8,3 | 8,7 | 13 | 11, 48 | 0, 003 |

Маълумоти пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки баъзе фарқиятҳо дар афзалиятҳои арзишӣ байни донишҷӯёне, ки аз рӯйи самтҳои гуногуни таълим таҳсил мекунанд, ҷой доранд. Ҳамин тавр, дар донишҷӯёни гурӯҳи ихтисоси «Химия-биология» арзиши «Кори ҷолиб» нисбат ба донишҷӯёни ихтисоси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ мартабаи баландтар дорад.

Зимни ҳузури фарқиятҳои боэътимод дар мақомбандии арзиши «Хушбахтии дигарон» (ҷадвали 26), бояд қайд кард, ки дар ҳамаи гурӯҳҳо тамоюли гузоштани ин арзиш дар ҷойҳои охир вуҷуд дорад. Фарқиятҳо ба он дахл доранд, ки то кадом дараҷа ин тамоюл ифода ёфтааст. Ҳамин тавр, натиҷа нишон медиҳад, ки донишҷӯён арзиши «Хушбахтии дигарон»-ро ба ҷойҳои охир гузоштаанд.

Инчунин донишҷӯён арзиши «Кори ҷолиб»-ро дар ҷойҳои аввал (мақомҳои 3 – 5) мегузоранд. Дар байни ҷавобҳо донишҷӯён зиёда аз 2 маротиба (25%) бештар арзиши «Масъулият»-ро ба ҷойҳои охир (мақомҳои 13 – 18) гузоштаанд. Аксар вақт ба ҷойҳои аввал (мақомҳои 1 – 5) арзиши мазкурро (61, 9%) мегузоранд.

Барои маълум кардани он, ки арзишҳои ниҳоии донишҷӯён бо кадом арзишҳои методӣ алоқамананданд, таҳлили ҳамбастагии байни арзишҳои ниҳоӣ ва методӣ истифода шуд.

Зимни ҳузури фарқиятҳои боэътимод дар мақомбандии арзиши «Хушбахтии дигарон», бояд қайд кард, ки дар ҳамаи гурӯҳҳо тамоюли гузоштани ин арзиш дар ҷойҳои охир вуҷуд дорад. Фарқиятҳо ба он дахл доранд, ки то кадом дараҷа ин тамоюл ифода ёфтааст. Ҳамин тавр, аз натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки донишҷӯён арзиши «Хушбахтии дигарон»-ро ба ҷойҳои охир гузоштаанд.

Дар таҳқиқот мо ду миқёси асосии тамоюли шахсиятӣ, ки барои таҳлили хусусиятҳои психологӣ ва муносибати инсон ба ҳаёт муҳим мебошанд, мавриди таваҷҷуҳ қарор додем:

*Миқёси муваққатӣ:* Ин миқёс нишон медиҳад, ки инсон дар айни замон то чӣ андоза ба зиндагӣ кардан майл дорад, бидуни он ки пайваста ба оянда назар дӯзад ё ба гузашта баргардад. Ин миқёс нишон медиҳад, ки шахс то чӣ андоза қодир аст, ки аз лаҳзаи ҳозира лаззат барад ва дар ҳозира зиндагӣ кунад, бе он ки фикрҳои доимӣ дар бораи оянда ё пушаймонӣ дар бораи гузашта ӯро парешон созанд.

*Миқёси дастгириҳо:* Ин миқёс қобилияти шахсро барои рушд бахшидан ба худ ва такя кардан ба захираҳои дохилии худ андозагирӣ мекунад, на ба интизориҳо ё арзёбиҳои одамони дигар. Ин миқёс муайян мекунад, ки шахс то чӣ андоза мустақил аст, ба худ бовар дорад ва оё ӯ метавонад мустақилона қарор қабул кунад ва ба ҳадафҳои худ бирасад, бидуни он ки аз фикри дигарон вобаста бошад.

Омӯзиши ин ду миқёс ба мо имкон медиҳад, ки фаҳмиши амиқтар дар бораи хусусиятҳои шахсӣ ва стратегии зиндагии инсон ба даст орем, ки ин дар навбати худ, барои таҳияи барномаҳои рушди шахсӣ ва касбӣ муфид буда метавонад.

Илова бар ин, миқёсҳои иловагӣ мавҷуданд, ки чунин сифатҳоро, аз қабили худэҳтиромкунӣ, тасодуфият, арзишҳои ҳастӣ, мусбатнокии назарҳо ба табиати инсонӣ андозагирӣ мекунанд. Ба назари мо, онҳо бо чунин хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ: ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, масъулият, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулият робита доранд.

Тести мазкур имкон дод, ки аз рӯйи таҳлили шахсикунонидашуда, аз ҷумла аз рӯйи ҷинс, натиҷаҳои боварибахш ба даст оварда шаванд, ки зарурати татбиқи консепсияи идоракунии педагогии донишҷӯёнро тасдиқ мекунанд (ҷадвали 30). Ҳам духтарон, ҳам писарон нишондиҳандаҳои баландро аз рӯйи миқёси арзишҳо кашф карда, арзишҳои шахсияти худмубрамшавандаро ҷонибдорӣ мекунанд, ки ба шумори онҳо А. Маслоу чунинҳоро, ба монанди ҳақиқат, некӣ, зебоӣ, якпорчагӣ, набудани парешонхотирӣ, ҳаётӣ будан, беҳамтоӣ, комилият, комёбӣ,

адолат, тартибот, соддагӣ, сабукӣ бе вазнинӣ, бозӣ, худкифоягӣ нисбат медод. Афзалияти ин арзишҳо аз ҷониби донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣимкон медиҳад, ки дар бораи кӯ шиши онҳо ҳамчун барандагони фарҳанги инновватсионӣ бақобилияти мустақилона ба танзим даровардани рафторихуд ва ва барои он ҷавобгӯ будан, боварибахшӣ ва масъулияти онҳо ҳарф занем.

Тибқи пурсиш, донишҷӯён дар замони ҳозира ҳаёт ба сар бурда, онро «ба баъд» ба таъхир наандохта, арзиши муҳимми ҳаётро «дар ин ҷо ва айни замон» дарк карда, чунин хислатҳоро, ба монанди худмубрамсозӣ, худтатбиққунӣ дар саъю талоши мутобиқ шудан ва айният ёфтан ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда кашф мекунад.

Маълум шуд, ки баъзе духтарон ба дастгирии психологӣ ниёз доранд, дар ҳоле ки дигарон аз он озоданд; аксарияти посухдиҳандагон майли иваз кардани завқу арзёбиҳои худро бо стандартҳои берунии иҷтимоӣ надоранд. Дар посухдиҳандагон ба таври равшан муоширатнокӣ, кобилият ба барқарорсозии муносибатҳои устувор ва хайрхоҳҳона бо атрофиё ифода ёфтаанд. Танҳо дар баъзе духтарон (дар муқоиса бо писарон) нобоварӣ ба худ ва изтироб (20%) ба назар мерасанд.

Натиҷаҳои тести мазкур моро ба чунин хулоса оварданд, ки мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар раванди татбиқи шароити зарурии педагогӣ, ки истифодаи мақсадноки воситаҳо ва методҳои идоракунии педагогии донишҷӯёнро дар раванди таълим пешбинӣ менамоянд, бомуваффақият сурат гирифт. Дар натиҷаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дурустии муқаррароти асосии фарзияи пешниҳодшуда тасдиқ карда шуд, ки мувофиқи он мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар назария ва амалияи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки принсипи фарҳангмувофиқиро дар консепсияи идоракунии педагогии донишҷӯён татбиқ менамояд, имконпазир аст. Мақсади таҳқиқот ба даст омада, вазифа ва фарзияҳо татбиқи худро ёфтанд. Методика ва абзорҳои таҳқиқот дуруст муайян карда шудаанд.

## Хулосаи боби сеюм

1. Дар боби мазкур натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишии аз ҷониби мо гузаронидашуда, марҳилаҳо ва ташкил, таҳлил ва шарҳи натиҷаҳои бадастомадаи он пешниҳод шудаанд. Дурустии фарзия тасдиқ карда шуд, ки мувофиқи он донишҷӯён, барандагони фарҳанги инноватсионӣ мебошанд, аммо ба ин таври номуташаккил омада, аз ҷониби аксарият хислатҳои аз ҷониби мо фарқгузорӣ кардашуда, бахусус тамоми маҷмӯи онҳо, тамоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо инъикос намешаванд. Ин зарурати татбиқи консепсияи идоракунии педагогии донишҷӯён ва дар асоси он амсилаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ муайян месозад.

2. Фарзияи таҳқиқотӣ бо истифода аз маҷмӯи усулҳои назарӣ (таҳлил, ҷамъбаст, муқоиса, амсиласозӣ) ва таҷрибавӣ (таҳлили ҳуҷҷатҳо, таҳқиқи нерӯи муассиса, мушоҳида, пурсиш, тестгузаронӣ, мусоҳиба, арзёбии коршиносӣ, худбаҳодиҳӣ, иншо, методи зиндагиномавӣ, таҳлили мазмунӣ, кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, озмоиши таълимӣ, усулҳои омори математикӣ) тасдиқ карда шуд.

Дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ самарабахшии истифодаи маҷмӯии методҳои психологӣ-ташхисӣ асоснок ва тасдиқ карда шуд. Марҳилаи муқарраркунандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ташхиси ҳолати мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, таҳияи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо, ошкор кардани вазъи ибтидоӣ ва таҳияи барномаи кори тачрибавӣ-озмоиширо дар бар гирифт.

Дар мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ таҷрибаи муносибатҳои байнишахсӣ (оила, дӯстон) мубрам гардонида шуд. Тасаввуроти донишҷӯён дар бораи волидони сазовор чунин тақсим шуданд: «дарккунандагон ва эътимодкунандагон» – 33 %, «ман волидони беҳтарин дорам» – 24%, талабкунандагон ва принсипнокҳо – 19%, «ғамхорӣ ва бодиққат» – 18%, «волидонро интихоб намекунанд» – 6%.

3. Дар марҳилаи ташаккулдиҳандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, раванди татбиқи консепсияи идоракунии педагогӣ пайваста мониторинг карда шуд, ки тасдиқи фарзияи тағйирёбӣ ва рушди имконпазири хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсиониро таъмин намуд. Ин натиҷа тавассути якчанд омил ба даст омад:

– тасдиқи амсилаи сохтории мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ: Амсилаи сохторӣ ба мо имкон дод, ки сохтори мураккаби муносибатҳои байни омилҳои гуногуни шахсӣ ва иҷтимоиро, ки ба мубрамсозии шахсияти донишҷӯён таъсир мерасонанд, фаҳмем ва тасвир намоем;

– истифодаи миқёси аз ҷониби мо таҳиягардидаи меъёрӣ-сатҳӣ: Миқёси таҳияшуда ба мо имкон дод, ки сатҳи мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро ба таври объективӣ арзёбӣ намоем ва тағйиротҳоро дар динамика мушоҳида кунем.

– истифодаи методҳои психологӣ-ташхисӣ ва методикаҳои ҳамдигарро пурракунанда: Маҷмӯи васеи методҳо ба мо имкон дод, ки ба таҳлили ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯён ва омилҳои таъсиррасон ноил гардем.

Дар маҷмуъ, ин равиш ба мо имкон дод, ки муваффақияти татбиқи консепсияи идоракунии педагогӣ ва таъсири онро ба рушди шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ тасдиқ намоем.

4. Марҳилаи ҷамъбастӣ қисмати ниҳоии таҳқиқотро ташкил дода, дар он маълумоти ҷамъовардашуда коркард ва таҳлил карда шуданд. Ин раванд дар асоси методологияи пешбинишуда ва миқёси меъёрӣ-сатҳӣ, ки махсус барои ин таҳқиқот таҳия гардида буд, амалӣ гардид.

Дар ин марҳила, таҳлили амиқи маълумотҳо имкон дод, ки натиҷаҳои дақиқи кори тачрибавӣ-озмоишӣ муайян ва тавсиф карда шаванд. Инчунин, дар асоси натиҷаҳои бадастомада, муқаррароти асосии таҳқиқот, ки дар марҳилаҳои аввал пешниҳод шуда буданд, тасдиқ ва ба таври муфассал шарҳ дода шуданд. Ҳамин тариқ, марҳилаи ҷамъбастӣ

имкон дод, ки тамоми маълумотҳо ба як хулосаи мушаххас ҷамъбаст шуда, аҳамият ва саҳми таҳқиқот дар соҳаи мавриди назар нишон дода шавад.

Истифодаи тестҳо ошкор кард, ки омилҳои афзалиятдошта дар донишҷӯён аз рушди чунин хислатҳои шахсияти донишҷӯён ҳачмун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, ба монанди ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазир будан, худмубрамсозӣ, масъулият гувоҳӣ медиҳанд.

Ин ба таври назаррас инчунин бо натиҷаҳои бо истифодаи тестҳо ба даст омада тасдиқ мешавад. Ҳамин тавр, арзишҳои номутаносибӣ ва зиёдатӣ ба таври эътимодбахш аз сатҳи танқидӣ баланд мебошанд, дар бораи каҷравӣ аз тақсимоти муътадили нишондиҳандаҳо аз рӯйи ҳамаи миқёсҳои тамоюлоти маънии ҳаётӣ шаҳодат медиҳад. Номутаносибии ба таври қавӣ ифодаёфта аз он гувоҳӣ меҳад, ки дар намунаи мазкури донишҷӯён асосан ҷавобҳое бартарӣ доранд, ки бо бошуурӣ ва пуррагии ҳаёт, бо тасаввуроти донишҷӯён дар бораи худ ҳамчун назораткунандагони ҳодисаҳои рӯйдиҳанда, ки дорои мақсадҳои ҳаётӣ буда, ба он чизе ки бо онҳо сурат мегирад, шомил карда шудаанд, алоқамананданд. Мо бо чунин хислатҳои донишҷӯён: кушода будан ба инноватсияҳо, эҷодкорӣ, худмубрамсозӣ ва масъулият робита дорем.

Дар натиҷаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ мо дурустии фарзияи пешниҳодшударо тасдиқ кардем, ки тибқи он мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар шароити идоракунии педагогии донишҷӯён имконпазир аст.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастомада мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Ташаккули мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ вазифаи муҳимми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ буда, тавассути равишҳои навини муосир дар соҳаи таҳсилот татбиқ меёбад.

2. Таҳқиқоти мо ба дарки он равона гардидааст, ки чӣ гун анъанаҳо ва инноватсияҳо ба ҳам марбутанд ва чӣ гуна фарҳанги ҷомеа ба шахсияти ҳар як донишҷӯ таъсир мерасонад. Масъалаи асосӣ – муайян намудани он аст, ки фарҳанги инноватсионӣ чист, аз чӣ таркиб ёфтааст ва чӣ гуна онро дар донишҷӯён ва омӯзгорон рушд додан мумкин аст.

3. Фарҳанги инноватсиониро мо ҳамчун қисмати фарҳанги умумии ҷомеа ва шахсияти алоҳида баррасӣ менамоем. Таҳқиқоти мо ба он равона гардидааст, ки таркиби онро дарк намуда, чӣ гуна равишҳои навро дар таҳсилот истифода бурдан мумкин аст, ошкор созем. Дар баробари ин, мо сайъ намудем муайян созем, ки ҳадафи омодасозии мутахассисони муосир дар чист, ба кадом донишу маҳоратҳо онҳо бояд балад бошанд, то ки на танҳо чизи навро қабул намоянд, балки онро дар кори худ истифода бурда тавонанд.

4. Дар рафти лоиҳаи таҳқиқотии мазкур, ки ба таҳлили амиқи масъалаи мавриди назар бахшида шуда буд, на танҳо таҳлил, балки дақиқнамоӣ ва мушаххаснамоии аппарати илмии он низ анҷом дода шуд. Раванди мазкур таърифи дақиқтари мафҳумҳои калидиро дар бар мегирифт, ки асоси фаҳмиши фаъолияти инноватсионӣ дар муҳити таълимиро ташкил медиҳанд.

6. Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти гузаронидашуда бо роҳи озмоишӣ як қатор сифатҳои муҳимми шахсияти донишҷӯён, аз он ҷумла фарҳанги рафтор, ҳассосӣ ба навгониҳо, кушода будан ба ғояҳо ва равишҳои нав, худшиносӣ, эҷодкорӣ, ошкор ва собит карда шуданд. Диққати махсус ба робитаи миёни ин сифатҳои шахсиятӣ ва самаранокии фаъолияти

инноватсионӣ равона гардид.

7. Дар асоси мавқеъҳои назариявӣ, ки ба татбиқгардии шахсият дахл доранд, консепсияи муаллифӣ таҳия гардид, ки равишҳои навро ба идоранамоии педагогии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ пешниҳод мекунад. Асоси консепсияи мазкурро амсилаи педагогие дар бар мегирад, ки ба рушди зарфияти инноватсионии ҳар як донишҷӯ равона гардидааст. Амсилаи мазкур хусусиятҳои инфиродӣ ва эҳтиёҷоти донишҷӯён ва инчунин вижагиҳои муҳити таълимиро ба эътибор мегирад.

8. Амсилаи сохтории пешниҳодгардидаи татбиқнамоии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ тамоюли дақиқ барои ноил гардидан ба дастовардҳои мушаххасро доро мебошад, ки он ба рушди зуҳуроти фаъоли шахсият марбут буда, ба фаъолияти натиҷабахши инноватсионии онҳо мусоидат мекунад.

9. Барои татбиқи босамари консепсияи идоранамоии педагогии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ як қатор шароитҳоеро ба вуҷуд овардан зарур аст, ки ба рушди худтакомулдиҳӣ, худтатбиқсозӣ, худшиносӣ ва худамалигардонӣ мусоидат мекунанд. Омили боварибахш ташкили раванди ҳадафманди тарбия мебошад, ки ба принсипҳои гуманистӣ асос ёфтааст.

10. Меъёри муҳимми арзёбии самаранокии консепсияи идоранамоии педагогӣ дар муассисаи таълимӣ мавҷудияти низоми дақиқи ҳадаф ва вазифҳо маҳсуб мешавад, ки ба дарки дақиқи худ ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ аз ҷониби донишҷӯён равона гардидааст. Ғайр аз ин, равиши навоваронаи омӯзгоронро қайд намудан зарур аст, ки дар омодагии онҳо ба ҳамкории судманд бо донишҷӯён зимни принсипҳои аслияти фарҳангӣ-таърихӣ ифода мегардад.

11. Самарабахшии консепсияи пешниҳодгардидаи идоранамоии педагогӣ ва амсилаи татбиқсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар рафти тасвиби он дар раванди кори таҷрибавӣ-озмоишӣ бо истифода аз методҳои гуногуни назариявӣ ва

амалӣ собит гардид. Фарзия оид ба таъсири мусбати идоранамоии педагогӣ ба рушди зарфияти инноватсионии донишҷӯён тавассути истифодаи методҳои назариявӣ, ба монанди таҳлил, ҷамъбасткунӣ, муқоисакунӣ, таҳияи хулосаҳо ва амсиласозӣ, инчунин методҳои озмоишӣ ба монанди таҳлили ҳуҷҷатҳо, омӯзиши имконияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, мушоҳида, пурсишнома, тестгузаронӣ, мусоҳиба, эссе амалӣ гардид.

12. Дар хотима ба сифати пинсипҳои заминавии тарбияи фарҳангӣ тамоюл ба хосиятҳои моҳиятии инсонро, ки дар педагогика ва таҳсилот аҳамияти хосса дошта, аз ҷониби муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ муайян мегардад, ном бурдан ҷоиз аст. Принсипи мазкур барои ташаккули шахсияти рушдкарда, ки қодир аст бомуваффақият ба шароитҳои тағйирёбанда мутобиқ гардад ва саҳми худро дар рушди ҷомеа гузорад, заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Тавсияҳо ҷиҳати истфодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

